# Гулчини абёти баргузида

Тошкент-2013

**Мураттибон: Фарҳод Исомиддинов**
**Мирзоалӣ Абдуназаров**

**Муҳаррири масъул: Рӯзибой Қурбониён**

Ин гулчини панду андарзҳои ҳайратангез, зарбулмасалу мақолҳои ҳазломез, суханҳои ҳикматомез, рубоиёти асрорангез, ғазалҳои шаҳдомези ниёгонамон, ки ба чоп омода гардид, барои мутоилаи оммаи васеи хонандагон, дӯстдорони адабиёти воломақом, аз ҷумла, барои хонандагони мактабҳои таълими ҳамагона, донишҷӯёни литсеву коллеҷҳо, донишкадаву донишгоҳҳо, муаллимон, падару модарон, яъне барои оммаи васеи халқ пешбинӣ шудааст.

# Пешгуфтор

Адабиёти тоҷик яке аз қадимтарин, пурғановаттарин ва оманадортарин адабиётҳои ҷаҳон маҳсуб меёбад. Ин адабиёт бо андӯхтаҳои пурарзиш ва шоҳасарҳои беназири худ дар ганҷинаи тамаддуни башарият мақоми пурифтихореро ишғол менамояд. Мувофиқи маълумотҳои таърихшиносон аввалин намунаҳои адабиётамон дар нимаи аввали ҳазорсолаи якуми пеш аз милод офарида шудаанд.

Ин дастагули тару тозаи абёти ҳикматноку пандомези дар талаффуз шевою гуворо, ки аз матолиби нодири шавқу завқи хонандаи нозукадо сарчашма гирифтааст, аз баҳри беканори адабиёти қадими халқамон барчинда шуд.

Мураттибон иқдом гирифта буданд, ки нахуст аз назми пуртаровату дилангези оламгири адабиёти тоҷик маҷмӯъаеро ба табъ расонанд. Инак завқу шавқи хонандаи имрӯзаи тоҷикро ба инобат гирифта ин гулчин мураттиб гардид. Мураттибон кӯшиш ба харҷ доданд, ки беҳтарин ва машҳуртарин панду ҳикматҳо, рубоиёту ғазалҳои шоирони тоҷикро аз давраҳои қадимтарин то ибтидои асри XX гирдоварӣ намоянд. Барои тартиб додани ин маҷмӯъа қариб тамоми осори шоирони маъруфи тоҷик варақгардон карда шуд ва намунаҳои беҳтарини онҳо гирдоварӣ карда шуд.

Дар ин маҷмӯъа хусусиятҳои синну соли хонандагони мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ, талабаҳои коллеҷу литсейҳо, донишкадаҳои олӣ ва завқи мардуми адабиётдӯст ба инобат гирифта шуд.

Хонандагони азиз, ин китобе, ки дар даст доред, гулчине аз чаманистони адабиёти пурғановатамон буда, дар он беҳтарин панду андарзҳо, зарбулмасалу мақолҳои ҳазломез, чистонҳои асрорангез, рубоиёти дилангез ва аз ғазалҳои шаҳдомез гирд оварда шуданд. Хонед, завқ баред, азбар кунед, маърифати худро боло намоед.

# Баҳри беканори панду ҳикматҳо

# Панд

Панд фикрҳои оқилонаест, ки ба тарзи маслиҳат ва насиҳат гуфта шудаанд. Пандҳо одатан бо шеър ё худ ҷумлаҳои баландмазмун ва ибораҳои рехта ва барҷаста ифода мегарданд. Панду насиҳат, ё худ панду ҳикматҳо дар эҷодиёти гузаштагони адабиёти мо мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Панду ҳикматҳои гузаштагони мо хулосаҳои муҳими фалсафиро, ки аз таҷрибаи рӯзгори онҳо ҳосил шудааст, дарбар мегирад. Мепурсанд, ки байни панд ва ҳикмат фарқе ҳаст, ё не?

Фарқи калоне нест, лекин дар пандҳо хулосаҳои муҳими оқилона ба тарзи маслиҳат ва хитобан ба шахси дуюм гуфта мешавад.

Барои мисол байти зерини Фирдавсӣ ба тарзи панд гуфта шудааст:

Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин хуш аст.

## Ҳикмат

Ҳикматҳо суханони оқилонаест, ки дар гуфтаҳо, мисраъҳо, байтҳо ё ҷумлаҳои оқилонае, ки мазмун ва мундариҷаи баланди маънавии пандомӯзона доранду дар худ хулосаҳои оқилонаи фалсафиро, аз таҷрибаи рӯзгорашон ҳосил шудааст, баён мекунанд. Ҳикматҳо одатан ба қалами бузургони адабиётамон хос буда, монанди зарбулмасалу мақолҳо дар байни халқ маъмулу машҳур ва паҳн гардидааст, бинобарон зарбулмасалҳоро як навъи ҳикмат медонанд. Ин байти Рӯдакиро ҳикмат гуфтан ҳам мумкин, ҳам зарбулмасал:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

# 1. Дар васфи ҳаёт, зиндагӣ, халқ

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

*Рўдакӣ*

Фурсати умр азиз аст, азизаш дорӣ,
Ҳар нафас гавҳари ноёб, ту арзон мафурўш.

В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,
Рафтанду равему боз оянду раванд.
*Хайём*

Насиҳатат кунамат бишнаву баҳона магир,
Ҳар он чи носеҳи мушфиқ бигўядат, бипазир!
*Саъдӣ*

Асли кас аз кас набошад кам, чи ҷумла зи одаманд,
Лек ҳар кас ҷавҳари илм аст, вологавҳар аст.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Бо ёру рафиқ даҳр некўст,
Н-арзад ба ҷаве замона бе дўст.
*Шоҳини Шерозӣ*

Падарро нафс дону ақл модар,
Маёзор ин ду касро, эй бародар.
*Носири Хусрав*

Тарҷумони дил аст нутқу забон,
Марзбони тан асту суду зиён.
*Саноӣ*

Дарахти хирад пирист, эй бародар,
Дарахташ аён асту бораш ниҳон аст.
*Носири Хусрав*

Фош кун ҳилати бадандешон,
То нагўянд ғофилӣ з-эшон.
*Авҳадӣ*

Занги охир бурд моро ҳар куҷо  аз ҳам ҷудо,
То ҳанузам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.

Ҳама корҳо аз фурўбастагӣ,

Кушояд валекин ба оҳистагӣ.
Ганҷавӣ

Аз андоза бартар мабар дасти хеш,
Фузун аз гилемат макун пои хеш.
Балхӣ

Ҳар нафас бизгзашт аз умрат, бидон,
Ту дигар ҳаргиз наёбӣ он замон.

Агар ганҷи Қорун ба даст оварӣ,
Намонад, магар он чӣ бахшӣ, барӣ!
Саъдӣ

Ҳар кӣ бадкорӣ кунад, ногаҳ ниҳад бар хок сар,
Ҳар кӣ бадаҳдӣ кунад, ногаҳ ниҳад бар бод ҷон.
Муиззӣ

Чу парварда бошад писар дар шикор,
Натарсад, чу пеш оядаш корзор.
Саъдӣ

То фазлу ҳунар оинапардоз нашуд,
З-иқбол даре  ба рӯйи кас боз нашуд.
Бедил

Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз,
Куҷо боҳунар шуд асири ниёз?

Бипарҳез аз ҳар чӣ нокарданист,
Наёзор онро, ки н-озурданист.
*Фирдавсӣ*

Сӯҳбати ӯ кун, ки ба сидқу сафост,
Домани ӯ гир, ки з-аҳли вафост.
*Хусрави Деҳлавӣ*

Хонаи дил кардаам чун сафҳаи оина соф,
Як шаб аз баҳри Худо, эй шамъи базморо биё.
*Сайидо*

Тариқат ба ҷуз хидмати халқ нест,
Бе тасбеҳу саҷҷодаву далқ нест.

*Саъдӣ*

# 2. Дар васфи илму дониш ва танқиди бедонишиву нодонӣ

Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,
Қулфкушои ҳама дарҳост илм.
Ҷомӣ

Илм агар андак бувад, хораш мадор,
З-он ки дорад илм қадри бешумор.
Аттор

Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.
Ҷомӣ

Илм чандон, ки бештар донӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ.
Саъдӣ

Агар дар ҷаҳон навбад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирадӣ рӯзгор.
*Рӯдакӣ*

Зиндагӣ маҷмӯаи бешу камист,
Ҳар шабе дар осмон маҳтоб нест.

Умр чун об асту вақт ўро чу ҷў,
Хулқи ботин реги ҷўи умри ту.
*Румӣ*

Дар илм ба нияти амал кўш,
То заҳри ту з-ин амал шавад нўш.
Ҳилолӣ

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
*Рӯдакӣ*

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
*Фирдавсӣ*

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,
К-ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.
Саъдӣ

Бадгуҳарро илму фан омӯхтан,
Додани теғ аст, ба дасти роҳзан.
*Румӣ*

Ҷавонони донои донишпазир,
Сазад гар нишинанд бар ҷои пир.
*Фирдавсӣ*

Биёмӯз ҳарчанд битвониё,
Магар хештан шод гардониё!
Балхӣ

Ҳар кӣ ӯро маърифат ҳосил нашуд,
Ҳеҷ бар мақсуди худ восил нашуд.
*Аттор*

Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
*Рӯдакӣ*

Илми худро макун ҷудо зи амал,
Ки бувад корсоз илму амал.
Биноӣ

Ба дониш бувад мардро обрӯй,
Ба бедонишӣ то тавонӣ мапӯй.
*Фирдавсӣ*

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.
*Рӯдакӣ*

Тавоно  бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

*Фирдавсӣ*

Эй дода таноби дониш аз даст,
Байни ману ту таноб бигсаст.

*Шоҳин*

Биёмӯз он чӣ нашносӣ ту зинҳор,
Ки бар кас нест аз омӯхтан ор.

*Носири Хусрав*

Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.

*Фирдавсӣ*

Бихон ҳар чӣ хонӣ, валекин тамом,
Ки нопухта некӯтар аз нимхом.

Хусрави Деҳлавӣ

Биёмӯзу бишнав зи ҳар донише,
Биёбӣ зи ҳар донише ромише.

*Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтор кирдор беҳтар бувад.

*Фирдавсӣ*

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.

*Фирдавсӣ*

Илм дорӣ, зи кас мадор дареғ,
Дар дили ташнагон бибор чу меғ.

*Авҳадӣ*

Сари ростӣ донишояд нахуст,
Хунук он, к-аз оғоз фарҷом ҷуст.

*Фирдавсӣ*

Зи донову нодон сухан нашнавем,
Ба гуфтори фарҳангиён бигравем.

*Фирдавсӣ*

Илми бокор судманд бувад,
Илми бекор пойбанд бувад.

*Саноӣ*

Фузун аст аз он дониш андар ҷаҳон,
Ки бишнуд гӯш ошкору ниҳон.

*Фирдавсӣ*

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ рӯй ба ин ганҷ неҳ!

*Рӯдакӣ*

Касе, к-ӯ ба дониш забонаш фурӯхт,
Ба чора бад аз бун тавонад сипӯхт.

*Фирдавсӣ*

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

*Рӯдакӣ*

Барандешад он кас, ки доно бувад,
Зи коре, ки бар вай тавоно бувад.

*Фирдавсӣ*

Олим он кас бувад, ки бад накунад,
На бигӯяд ба халқу худ накунад.

Саъдӣ

Гар надорад симу зар доно, манеҳ номаш гадо,
Дар бараш дил баҳри дониш, ӯ шаҳи баҳру бар аст.

Ҷомӣ

Асрори азалро на ту дониву на ман,
Ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.

Хайём

Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ.

*Низомӣ*

Хон, то нашавӣ ба собирӣ суст,
Гавҳар ба дарат метавон ҷуст!

*Низомӣ*

Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис бозпурс,
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд.

*Ҳофиз*

Ҳар кӣ з-омӯхтан надорад нанг,
Дур барорад зи обу лаъл аз санг.
*Низомӣ*

В-он кӣ дониш набошадаш рӯзӣ,
Нанг дорад зи донишомӯзӣ.
*Низомӣ*

В-эй басо кӯрдил, ки аз таълим,

Гашт қозиюлқузоти ҳафт иқлим.
*Низомӣ*

Яке нағз бозӣ кунад рӯзгор,
Ки биншонадат пеши омӯзгор.
*Фирдавсӣ*

На ман зи беамалӣ дар ҷаҳон малӯламу бас,
Малолати уламо ҳам зи илми беамал аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу пухта шавад, талх ширин шавад,
Ба дониш сухани гавҳарогин шавад.
*Балхӣ*

Ба дониш бувад ҷону дилро фурӯғ,
Нигар, то нагардӣ ба гирди дурӯғ.
*Фирдавсӣ*

Илм чандон ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест нодонӣ.
*Саъдӣ*

Дилатро ба донишварӣ дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш.
*Ҷомӣ*

# 3. Дар васфи хирад, ақл, ҳуш, зеҳн

Чун ҳушёрам, зи ман тараб пинҳон аст,
Чун маст шавам, дар хирадам нуқсон аст.

*Хайём*

Ақли худро чарх зан бо чархи илм,
То шавад дониши ту афзун, расо.

Пурдилон хира гашта, к-ин дил ку?
Буздилон хирадил, ки дил ҷон шуд.
*Шамси Табрезӣ*

Сухансанҷу камгӯю бисёрдон,

Хирадпешаю зираку кордон.
*Ҳотифӣ*

Ақли худро чарх бинмо як даме,
Ҳарфҷадвал гар кӯшоӣ кам-каме.
Суруш

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
*Фирдавсӣ*

Ӯ ба бинӣ бӯ кунад, мо бо хирад,
Ҳам бибӯемаш ба ақли мунтақад.
*Румӣ*

Касе, к-аш хирад бошад омӯзгор,
Нигаҳ дорадаш гардиши рӯзгор.
*Фирдавсӣ*

Донодил аз ҷавоҳири ҳикмат хазинаест,
Аз хештан мадор ҷудо ин хазинаро!
Ҷомӣ

Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ба чашми хирад корҳо бингарад.
*Фирдавсӣ*

Далеру хирадманду ҳушёр бош,
Ба пос андарун сахт бедор бош.
*Фирдавсӣ*

Ту чандон ки бошӣ, сухангӯй бош,

Хирадманд бошу накӯхӯй бош.
*Фирдавсӣ*

Агар ёр бошад равон бо хирад,
Ба неку ба бад рӯзро нашмарад.
*Фирдавсӣ*

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.
Чилим гуфто, ки ман дуди хазонам,
Чилимкашро ба дӯзах мерасонам.

Диле, к-аз хирад гардад ороста,
Чу ганҷе бувад пурзару хоста.
*Фирдавсӣ*

Бидонад баду нек марди хирад,
Бикӯшад зи доду бипечад зи бад.
*Фирдавсӣ*

...Ки бахту хирад раҳнамуни ту бод,
Бузургиву дониш сутуни ту бод!
*Фирдавсӣ*

Хирад парварад ҷони донандагон,
Хирад раҳ намояд ба хонандагон.
*Фирдавсӣ*

Хирад тахту давлат, кулоҳи ту бод,
Ҳамеша хирад посбони ту бод!
*Фирдавсӣ*

# 4. Дар васфи ҳунар ва ҳунармандӣ

Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ки гирад туро марди донандахор.
*Фирдавсӣ*

Ҳунар худ далерист бар ҷойгоҳ,
Ки баддил набошад худованди гоҳ.
*Фирдавсӣ*

Дабирӣ расонад ҷавонро ба тахт,
Шавад носазо з-ӯ сазовори бахт.

*Фирдавсӣ*

Ҳунар мардумӣ бошаду ростӣ,
Зи кажжӣ бувад каммию костӣ.

*Фирдавсӣ*

Дабирӣ биёмӯз фарзандро,
Чу ҳастӣ бувад хешу пайвандро.

*Фирдавсӣ*

Ҳунармандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар бадандеш торик дор.

*Фирдавсӣ*

Ҳунар ҷӯву тимори бешӣ мах(в)ар,
Ки гетӣ сипанҷ асту мо баргузар.

*Фирдавсӣ*

Бикӯшеду шамшеру гурз оваред,
Ҳунарҳо зи болову бурз оваред...

*Фирдавсӣ*

Ҳунар он ки омӯзӣ аз ҳар касе,
Бикӯшию печӣ зи ранҷиш басе.

*Фирдавсӣ*

Диранг оварад ростиҳо падид,
Зи роҳи ҳунар сар набояд кашид.

*Фирдавсӣ*

Машав ғарра з-оби ҳунарҳои хеш,
Нигаҳ дор бар ҷойгаҳ пои хеш.

*Фирдавсӣ*

Ҳунар ҷӯю бо пири доно нишин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи бахт офарин.

*Фирдавсӣ*

Беҳ аз озмоиш набошад гуво,
Гувои сухангӯву фармонраво.

*Фирдавсӣ*

Ҷавон арчи доно бувад бо гуҳар,
Абе озмоиш нагирад ҳунар.

*Фирдавсӣ*

Ба мардон зи ҳар гуна кор оядо,

Гаҳе базму гаҳ корзор оядо.
*Фирдавсӣ*

Ҷавонони дорандаву богуҳар,

Нагиранд беозмоиш ҳунар.
*Фирдавсӣ*

Чу пеш оядам гардиши рӯзгор,
Набояд маро панди омӯзгор.
*Фирдавсӣ*

Чу хоҳӣ, ки ранҷи тан ояд ба бор,
Мабартоб танро зи омӯзгор.
*Фирдавсӣ*

Ғаму шодмонӣ бибояд кашид;
Зи ҳар талху шӯрӣ бибояд чашид.
*Фирдавсӣ*

Ба кор андар андеша бояд нахуст,
Бад-он то шавед эмину тандуруст.
*Фирдавсӣ*

Қадри аҳли ҳунар касе донад,
Ки ҳунарномаҳо басе хонад.
*Низомӣ*

Кӯш, то халқро ба кор ойӣ,
То ба хулқат ҷаҳон биоройӣ.
*Низомӣ*

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ,
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ!
*Низомӣ*

Дил ба ҳунар деҳ, на ба даъвипараст,
Сайди ҳунар бош ба ҳар ҷо, ки ҳаст.
*Низомӣ*
Дар замине дарахт бояд кишт,
К-оварад мевае чу боғи биҳишт.

*Низомӣ*

Гардани ақл аз ҳунар озод нест,
Ҳеҷ ҳунар хубтар аз дод нест.
*Низомӣ*

# 7. Дар васфи некиву накӯкорӣ

Напояд ҷаҳон, эй бародар, ба кас,
Намонад ба ҷуз номи некӯву бас.
*Фирдавсӣ*

Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.
Саъдӣ

Дар гулистон на баҳору на хазон мемонад,
Самари боғи ту некист, ҳамон мемонад.
*Кироми Бухороӣ*

Бад аз нек он гаҳе ояд падидат,
Ки қуфл аз кор букшояд калидат
*Низомӣ*

Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд.
*Саъдӣ*

Чунин гуфтанд доноёни ҳушёр,
Ки неку бад ба марг ояд падидор.
*Низомӣ*

Чу дӯзӣ сад қабо дар шодкомӣ
Бидар пероҳане дар некномӣ.
*Низомӣ*

Имрӯз, ки бозорат пурҷӯшу харидор аст,
Дарёбу бинеҳ ганҷе аз мояи некӯӣ.
*Саъдӣ*

Ту некӣ кун, матарс аз хасми хунхор,
Ба некӣ бурд ҷон сайёд аз он мор.

*Низомӣ*

Ту некЬ мекуну дар Дахла андоз,
Ки Эзид дар биёбонат ди{ад боз.

*Халгb*

Некӣ куну аз бадӣ маяндеш,
Нек ояд некро фаро пеш.

*Низомӣ*

Бад он ту накард, ҳар кӣ бад кард,
К-он бад ба яқин ба ҷои х(в) ад кард.

*Низомӣ*

Ба номи накӯ кушта гаштан ба ҷанг,
Беҳ аз зиндагонӣ бо айбу ба *нанг.*

*Фирдавсӣ*

Некӣ бикуну ба чоҳ дарандоз.
К-аз чаҳ ба ту рӯй баркунад боз.

*Низомӣ*

Ҳар неку баде, ки дар навоест,
Дар гунбади оламаш садоест.

*Низомӣ*

Бар гардани ҳеҷ некхоҳе,
Шамшер мазан ба ҳар гуноҳе.

*Низомӣ*

Чу фаррух бувад рӯзе аз бомдод.
Ҳама мардро некӣ ояд ба ёд.

*Низомӣ*

Беҳ аз номи накӯ дигар ном нест,
Ба он кас, ки некӯ саранҷом нест.

*Низомӣ*

Чу мехоҳӣ, эй марди некӯписанд.
Ки номе барорӣ ба некӣ баланд.

*Низомӣ*

Яке ҷома дар некномӣ бипӯш,
Ба некӣ дигар ҷомаҳо мефрӯш.

*Низомӣ*

Ба дарвеш деҳ, он чӣ дорӣ нахуст,
Ки бунгоҳи дарвешро кас наҷуст.

*Низомӣ*

Фидо кун дирам, хушдилеро басеҷ,
Ки арзон бувад дил харидан ба ҳеҷ.

*Низомӣ*

Бадонро бад ояд зи чархи кабуд,
Ба некон некӣ ояд фуруд.

*Низомӣ*

Макун ҷуз ба некӣ гироянд агӣ,
Ки дар некномист, поянд агӣ.

*Низомӣ*

Гарм шав аз меҳру зи кин сард бош,
Чун маҳу хуршед ҷавонмард бош!

*Низомӣ*

Ҳар кӣ ба некӣ амал оғоз кард,
Некии ӯ рӯй бад-ӯ боз кард.

*Низомӣ*

Чун нест умеди умр аз шом ба чошт,
Боре ҳама тухми некӯӣ бояд кошт.

*Низомӣ*

Чун оламро ба кас нахоҳанд гузошт,
Боре дили дӯстон нигоҳ бояд дошт.

*Низомӣ*

Даҳрӯза меҳри гардун афсонаест афсун,
Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Рухи ту дар дилам омад, мурод хоҳам ёфт,
Чаро ки ҳоли накӯ дар қафои фоли накӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Айби риндон макун, ай зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон бар ту нахоҳад навишт!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман агар некаму гар бад, ту бирав, худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,
Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар ниҳодат ҳама ин аст, зиҳӣ некниҳод,

В-ар сириштат ҳама ин аст, зиҳӣ нексиришт!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар неку баде, ки дар шумор аст,
Чун дарнигарӣ, салоҳи кор аст.
*Низомӣ*

Ҳама корам зи худкомӣ ба бадномӣ кашид, охир,
Ниҳон кай монад он розе, к-аз он созанд маҳфилҳо?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, ниҳоди неки ту комат бароварад,
Ҷонҳо фидои мардуми некӯниҳод бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накӯхоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.
*Носири Хусрав*

Гули наргис накӯ бошад ба дидан,
Валекин талх бошад дар чашидан.
*Фахриддини Гургонӣ*

# 8. Дар васфи дӯстиву рафоқат

Макун бо ёри якдил бевафоӣ,

Ки кас бо кас накард ин нохудой.

*Низомӣ*

Махӯр танҳо, гарат худ оби ҷӯй аст,
Ки танҳохӯр чу дарё талххӯй аст.

*Низомӣ*

Дар замири мо намегунҷад ба ғайр аз дӯст кас,
Ҳарду оламро ба душман деҳ, ки моро дӯст бас.

Сарнавишти мову ту бар дасти ӯст,
Нек андеш, эй бародар, ёру дӯст.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Сари иродати мо з-остони ҳазрати дӯст,
Ки ҳар чи бар сари мо меравад, иродати ӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Назири дӯст надидам, агарчи аз Маҳу Меҳр
Ниҳодам ойинаҳо дар муқобили рухи дӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Айб арчи даруни дӯст беҳтар,
Ойинаи дӯст дӯст беҳтар.

*Низомӣ*

Дӯстоне, ки дар нифоқ афтанд,
Душманонро ҳам иттифоқ афтанд.

*Низомӣ*

Аз хиёнатгарист бадномӣ,
В-аз бадӣ ҳаст бад саранҷомӣ.

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар кӣ меху кадина пеш ниҳод,
Кунда бар дасту пои хеш ниҳод.

*Низомӣ*

Танат ба нози табибон ниёзманд мабод,
Вуҷуди нозукат озурдаи газанд мабод.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Душмани доно, ки ғами ҷон бувад,
Беҳтар аз он дӯст, ки нодон бувад.

*Низомӣ*

Зи рӯйи дӯст дили душманон чӣ дарёбад?!
Чароғи мурда куҷо, шамъи офтоб куҷо?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳафт аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хилватгузидаро ба тамошо чӣ хоҷат аст?!
Чун кӯйи дӯст ҳаст, ба саҳро чӣ хоҷат аст?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷоми ҷаҳоннамост замири мунири дӯст,
Изҳори эҳтиёҷи худ он ҷо чӣ ҳоҷат аст?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Розе, ки барои халқ нагуфтему нагӯем,
Бо дӯст бигӯем, ки ӯ маҳрами роз аст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Агарчи дӯст ба чизе намехарад моро,
Бо оламе нафурӯшем мӯе аз сари дӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Сайри сипеҳру даври қамарро чӣ ихтиёр?!
Дар гардишанд бар ҳасаби ихтиёри дӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар боди фитна ҳар ду ҷаҳонро ба ҳам занад,
Мову чароғи чашму раҳи интизори дӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Куҳлулҷавоҳире ба ман ор, ай насими субҳ,
З-он хоки некбахт, ки шуд раҳгузори дӯст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Марҳабо, ай пайки муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар диҳад дастам, кашам дар дида ҳамчун тӯтиё
Хоки роҳе, к-он мушарраф гардад аз иқдоми дӯст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар ишқ хонақоҳу хароботи фарқ нест,
Ҳар ҷо, ки ҳаст, партави рӯйи ҳабиб ҳаст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод,
Ёд бод, он рӯзгорон ёд бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Касе, ки ҳусни хати дӯст дар назар дорад,
Муҳаққақ аст, ки ӯ ҳосили басар дорад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар кӣ бошад туршрӯю талхгӯй,

Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй.
Аттор

Минбаъд чӣ суд, ар қадаме ранҷа кунад дӯст,
К-аз ҷон рақаме дар тани ранҷур намондаст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Завқе чунон надорад бе дӯст зиндагонӣ,
Бе дӯст зиндагонӣ завқе чунон надорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Домани дӯст ба сад хуни дил афтод ба даст,
Ба фусӯсе, ки кунад хасм, раҳо натвон кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?!
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо,

Аз амонӣ гуфтугӯ доем мо.
*Мирзо Турсунзода*

Сӯҳбати дерошноён дер барҳам мехӯрад,
Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност.
*Саъдӣ*

Дӯстӣ бо мардуми доно накӯст,
Душмани доно беҳ аз нодон дӯст.
*Румӣ*

# 9. Дар васфи ростӣ ва растагорӣ

Тирро то натарошӣ, нашавад рост ҳаме,
Сарвро то наперой, воло нашавад.
*Манучеҳрӣ*

Ба каҷҷию норостӣ кам гирой,
Ҷаҳон аз паи ростӣ шуд ба пой.
*Абӯшакури Балхӣ*

Ростиро шеваи худ кун мудом,

То шавӣ дар ҳар ду олам некном.
*Румӣ*

# 10. Дар васфи кӯшишу ғайрат, зиракӣ ва ҳушёрӣ

Бикӯшед то ному нанг оваред,
Сари душманон зери чанг оваред.
*Фирдавсӣ*

Бикӯшед бо пушт пушт оваред,
Магар бахти равшан ба мушт оваред.
*Фирдавсӣ*

Чу коре, ки имрӯз бояд-т кард,
Ба фардо расад, з-ӯ бароранд гард.

*Фирдавсӣ*

Бикӯшеду якбора нанг оваред,
Ҷаҳон бар бадандеш танг оваред.

*Фирдавсӣ*

Ҳаме зӯри гурдӣ ба ҷой оваред,
Чаҳонро зи мардӣ ба пой оваред.

*Фирдавсӣ*

Бикӯшед имрӯз, эй сарварон,
Ки то ҳаст, гетӣ нагардад ниҳон.

*Фирдавсӣ*

Ҳама ҷон фишонем дар корзор.
Макун сустӣ андар гаҳи корзор.

*Фирдавсӣ*

Чу кӯшиш зи андоза андар гузашт,
Чунон дон, ки кӯшанда навмед гашт,

*Фирдавсӣ*

В-агар борад аз меғ пӯлодтеғ,
Нашояд, ки дорем ҷонро дареғ.

*Фирдавсӣ*

Дилу пушти бедодгар бишканед,
Ҳама беху шохаш зи бун барканед.

*Фирдавсӣ*

Ҳамин ранҷ бар хештан барниҳем,
Аз он беҳ, ки гетӣ ба душман диҳем.

*Фирдавсӣ*

Касе, к-ӯ наҷӯяд саранҷоми хеш,
Наёбад зи гетӣ ҳаме коми хеш.

*Фирдавсӣ*

Ту бояд, ки пайкори мардон кунӣ,
Ба ҷанг андар оҳанги гурдон кунӣ.

*Фирдавсӣ*

Далеро, ки чандин бицӯяд набард,
Барорад ҳаме аз дили шер гард.

*Фирдавсӣ*

Бувад расму оини марди далер,
Ки орад бо оҳистагӣ шер зер.

*Фирдавсӣ*

Ба ханчар дили душманон бишканем,
В-агар кӯҳ бошад, зи бун барканем.

*Фирдавсӣ*

Кунун кор пеш ом адат сахт бош,
Ба ҳар кор перомани бахт бош!

*Фирдавсӣ*

Ҳар кӣ накнад эҳтиёти корҳо,
Бар дилаш охир нишинад борҳо.

*Аттор*

Саркаш машав, ки чун шамъ аз ғайратат бисӯзад
Дилбар, ки дар кафи ӯ мум аст санг хоро!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар он ки пои талаб дар тариқи азм ниҳод,
Ба тахтгоҳи бузургӣ рассад ба гоми нахуст.

# 11. Васфи зан дар шеърият

Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,
Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.

Турсунзода

Зани бад дар сарои марди накӯ,
Ҳам дар ин олам аст дузахи ӯ.

Саъдӣ

Зан агар оташ намешуд, хом мемондем мо,
Норасида бодае дар ҷом мемондем мо.

Турсунзода

Зи гетӣ ҳама панди модар ниюш,
Ба бад тез маштобу бар бад макӯш.

Фирдавсӣ

Зане, к-ӯ намояд ба бегона рӯй,
Надорад шукӯҳи худу шарми шӯй.

*Низомӣ*

Агар зан худ аз сангу оҳан бувад,
Чу зан ном дорад на ҳамзан бувад.

*Низомӣ*

На ҳар зан зан бувад, ҳар зода фарзанд,
На ҳар гул мева орад, ҳар нае қанд.

*Низомӣ*

Ҷавонбахту ҷаҳонорой , эй зан,
Ҷамоли зиннати дунёй, эй зан.

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Набудӣ зиндагӣ, гар зан набудӣ,
Вуҷуди халқро мабдоӣ, мабдоӣ эй зан!

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Бинои некбахтиро ба гетӣ
Ту ҳам меъмору ҳам биноӣ, эй зан!

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Табиат ҷазбаи ишқ аз ту омӯхт,
Ки ту худ ишқро мабноӣ, эй зан!

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Аё модар, бимирам дар нафасҳоят,
Ки дунё бо дуоҳои ту боқист.

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Дунё чӣ нораво буд, ҳастӣ чӣ носазо буд,
Халлоқ гар намебуд меҳри расои модар.

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Бо модари хеш адаб нигаҳ дор,
Зеро ки ризои мо дар он аст.

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Хоҳӣ, ки ризои Ҳақ биҷӯӣ,
Он кун, ки ризои модарон аст.

*Муҳаммадтақии Баҳор*

Туро ҳоҷат ба ороиш набошад,
Ки худ по то ба сар орой, эй зан.
*Муҳаммадтақии Баҳор*

Занонро лутфу хушхӯист дар кор,
Чу тифлонро бувад шафқат сазовор.
*Носири Хусрав*

Аз санг сахттар аст ҷони зан, вале мудом,
Бояд, ки ҳамчу гул варо ба ноз парварид.

# 12. Дар васфи падару модар ва фарзанд

Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,
Дар зери қудуми модарон аст.
Ҷомӣ

Аё модар ба он сон бесаводӣ,
Нахустин устоди ман ту будӣ.
*Лоиқ*

Басе рӯзгорон, ки сахтӣ барад,
Писар чун падар нозукаш парварад.
*Саъдӣ*

Якшаба он ранҷ, ки модар кашид,
Бо ду ҷаҳонаш натвон баркашид.

Бар ҳар чӣ бирафт аз ту ба ман,
Меҳри падарӣ кашид доман.
*Бинойӣ*

Ба фарзанде, ки давлат бад нахоҳад,
Ҷуз иқболи падар бо х(в) ад нахоҳад,
*Низомӣ*

Чӣ созад бе ту фарзандат, бияндеш,
Ҳамон бинад зи фарзандон паси хеш,
*Низомӣ*

Ба неку бад машав дар банди фарзанд,
Ниёбат худ кунад фарзанди фарзанд.
*Низомӣ*

Банд бигсил, бош озод, эй писар,
Чанд бошӣ банди симу банди зар.
*Румӣ*

Эй писар, хону хон, туро гуфтам,
Ки ту бедор шав, ки ман хуфтам;
*Низомӣ*

Сӯҳбате ҷӯй, к-аз накуномӣ
Дар ту орад накӯ саранҷомӣ.
*Низомӣ*

Раият чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт.
*Саъдӣ*

Хирадманду бедор бош, эй писар,

Ба бозӣ мабар умри худро ба сар.
*Низомӣ*

Бубин, то зи тухме, ки мо коштаем,
Чу беҳ буд аз он бар, ки бардоштаем.
*Низомӣ*

Соҳибдиле надидаам ҳамтои модарон,
Дар дил баҷойтар кӣ бувад ҷойи модарон.
*Низомӣ*

Танҳо на падар зи ёди ман шуд,
Худ ёди ман аз ниҳоди ман шуд.
*Низомӣ*

Писарро накӯ дору роҳат расон,
Ки чашмаш намонад ба дасти касон.

*Саъдӣ*

Ҳар он кас, ки фарзандро ғам нахӯрд,
Дигар кас ғамаш хӯрду бадном кард.
*Саъдӣ*

Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой.
*Саъдӣ*

Биёмӯз фарзандро дастранҷ,
В-агар даст дорӣ чу Қорун ба ганҷ.
*Саъдӣ*

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,
К-ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.
*Саъдӣ*

То шавад роҳи ҳаёти ман сафед,
Рехт мӯйҳои сиёҳи модарам.
номаълум

Чу бинӣ ятиме сарафганда пеш,
Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш.
*Саъдӣ*

Эй писар ҳаргиз макун танҳо сафар,
К-он сафар бошад туро бешак хатар.
*Саъдӣ*

# 13. Дар васфи забон, сухандонию суханронӣ

Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайди маънӣ мекунад,
Чун забон мебояд, аввал хилвате пайдо кунад.
*Бедил*

Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,
Омӯхтани сад забон осон гардад.
*Халқӣ*

Чӣ мардум, ки гӯё надорад забон,

Чӣ ороста пайкаре беравон.

*Тӯсӣ*

Гарчӣ ҳиндӣ дар узубат шаккар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

*Иқбол*

Ҳар нукта, к-ояд аз лабу дандон, чу гавҳар аст,
Хуш он, ки сохт ганҷи гуҳар дурҷи синаро.

*Ҷомӣ*

Сухан авло зи зар бошад, зизам,
Сухан теғу сипар бошад, азизам.

*Ҷонибеки Қувноқ*

Сухан дониста гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бетаҳаммул ошно бегона мегардад.

Саъдӣ

Ҳамчунон чу тани мо зинда ба об ҳасту ҳаво,
Сухани хуб дили мардумро об ҳасту ҳавост.

*Носири Хусрав*

Сухан бисёр донӣ, андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.

*Низомӣ*

Сухан кам гӯй, то бар кор гиранд,
Ки дар бисёр бад бисёр гиранд.

*Низомӣ*

Сухан ҷон асту ҷондоруи ҷон аст,
Магар чун ҷон азиз аз баҳри он аст.

*Низомӣ*

Ҳар кӣ худ аз ҳамзабонаш шуд ҷудо,
Бенаво шуд, гарчӣ дорад сад наво.

*Румӣ*

Саодат ёр хоҳӣ дар ҳама кор,
Суханҳои шариф аз даст магзор.

*Носири Хусрав*

Чу бар худ надорӣ раво наштаре,

Макаш теғ бар гардани дигаре.
Хусрави Деҳлавӣ

Сухан бояд ба дониш дарҷ кардан,
Чу зар санҷида, он гаҳ харҷ кардан.
*Низомӣ*

Сухан бояд, ки бомеъёр бошад,
Ки пур гуфтан харонро бор бошад
*Низомӣ*

Сухан дар фарҷае парвар, ки фарҷом,
Зи вогуфтан туро неку шавад ном.
*Низомӣ*

Гуфтан зи ман, аз ту кор бастан,
Бе кор наметавон нишастан.
*Низомӣ*

Бо ин ки сухан ба лутф об аст,
Кам гуфтани ҳар сухан савоб аст.
*Низомӣ*

Об арчи ҳама зулол хезад,
Аз хӯрдани пур малол хезад.
*Низомӣ*

Кам гӯй, гузида гӯӣ чун дур,

То з-андаки ту шавад ҷаҳон пур.
*Низомӣ*

Сухан то напурсанд, лаб баста дор,
Гуҳар нашканӣ, теша оҳиста дор.
*Низомӣ*

Сухан гуфтан он гоҳ бувад судманд,
К-аз он гуфтан овоза гардад баланд.
*Низомӣ*

Чу дархӯрди гӯянда н-ояд ҷавоб,
Сухан ёва кардан набошад савоб.
*Низомӣ*

Сухан гуфтани бикр ҷон суфтан аст,
На ҳар кас сазои сухан гуфтан аст.
*Низомӣ*

Забон банд кун, то сар орӣ ба сар,
Забон хушк беҳ, то гулӯгоҳи тар.
*Низомӣ*

Сари безабон, к-ӯ ба хун тар бувад,
Беҳ аст аз забоне, ки бесар бувад.
*Низомӣ*

Забоне, ки дорад сухан носавоб,
Ба хомӯшияш дод бояд ҷавоб.
*Низомӣ*

Сухан гуфтани нарм фарзонагист,
Дуруштӣ намудан зи девонагист.
*Низомӣ*

Пеши фикри мо сухан сайри гулистон кардан аст,
Лафзро аз ранги маънӣ гул ба домон кардан аст.
*Шавкати Бухороӣ*

Суханро, ки гӯянда бадгӯ бувад,

На некӯ бувад, гарчи некӯ бувад.
*Низомӣ*

Қофиясанҷон, ки сухан баркашанд,
Ганҷи ду олам ба сухан даркашанд.
*Низомӣ*

Чун суханад шахд шуд, арзон макун,
Шаҳди суханро магасафшон макун!
*Низомӣ*

Чу бишнавӣ сухани аҳли дил, магӯ, ки хатост,
Суханшинос наӣ, ҷони ман, хато ин ҷост!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Суханҳои доно, ки некӯ бувад,
Барад баҳра ҳар кас, ки бо ӯ бувад.
*Тӯсӣ*

Ҳофиз, аз боди хазон дар чамани даҳр маранҷ,
Фикри маъқул бифармо, гули бехор куҷост?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба омӯхтан чун фурӯтан шавӣ,
Суханҳои донандагон бишнавӣ.
*Фирдавсӣ*

Гар сухан лоиқ аст, дар вай печ,
В-арна сад сол гуфтаӣ ҳама ҳеҷ.
*Биноӣ*

Саодат ёр хоҳӣ дар ҳама кор,
Суханҳои шариф аз даст магзор.
*Носири Хусрав*

Сухан зоҳир кунад сӯзи ниҳонро,
Зи шамъи дил барафрӯзад ҷаҳонро.
*Ҳилолӣ*

Агар майли сухан дорӣ, бирав Соиб қалам сар кун,
Касе ин уқдаро бе нохуни эъҷоз накшояд.
*Соиб*

Хирадпешаю зираку кордон.
Сухансанҷу камгӯю бисёрдон.
*Ҳотифӣ*

# 14. Дар васфи мардӣ, мардонагӣ, одаму одамгарӣ

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ!
*Рӯдакӣ*

Дил он беҳ, к-аз дари мардӣ дарояд,
Муроди мардум аз мардӣ барояд.
*Низомӣ*

Гавҳари қимат зи гавҳарҳо ба олам одам аст,
Дар ҷаҳони ту ба ҳар одам баҳо иолам аст.

*Ҷунунӣ*

Нашавад мард пухта бе сафаре,
То накӯшӣ, набошадат зафаре.

*Авҳадӣ*

Ёри бад бадтар бувад аз мори бад,
То тавонӣ мегурез аз ёри бад.

Румӣ

Некмардӣ на он бувад, ки касе
Бибарад ангубин аз магасе.

*Низомӣ*

Ҷавонмарду хушхулқу бахшанда бош,
Чу ҳак бар ту пошад, ту бар халқ пош.

*Саъдӣ*

Тухми одам мешавад афзун, вале
Одаму одамгарӣ кам мешавад.

*Лоиқ*

Некмард он бувад, ки дар кораш,
Рахна н-орад фиреби динораш.

*Низомӣ*

Гирифтанд олам ба мардиву зӯр,
Валекин набурданд бо худ ба гӯр.

*Саъдӣ*

Ҳар касеро баҳри коре сохтаанд,
Майли онро дар дилаш андохтаанд.

*Румӣ*

Чунон зӣ, к-аз он зистан солиён
Туро суду касро набошад зиён.

*Низомӣ*

## Дар ҳар хусус

Аз насиҳат тоза гардад ҳар диле,
В-аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле.

Румӣ

Гавҳари қимат зи гавҳарҳо ба олам одам аст,
Дар ҷаҳони ту ба ҳар одам баҳои олам аст.

*Ҳабиб Юсуфӣ*

Хӯи некӯ туро чу шер кунад,
Хӯи бад олам аз ту сер кунад.

Саноӣ

Маҷӯ болотар аз даврони худ ҷойе.
Макаш беш аз гилеми хештан пойе.

*Низомӣ*

Чу дарё бармазан мавҷе, ки дорӣ,
Мапар болотар аз авҷе, ки дорӣ.

*Низомӣ*

Сухан нарм гӯй, эй ҷаҳондида мард,
Маолой лабро бо гуфтори сард.

*Фирдавсӣ*

Гул афшондан, ғубор ангехтан чанд?
Намак хӯрдан, намакдон рехтан чанд?

*Низомӣ*

Мафрист паёми додҷӯён,
Илло ба забони ростгӯён.

*Низомӣ*

Дар қавл чунон кун устуворӣ
К-эмин шавад аз ту зинҳорӣ.

*Низомӣ*

Набинам ба бадхоҳӣ андар касе.
Ки ман низ бадхоҳ дорам басе.

*Низомӣ*

Раҳи ман ҳама заҳр нӯшидан аст,
Ҳунар ҷустану айб пӯшидан аст.

*Низомӣ*

Далерӣ зи ҳушёр будан бувад,
Диловар сазои ситудан бувад.
Фирдавсӣ

Бад-он раҳ, ки худро намудам нахуст,
Қадам доштам то ба охир дуруст.
*Низомӣ*

Баъд аз вафот турбати мо дар замин маҷӯй,
Дар синаҳои мардуми ориф мазори мо.
Румӣ

Ба ҳар ҷо, ки бошӣ, худованд бош,
Зи тухме, ки пошӣ, барӯманд бош.
*Низомӣ*

Халқ гуфтандаш, ки дар бикшудаем,
Мо сахӣ, аҳли футувват будаем.
*Румӣ*

Ману ту зи хокему хок аз замӣ.
Ҳамон беҳ, ки хокӣ бувад одамӣ.
*Низомӣ*

Ҳама сарварӣ то ба хок асту бас,
Касе нест дар хок беҳтар зи кас.
*Низомӣ*

Чун нафасе гарм шавад бо ду кас,

Нест шавад сад ғам аз он як нафас.
*Низомӣ*

Оқибате ҳаст, биё пеш аз он,
Кардаи худ бину биандеш аз он.
*Низомӣ*

Роҳати мардум талаб, озор чист?
Ҷуз хиҷилӣ ҳосили ин кор чист?
*Низомӣ*

Кисабур он хоб ғанимат шумурд,
Омаду аз киса ғанимат бибурд.
*Низомӣ*

Ҳар ки дар ин роҳ кунад хобгоҳ,
Ё сараш аз даст равад, ё кулоҳ.

*Низомӣ*

Ба мардум даромез, агар мардумӣ,
Ки бо одами хӯгар аст одамӣ.

*Низомӣ*

Дил он беҳ, к-аз дари мардӣ дарояд,
Муроди мардум аз мардӣ барояд.

*Низомӣ*

Ёри мардони Худо бош, ки дар киштии Нӯҳ
Ҳаст хоке, ки ба обе нахарад тӯфонро!

*Ҳофизи Шерозӣ*

# 15. Васфи устод ва одоби шогирдӣ

То шуд аз илми назар чашми саводам равшан,
Ҷунбиши ҳар мижа шуд сели устод маро.

*Соиб*

Ба дасташ гул кунад, ҳар ҷо гиле ҳаст,
Надида кас чунин устоди гулдаст.

*Сайидо*

Наравӣ то ба хизмати устод,
Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд.

*Биноӣ*

Қимати дурр на аз садаф бошад,
Тирро қимат аз ҳадаф бошад.

*Саноӣ*

Муаллим устоди беҳтарин аст,
Сафобахшанда дар рӯи замин аст.

Бувад ҳар кор бе устод душвор,
Нахуст устод бояд, он гаҳе кор!

*Низомӣ*

Дило, то бузургӣ наёрӣ ба даст,
Ба ҷои бузургон нашояд нишаст.

*Низомӣ*

Кори беустод хоҳӣ сохтан,
Ҷоҳилона ҷон бихоҳӣ бохтан.

*Румӣ*

Зи панди бузургон набояд гузашт,
Суханро варақ дар набояд навашт,

*Низомӣ*

Ки чун озмуда шавад рӯзгор,
Ба ёд оядат панди омӯзгор.

*Низомӣ*

Сар макаш аз сӯҳбати соҳибдилон,
Даст мадор аз камари муқбилон!

*Низомӣ*

Хор, ки ҳамсӯҳбатии гул кунад,
Ғолия дар домани сунбул кунад.

*Низомӣ*

Агар дар дилат меҳри устод нест,
Ба дасти умеди ту ба ҷуз бод нест.

Пушту паноҳи ман буд девори дилбари ман,
Аз гиря бар сар афтод, эй хок бар сари ман.

*Ҳилолӣ*

Ҳурмати устод ҳар кӣ надошт,
Алами илм бар ҷаҳон нафрошт.

*Биноӣ*

То он ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад,
Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.

Номаълум

# 16. Дар васфи парҳез ва парҳезкорӣ

Ҷаҳон заҳр асту хӯи талхнокаш,
Ба кам хӯрдан тавон раст аз ҳалокаш.
*Низомӣ*

Машав пурхора чун кирмон дар ин гӯр,
Ба кам хӯрдан камар дарбанд чун мӯр.
*Низомӣ*

Зи кам хӯрдан касеро таб нагирад,
Зи пур хӯрдан ба рӯзе сад бимирад.
*Низомӣ*

Ҳаром омад алаф тороҷ кардан,
Ба дору табъро мӯҳтоҷ кардан.
*Низомӣ*

Макун бо ҳеҷ бадмаҳзар нишасте,
Ки н-орад дар шукӯҳат ҷуз шикасте.
*Низомӣ*

Ҳар ҷо, ки қадам ниҳӣ фаро пеш,
Боз омадани қадам биандеш.
*Низомӣ*

Ҳар куҷо ақл пешрав бошад,
Бади бадгӯ зи бадшунав бошад.
*Низомӣ*

Ҳар кӣ ӯ дар сиришт бадгуҳар аст,
Гуфтанаш – бад, шуниданаш бадтар аст.
*Низомӣ*

Ба чандин канизони ваҳшатнажод
Мадеҳ хирмани умри худро ба бод.
*Низомӣ*

Яке ҷуфти танҳо туро бас бувад,
Ки бисёркас марди бекас бувад.

*Низомӣ*

Чу якранг хоҳӣ, ки бошад писар,
Чу дил бош як модару як падар.

*Низомӣ*

Махӯр оби ноозмуда нахуст,
Ба дигар даҳоне кун он бозҷуст.

*Низомӣ*

На он меваe, к-ӯ ғариб оядат,
К-аз ӯ нотавонӣ насиб оядат.

*Низомӣ*

Ба вақти хуриш ҳар кӣ бошад табиб,
Бипарҳезад аз хӯрдҳои ғариб.

*Низомӣ*

Умр кам аст, аз паи он пурбаҳост,
Қимати умр аз камии умр хост.

*Низомӣ*

Кам хӯру бисёрии роҳат нигар.
Беш хӯру беш ҷароҳат нигар!

*Низомӣ*

# 17. Дар васфи сабру тоқат ва умедворӣ

Чӣ хуштар з-он ки баъд аз интизорӣ
Ба умеде расад уммедворе?

*Низомӣ*

Либосе пуш чун хуршеду чун моҳ,
Ки бошад, то ту бошӣ, бо ту ҳамроҳ.

*Низомӣ*

Барафшон доман аз ҳар хон, ки дорӣ,

Қаноат кун бад-ин як нон, ки дорӣ.
*Низомӣ*

Ҷаҳон аз номи он кас нанг дорад,
Ки аз баҳри ҷаҳон дил танг дорад.
*Низомӣ*

Ғами рӯзӣ махӯр, то рӯз монад,
Ки худ рӯзирасон рӯзӣ расонад.
*Низомӣ*

Дур андеш, эй ҳаким, аз кори айём,
Ки подоши амал бошад саранҷом.
*Низомӣ*

Намонад зоеъ, ар нек аст, агар дун,
Камарбаста ба ин кор аст гардун.
*Низомӣ*

Гар сабр кунӣ, ба сабр бешак,
Давлат ба ту ояд андак-андак.
*Низомӣ*

Дарё, ки чунин фарохрӯй аст,
Полоиши қатраҳои ҷӯй аст.
*Низомӣ*

В-он кӯҳи баланд, к-абрнок аст,
Ҷамъомада резаҳои хок аст.
*Низомӣ*

Дар навмедӣ басе умед аст.
Поёни шаби сиёҳ сапед аст!
*Низомӣ*

Сабр кун, Ҳофиз, ба сахтӣ рӯзу шаб,
Оқибат рӯзе биёбӣ комро!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Эй дил сабур бошу махӯр ғам, ки оқибат,
Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад.
*Ҳофиз*

# 18. Дар васфи кӯшиш, азм ва ҳиммат

Ба ҳангоми сахтӣ машав ноумед,
К-аз абри сиёҳ борад оби сапед.
*Низомӣ*

Дари чорасозӣ ба худ дармабанд,
Ки бисёр талхӣ бувад судманд.
*Низомӣ*

Нафас беҳ, к-аз уммед ёрӣ диҳад,
Ки эзид худ уммедворӣ диҳад.
*Низомӣ*

Гиреҳ дармаёвар бар абрӯи хеш,
Дар оинаи фатҳ бин рӯи хеш.
*Низомӣ*

Макун такя бар зӯри бозуи хеш,
Нигаҳ дор вазни тарозуи хеш.
*Низомӣ*

Бар оташ маёвар, ки кин оварад,
Сакоҳан бар оҳан камин оварад.
*Низомӣ*

Ба ҳар ҷо, ки бошӣ тануманду шод,
Сипанде ба оташ фикан бомдод.
*Низомӣ*

Ғуломи ҳимати онам, ки зери чархи кабуд
Зи ҳар чи ранги таалуқ пазират, озод аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад гулдаста гардад.
*Саъдӣ*

# 19. Дар васфи хоксорӣ ва зебу зиннат

Хушо мулко, ки мулки зиндагонист!
Беҳо рӯзе, ки он рӯзи ҷавонист!
*Низомӣ*

Макун дӯзах ба худ – бар хӯи бадро,
Биҳишти дигарон кун хӯи х(в)адро.
*Низомӣ*

Хоке шаву аз хатар маяндеш,
Хок аз се гуҳар басо кунӣ пеш.
*Низомӣ*

Ҳар гавҳаре арчи тобнок аст,
Манзуртарини ҷумла хок аст.
*Низомӣ*

Мабин дар худ, ки худбинро басар нест,
Худобин шав, ки худ дидан ҳунар нест.
*Низомӣ*

Зи худ бугзар, ки дар қоруни миқдор,
Ҳисоби офариниш ҳаст бисёр.
*Низомӣ*

# 20. Дар васфи деҳқонон

Дарахте кор, дар ҳар гил. ки дорӣ,
К-аз ӯ он бар, ки киштӣ, чашм дорӣ.
*Низомӣ*

Чу деҳқон дона дар гил пок резад,
Зи гил гар дона хезад, пок хезад.
*Низомӣ*

Чу гавҳар пок дорад мардуми пок,
Кай олуда шавад дар домани хок?
*Низомӣ*

# 21. Дар васфи адл, давлату давлатдорӣ

Сар аз давлат кашидан сарварӣ нест,
Ки бо давлат касеро доварӣ нест.
*Низомӣ*

Ситам дар мазҳаби давлат раво нест,
Ки давлат бо ситамгар ошно нест.
*Низомӣ*

Ҷаҳонсӯзӣ бад асту ҷаврсозӣ,
Туро беҳ, гар раъиятро навозӣ.
*Низомӣ*

Мӯе маписанд норавоӣ,
Дар равнақи кори подшоӣ.
*Низомӣ*

Нашояд ба як тан ҷаҳон доштан,
Ҳама олам они худ ангоштан.
*Низомӣ*

Ҷаҳон қисмати мулк дорад басе,
В-аз он ҳаст ҳар қисмате бо касе.
*Низомӣ*

Макаш теғ бар хуни кас бедареғ.
Туро низ хун асту бо чарх теғ.
*Низомӣ*

Расми ситам нест ҷаҳон ёфтан,
Мулк ба инисоф тавон ёфтан.
*Низомӣ*

Ҳар чӣ на адл аст, чӣ додат диҳад?
В-он чӣ на инсоф, ба бодат диҳад.
*Низомӣ*

Мамлакат аз адл шавад пойдор,
Кори ту аз адли ту гирад қарор.
*Низомӣ*

Номи худ аз зулм чаро бад кунам,
Зулм кунам, вой, ки бар худ кунам!
*Низомӣ*

Ҷуд аст, ки пардадори ҳар айб бувад.
Бухл аст, ки сарпӯши ҳунарҳо бошад.
*Низомӣ*

Дил аз банди беҳуда озод кун,
Ситамгар най, дод кун, дод кун!
*Низомӣ*

## 22. Дар васфи ишқу ошиқӣ

Ҳаргиз намирад он, ки дилаш зинда шуд ба ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ду ошиқро бо ҳам беҳтар бувад сӯз,
Ду ҳезумро бо ҳам хуштар бувад сӯз.
*Саъдӣ*

Роҳест роҳи ишқ, ки ҳеҷаш канора нест,
Он ҷо ҷуз он ки ҷон бисупоранд, чора нест!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар гаҳ ки дил ба ишқ диҳӣ, хуш даме бувад,
Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Маслаҳат нест, ки аз парда бурун афтад роз,
В-арна дар маҷлиси риндон хабаре нест, ки нест!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба кӯйи ишқ манеҳ бе далели роҳ қадам,
Ки ман ба хеш намудам сад эҳтимому нашуд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Нашояд ошиқонро майпарастӣ,
К-аз он девонагӣ хезаду мастӣ.
*Ибни Ямин*

Аҷаб илмест илми ҳайъати ишқ,
Ки чархи ҳафтумаш ҳафтум замин аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳарими ишқро даргаҳ басе болотар аз ақл аст,
Касе он остон бӯсад, ки ҷон дар остин дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз дилу ҷон шарафи суҳбати ҷонон ғараз аст,
Ҳама он аст, вагарна дилу ҷон ин ҳама нест!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ғами ҷаҳон махуру панди ман мабар аз ёд,
Ки ин латифаи ишқам зи раҳраве ёд аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Нишони аҳду вафо нест дар табассуми гул,
Бинол, булбули ошиқ, ки ҷои фарёд аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

# 23. Дар сифоти дарвешон

Он чи зар мешавад аз партави он қалби сиёҳ,
Кимиёест, ки дар суҳбати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Он ки пешаш биниҳад тоҷи такаббур Хуршед,
Кибриёест, ки дар ҳашмати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз карон то ба карон лашкари зулм аст, вале
Аз азал то ба абад фурсати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Давлатеро, ки набошад ғам аз осеби завол,
Бетакаллуф, бишунав, давлати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хусравон қиблаҳи ҳоҷоти дуоянд, вале
Сабабаш бандагии ҳазрати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ганҷи Қорун, ки фурӯ меравад аз қаҳр ҳанӯз,
Хонда бошӣ, ки ҳама аз ғайрати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай тавонгар, мафурӯш ин ҳама нахват, ки туро
Сару зар дар канафи ҳиммати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯи мақсуд, ки шоҳон бо дуо металабанд,
Мазҳараш ойинаи талъати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

# 24. Дар васфи Ватану ватандӯстӣ

Хоки поят дӯст дорад чашми ман,
Нест айб, эй дӯстон ҳуббулватан.
*Камоли Хуҷандӣ*

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.
*Фирдавсӣ*

# 25. Мазамматиҳою ҳавас, бадию бадкорӣ

Бо ҳавои дил макун зинҳор кор,
То наёрад пас пушаймонӣ ба кор.

*Зебунисо*

Ҳурмати илму устоду китоб,
Лозими ин раҳ аст аз ҳама боб.

*Биноӣ*

Касе, к-ӯ бувад дар табъ сустӣ.
Нахоҳад ҳеҷ касро тандурустӣ.

*Низомӣ*

Ғофил будан на зи фарзонагист,
Ғофилӣ аз ҷумлаи девонагист.

*Низомӣ*

Машав мағрур чун гурги камонгир,
Ки бар дил чарх ногаҳ мезанад тир.

*Низомӣ*

Ҷуз аз бад набошад мукофоти бад,
Чунин аз раҳи дод додан сазад.

*Фирдавсӣ*

Раҳо кун ҳирс, к-ин ҳаммоли маҳрум,
Насозад бо хирад чун зоғ бо бум.

*Низомӣ*

Ҳасад мардро дил ба дард оварад,
Миёни ду озода гарм оварад.

*Низомӣ*

Ба кина мабар ҳеҷ касро зи ҷой,
Чу аз ҷой бурдӣ, дарораш зи пой.

*Низомӣ*

Айби касон мангару эҳсони хеш.
Дида фурӯ кун ба гиребони хеш.

*Низомӣ*

Чу дарё бармазан мавҷе, ки дорӣ,

Мапар болотар аз авҷе, ки дорӣ.
*Низомӣ*

Ба қадри шуғли худ бояд задан лоф,
Ки зардӯзӣ надонад бӯриёбоф.
*Низомӣ*

Ҳофиз аз даст мадеҳ суҳбати ин киштии Нӯҳ,
В-арна тӯфони ҳаводис бибарад бунёдат!
*Ҳофизи Шерозӣ*

То дар роҳи пирӣ ба чӣ ойин равӣ, ай дил,
Боре ба ғалат сарф шуд айёми шабобат?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз ин работи дудар чун зарурат аст раҳил,
Равоқу тоқи маишат чи сарбаланду чи паст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мақоми айш муяссар намешавад бе ранҷ,
Бале, ба ҳукми бало бастаанд аҳди аласт!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба ҳасту нест маранҷон замиру хуш мебош,
Ки нестист саранҷоми ҳар камол, ки ҳаст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба болу пар марав аз раҳ, ки тири партобӣ
Ҳаво гирифт замоне, вале ба хок нишаст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар киро хобгаҳ охир ба ду муште хок аст,
Гӯ, чӣ хоҷат, ки бар афлок кашӣ айвонро?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бирав аз хонаи гардун бадару нон маталаб,
К-ин сияҳкоса дар охир бикушад меҳмонро!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай дил, шабоб рафту начидӣ гуле зи айш,
Пиронасар бикун ҳунаре нангу номро!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, тамаъ мабар аз лутфи бениҳояти дӯст,
Чу лофи ишқ задӣ, сар бибоз чобуку чуст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Бодахоре, ки дар ӯ риёе набувад,
Беҳтар аз зуҳдфурӯше, ки дар ӯ рӯю риёст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Фарзи Эзад бигузорему ба кас бад накунем,
В-он чи гӯянд раво нест, нагӯем равост!

*Ҳофизи Шерозӣ*

# 26. Пандҳо дар ҳар хусус

Ба деҳқоне чу ганҷе дод хоҳад,
Нахуст аз ранҷбурдаш ёд хоҳад.

*Низомӣ*

Агар хору хасак дар раҳ намонад,
Гулу шамшодро қимат ки донад?

*Низомӣ*

Чу дар банди вуҷудӣ, роҳи ғам гир,
Фароғат боядат, роҳи адам гир.

*Низомӣ*

Ҳамон беҳтар, ки аз худ шарм дорем,
Бад-ин шарм аз Худо озарм дорем.

*Низомӣ*

Зан афгандан набошад мардрой,
Худафган бош, агар мардӣ намой.

*Низомӣ*

Камой он аст, ки аз худ бошӣ огоҳ,
Чӣ дар саҳро, чӣ дар хилват, чӣ дар роҳ.

*Бедил*

Касе, к-аз зиндагӣ бо дарду доғ аст.
Ба вақти марг хандон чун чароғ аст.
*Низомӣ*

Бар оташ дил манеҳ, к-ӯ рух фурӯзад,
Ки вақт ояд, ки сад хирман бисӯзад.
*Низомӣ*

Чу нақдеро ду кас бошад харидор,
Баҳои нақд беш ояд падидор.
*Низомӣ*

Киро симу зар монаду ганҷу мол,
Ба зудӣ пас аз вай шавад поймол.
*Саъдӣ*

Чу варзиш нест, бас мушкил бувад кор,
Чу варзиш шуд, набошад кор душвор.
*Навоӣ*

Сар он беҳтар, ки ӯ ҳамсар надорад,
Гуҳар он беҳ, ки ҳамгавҳар надорад.
*Низомӣ*

Гар оҳуе зи саҳро рафт, бугзор,
Ки дар саҳро бувад з-ин ҷинс бисёр.
*Низомӣ*

Ки чун бигзарад бар ту ин салтанат,
Бигирад ба қаҳр он гадо доманат.
Саъдӣ

Чаман хок аст, чун насрин набошад,
Шакар талх аст, чун ширин набошад.
*Низомӣ*

Агар бад нестӣ, бо бад машав ёр,
Чунон к-ин муши насли одамихор.
*Низомӣ*

Гарчӣ манзил бас хатарнок асту мақсад нопадид,
Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён ғам махӯр.
*Ҳофиз*

В-агар бошӣ ба тахту тоҷ мӯҳтоҷ,
Заминро тахт кун, хуршедро тоҷ.
*Низомӣ*

Ҳам санг дар ин роҳ асту ҳам чоҳ,
Медор зи ҳар ду чашм бар роҳ!
*Низомӣ*

Мастез. ки шаҳна дар камин аст,
Занҷир мабур, ки оҳанин аст!
*Низомӣ*

Ту тифли раҳию фитна раҳдор,
Шамшер бубину сир нигаҳ дор!
*Низомӣ*

Чархи гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нарафт,

Доимо яксон намонад, чархи гардон ғам махӯр.
Ҳофиз

Пеш ор зи дӯстон тане чанд,
Хуш бош ба рағми душмане чанд!
*Низомӣ*

Дар гӯши касе маяфган он роз,
К-озурда шавӣ зи гуфтанаш боз.
*Низомӣ*

Макун такя бар дунёву молу пушт,
Ҷаҳон чун ту бисёр оварду кушт.
*Саъдӣ*

Чу аз шамъ холӣ кунӣ хонаро.
Набинӣ дигар нақши парвонаро.
*Низомӣ*

Ба шаҳна тавон поси раҳ доштан,
Ба хокистар оташ нигаҳ доштан.
*Низомӣ*

Ҷаҳон аз паи шодию дилхушист.
На аз баҳри бедоду меҳнаткашист.
*Низомӣ*

Эй бародар, гар хабар дорӣ, тамом
Нарму ширин гӯй бо мардум калом.
*Аттор*

Сӯҳбати гетӣ кӣ таманно кунад?
Бо кӣ вафо кард, ки бо мо кунад?
*Низомӣ*

Хок шуд он кас, ки бар ин хок зист,
Хок чӣ донад, ки дар ин хок чист?
*Низомӣ*

Мо. ки ҷавонӣ ба ҷаҳон додаем,
Пир чароем, к-аз ӯ озодаем.
*Низомӣ*

Давлат агар давлати чамшедӣ аст,

Мӯи сафед ояти навмедӣ аст.
*Низомӣ*

Мӯи сафед аз аҷал орад паём,
Пушти хам аз марг расонад салом.
*Низомӣ*

Шохи тар аз баҳри гули навбар аст,
Ҳезуми хушк аз паи хокистар аст.
*Низомӣ*

Агарчи офати умр интизор аст,
Чу сар бо васл дорад, ҳеҷ кор аст.
*Низомӣ*

Бо дода қаноат куну бодод бизӣ,
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.
*Рӯдакӣ*

Дар беҳ зи худе назар макун, ғусса махӯр,
Дар кам зи худе назар куну шод бизӣ.
*Рӯдакӣ*

Баски бар гуфта пушаймон будаам,
Баски бар ногуфта шодон будаам.

*Рӯдакӣ*

Толеъ агар созад мадад афлокравиҳо дур нест,
Ҷӯёи бахти худ бишав, беқолибӣ манзур нест.
*Бедил*

Аз сӯҳбати ҳар кӣ бурдаӣ бӯи насиб,
Бояд ба муроди дили ӯ буд қариб.
*Бедил*

На ба мансаб бувад баландии мард,
Балки мансаб шавад ба мард баланд.
*Ҷомӣ*

Бо мардуми саҳлгӯй душвор магӯй,
Бо он, ки дари сулҳ занад, ҷанг маҷӯй!
*Саъдӣ*

Шамъ чун пайдо шавад, офоқ аз ӯ равшан шавад,

Мард чун доно шавад, дил дар бараш дарё шавад.
*Носири Хусрав*

Ба ҳар коре сари ришта нигаҳ дор,
Инон якборагӣ аз даст магзор.
*Носири Хусрав*

Бипарҳез аз ҳар чӣ нокарданист,
Наёзор онро, ки н-орзуданист.
*Фирдавсӣ*

Ман рози хеш аз касу нокас нуҳуфтаам,
Як ҳамдиле куҷост, ки ҳасрат ба ӯ кунам?!
*Асадуллоҳ*

Ҳам аз нармӣ басе дил ром гардад,
Зи тундӣ пухтаҳо бас хом гардад.
*Носири Хусрав*

Чаро ҷӯйӣ вафо аз бевафое,
Чӣ кӯбӣ беҳуда сард оҳанеро?!
*Рӯдакӣ*

Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд

Ҷавонони саодатманд панди пири доноро!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ойинаи Сикандар ҷоми Ҷам аст, бингар,
То бар ту арза дорад аҳволи мулки Доро!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимиёи ҳастӣ Қорун кунад гадоро!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Он шуд, ки бори миннати маллоҳ бурдаме,
Гавҳар чу даст дод, ба дарё чӣ хоҷат аст?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз барои нафс мурғи номурод,
Омаду дар доми сайёде фитод.
Номаълум

Ризо ба дода бидеҳ в-аз ҷабин гираҳ бикшой,
Ки бар ману ту дари ихтиёр накшода-ст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳасад чӣ мебарӣ, ай сустназм, бар Ҳофиз?!
Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳосил аз дунё чӣ бошад, эй амин,
Нӯҳ газ карбосу се газ аз замин.

Мо оби рӯи фақру қаноат намебарем,
Бо подшаҳ бигӯй, ки рӯзӣ муқаддар аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз забони савсани озодаам омад ба гӯш,
К-андар ин дайри куҳан кори сабукборон хуш аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мӯъминеро бо ту чу афтад кор,
То тавонӣ ҳоҷати ӯро барор.

Замона афсари риндӣ надод ҷуз ба касе,

Ки сарфарзии олам дар ин кулаҳ донист!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ганҷи иззат, ки тилисмоти аҷойиб дорад,
Фатҳи он дар назари раҳмати дарвешон аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зиндаст касе, ки дар диёраш,
Монад халафе ба ёдгораш.
*Кошифӣ*

Марав аз хонаи арбоби бемурувввати даҳр,
Ки кунҷи офиятат дар сарои хештан аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи подшоҳу гадо фориғам, биҳамдиллаҳ,
Гадои хоки дари дӯст подшоҳи ман аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Воизон, к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд он кори дигар мекунанд.
*Ҳофиз*

Напиндорӣ, ки бадгӯ рафту ҷон бурд,
Ҳисобаш бо киромулкотибин аст!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар ин чаман  гули бехор кас начид, оре,
Чароғи мустафавӣ бо шарори бӯлҳавасист!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Пайванди умр баста ба мӯест, ҳуш дор,
Ғамхори хеш бош, ғами рӯзгор чист?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз хилофу хиёнат бош дур,
То бувад пайваста дар рӯи ту нур.
*Саноӣ*

Рози даруни парда чӣ донад фалак?! Хамӯш!
Ай муддаӣ, низои ту бо пардадор чист?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бар остони ту мушкил тавон расид, оре,

Уруҷ бар фалаки сарварӣ ба душворист!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу даврони умр аз чил даргузашт,
Мазан дасту по, ки обат аз сар гузашт.
*Саъдӣ*

Дилаш ба нола маёзору хатм кун, Ҳофиз,
Ки растагории ҷовид дар камозорист!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Темори ғарибон сабаби зикри ҷамил аст,
Ҷоно, магар ин қоида дар шаҳри шумо нест?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз ситам ҳар кӣ дилеро реш кард,
Ин ҷароҳат бар вуҷуди хеш кард.
*Аттор*

Дар тариқат ҳар чи пеши солик ояд, хайри ӯст,
Бар сироти мустақим, ай дил, касе гумроҳ нест!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Давлат он аст, ки бе хуни дил афтад ба канор,
Варна бо саъйи амал боғи ҷинон ин ҳама нест!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Якеро, ки дар банд бинӣ, маханд,
Мабодо, ки рӯзе дарафтӣ ба банд.
*Саъдӣ*

Панҷ рӯзе, ки дар ин марҳала муҳлат дорӣ,
Хуш биоёсой замоне, ки замон ин ҳама нест!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гадо чаро назанад лофи салтанат имрӯз,
Ки хайма сояи абр асту базмгаҳ лаби кишт?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар муриди роҳи ишқӣ, фикри бадномӣ макун,
Шайхи Санъон хирқа раҳни хонаи хаммор дошт!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Субҳдам мурғи чаман бо гули навхоста гуфт:
“Ноз кам кун, ки дар ин боғ басе чун ту шукуфт!”
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз суханчинон малолатҳо падид ояд, вале
Чун миёни ҳамнишинон носазое рафт, рафт!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дили зердастон набояд шикаст,
Мабодо, ки рӯзе шавӣ зердаст.
*Саъдӣ*

Имрӯз қадри панди азизон шинохтам,
Ё раб, равони носеҳи мо аз ту шод бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Комам аз талхии ғам чун заҳр гашт,
Бонги нӯши шодхорон ёд бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯзи қиёмат, ки бувад доварӣ,
Шарм надорӣ, ки чӣ узр оварӣ.
*Низомӣ*

Макун нола аз бенавоӣ басе,
Чу бинӣ зи худ бенавотар касе.
*Саъдӣ*

То тиҳӣ гаштан беҳ аз кавши танг,
Ганҷи ғурбат беҳ, ки андар хона ҷанг.
*Румӣ*

Гарчи ёрон фориғанд аз ёди ман,
Аз ман эшонро ҳазорон ёд бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мубтало гаштам дар ин банду бало,
Кӯшиши он ҳақгузорон ёд бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

То накунӣ раҳгузари чашма пок,
Об назояд зи дилу чашми хок.
*Низомӣ*

Рози Ҳофиз баъд аз ин ногуфта монд,
Ай дареғо, роздорон ёд бод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шифо зи гуфтаи шаккарфишони Ҳофиз ҷӯй,
Ки хоҷатат ба илоҷи қанд мабод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз кажӣ афтӣ ба каму костӣ,
Аз ҳама ғам растӣ, агар ростӣ.
*Низомӣ*

Гар ҷон бидиҳад, санги сияҳ лаъл нагардад,
Бо тинати аслӣ чӣ кунад, бадгуҳар афтод?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чӣ кунад, к-аз пайи даврон наравад чун паргор,
Ҳар кӣ дар дойираи гардиши айём афтод?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ганҷи зар гар набувад, кунҷи қаноат боқист,
Он ки он дод ба шоҳон, ба гадоён ин дод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хуш арӯсест ҷаҳон аз раҳи сурат, лекин

Ҳар ки пайваст бад-ӯ, умри худаш кобин дод!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба ноумедӣ аз ин дар марав, бизан фоле,
Бувад, ки қуръаи давлат ба номи мо афтад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шаби суҳбат ғанимат дон, ки баъд аз рӯзгори мо
Басе гардиш кунад гардун, басе лайлу наҳор орад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Баҳори умр хоҳ, ай дил, вагарна ин чаман ҳар сол
Чу насрин сад гул орад бору чун булбул ҳазор орад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Диле, ки ғайбнамой асту ҷоми Ҷам дорад,
Зи хотаме, ки даме гум шавад, чӣ ғам дорад?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба хатту холи гадоён мадеҳ хазинаи дил,
Ба дасти шоҳваше деҳ, ки муҳтарам дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

На ҳар дарахт таҳаммул кунад ҷафои хазон,
Ғуломи ҳиммати сарвам, ки ин қадам дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу дар рӯят бихандад гул, машав дар домаш, ай булбул,
Ки бар гул эътимоде нест в-ар ҳусни ҷаҳон дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар он, к-ӯ хотире маҷмӯъу ёре нозанин дорад,
Саодат ҳамдами ӯ гашту давлат ҳанишин дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу бар рӯи замин бошӣ, тавоноӣ ғанимат дон,
Ки даврон нотавониҳо басе зери замин дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба хорӣ мангар, ай мунъим, заифону наҳифонро,
Ки садри маҷлиси ишрат фақири раҳнишин дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Балогардони ҷону тан дуои мустамандон аст,

Кӣ бинад хайр аз он хирман, ки нанг аз хӯшачин дорад?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар он ки ҷониби аҳли вафо нигаҳ дорад,
Худош дар ҳама ҳол аз бало нигаҳ дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гарат ҳавост, ки маъшуқ нагсалад паймон,
Нигоҳ дар сари ришта, то нигаҳ дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи дарди дӯст нагӯям ҳадис ҷуз бо дӯст,
Ки ошно сухани ошно нигаҳ дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Сару зару дилу ҷонам фидои он маҳбуб,

Ки ҳаққи суҳбати меҳру вафо нигаҳ дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, маош чунон кун, ки гар билағзад пой,
Фариштаат ба ду дасти дуо нигаҳ дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз адолат набувад дур, гараш пурсад ҳол
Подшоҳе, ки ба ҳамсоя гадое дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бо хароботнишинон зи каромот малоф,
Ҳар сухан вақтеву ҳар нуқта маконе дорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мурғи зирак нашавад дар чаманаш нардасарой,
Ҳар баҳоре, ки зи дунбола хазоне дорад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷон бе ҷамоли ҷонон майли ҷаҳон надорад,
В-он кас, ки ин надорад, ҳаққо, ки он надорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чанг ҳамидақомат мехонадат ба ишрат,
Бишнав, ки панди пирон ҳеҷат зиён надорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аҳволи ганҷи Қорун, к-айём дод бар бод,
Бо ғунча бозгӯед, то зар ниҳон надорад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Боғбоно, зи хазон бехабарат мебинам,
Оҳ аз он рӯз, ки бодат гули раъно бибарад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бонги гове чӣ садо боздиҳад, ишва махар!
Сомирӣ кист, ки даст аз яди байзо бибарад?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман аз бегонагон дигар наноламу,
Ки бо ман ҳар чи кард, он ошно кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Санъат макун, ки ҳар ки муҳаббат на рост бохт,
Ишқаш ба рӯйи дил дари маънӣ фароз кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Фардо, ки пешгоҳи ҳақиқат шавад надид,
Шарманда раҳраве, ки амал бар маҷоз кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай кабки хушхиром, куҷо меравӣ?! Биист!
Ғарра машав, ки гурбаи обид намоз кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Булбуле хуни ҷигар хӯрду гуле ҳосил кард,
Боди ғайрат ба садаш хор парешон дил кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тӯтиеро ба хаёли шакаре дил хуш буд,
Ногаҳаш сели фано нақши амал ботил кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯйи хокиву нами чашми маро хор мадор!
Чархи фирӯза тарабхона аз ин каҳгил кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Назари пок тавонад рухи ҷонон дидан,
Ки дар ойина назар ҷуз ба сафо натвон кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Он ки пур нақш зад ин дойираи миноӣ,
Кас надонист, ки дар гардиши паргор чӣ кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гули муроди ту он гаҳ ниқоб бикшояд,
Ки хидматаш чу насими саҳар тавонӣ кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Биё, ки чораи завқи ҳузуру назми умур
Ба файзи бахшиши аҳли назар тавонӣ кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ту, к-аз сарои табиат намеравӣ берун,
Куҷо ба кӯи тариқат гузар тавонӣ кард?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, зи нури риёзат гар огаҳӣ ёбӣ,
Чу шамъ хандазанон тарки сар тавонӣ кард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, чу ғунча шикоят зи кори баста макун,
Ки боди субҳ насими гираҳкушо овард!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯз дар касби ҳунар кӯш, ки май хӯрдани рӯз
Дили чун ойина дар занги залом андозад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шукӯҳи тоҷи султонӣ, ки бими ҷон дар он дарҷ аст,
Кулоҳе дилкаш аст, аммо ба тарки сар намерзад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чӣ осон менамуд аввал ғами дарё ба бӯи суд.
Ғалат кардам, ки ин тӯфон ба сад гавҳар намеарзад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Туро он беҳ, ки рӯи худ зи муштоқон бипӯшонӣ,
Ки шодии ҷаҳонгирӣ ғами лашкар намеарзад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу Ҳофиз дар қаноат кӯшу аз дунёи дун бигзар,
Ки як ҷав миннати дунон ба сад ман зар намеразад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Қадди хамидаи мо саҳлат намояд, аммо

Бар чашми душманон тир аз ин камон тавон зад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дарвешро набошад нузли саройи султон,
Моему куҳнадалқе, к-оташ дар он тавон зад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аҳли назар ду олам дар як назар бибозанд,
Ишқ асту доди аввал бар нақди ҷон тавон зад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ишқу шабобу риндӣ маҷмӯаи мурод аст,
Чун ҷамъ шуд маонӣ, гӯи баён тавон зад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ту умр хоҳу сабурӣ, ки чархи шуъбадабоз
Ҳазор бозӣ аз ин турфатар барангезад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бар остонаи таслим сар бинеҳ, Ҳофиз,
Ки гар ситеза кунӣ, рӯзгор бистезад!

Дило, зи таъни ҳасудон маранҷу восиқ бош,
Ки бад ба хотири уммедвори мо нарасад.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чунон бозӣ, ки агар хоки раҳ шавӣ, касро
Ғубори хотире аз раҳгузори мо нарасад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хуш бувад, гар маҳаки таҷриба ояд ба миён,
То сияҳрӯй шавад, ҳар ки дар ӯ ғаш бошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман он нигини Сулаймон ба ҳеҷ настонам,
Ки гоҳ-гоҳ бар ӯ дасти Аҳриман бошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳумой, гӯ, мафикан сояи шараф ҳаргиз
Бад-он диёр, ки тӯтӣ кам аз заған бошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Кай шеъри тар ангезад хотир, ки ҳазир бошад,
Як гуфта аз ин дафтар гуфтему ҳамин бошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ғамнок набояд буд аз таъни ҳасуд, ай дил,
Шояд, ки чу вобинӣ, хайри ту дар ин бошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар к-ӯ накунад фаҳме з-ин килки хаёлангез,
Нақшаш ба ҳаром, ар худ суратгари Чин бошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Замони хушдилӣ дарёб, дарёб,
Ки доим дар садаф гавҳар набошад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бишӯй авроқ, агар ҳамдарси моӣ,
Ки илми ишқ дар дафтар набошад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Боғу гулу мул хуш аст, лекин
Бе суҳбати ёр хуш набошад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар нақш, ки дасти ақл бандад,
Ҷуз нақши нигор, хуш набошад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,
Олами пир дигарбора ҷавон хоҳад шуд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай дил, ар ишрати имрӯз ба фардо фиканӣ,
Мояи нақди бақоро кӣ замон хоҳад шуд?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гул азиз асту ғанимат шумаредаш сӯҳбат,
Ки ба боғ омад аз ин роҳу аз он хоҳад шуд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Мутрибо, маҷлиси унс аст, ғазал хону суруд,
Чанд гӯӣ, ки чунин рафту чунон хоҳад шуд?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Он ҳама нозу танаъъум, ки хазон мефармуд,
Оқибат дар қадами боди баҳор охир шуд

Минбаъд чӣ суд, ар қадаме ранҷа кунад дӯст,
К-аз ҷон рақаме дар тани ранҷур намондаст!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?!
Гул бигашт аз ранги худ, боди баҳоронро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Кас намегӯяд, ки ёре дошт ҳаққи дӯстӣ,
Ҳақшиносонро чӣ кор афтод, ёронро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гуфт чашми танги дунёдорро,
Ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр.
*Саъдӣ*

Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,
Меҳрубонӣ кай сар омад, шаҳриёронро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир.
*Саъдӣ*

Лаъле аз кони мурувват барнаёмад, солҳост,
Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гӯйи тавфиқи каромат дар миён афкандаанд,
Кас ба майдон дарнамеояд, саворонро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Сад ҳозорон гул шукуфту бонги мурғе барнахост,
Андалебонро чӣ пеш омад, ҳазоронро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зӯҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисӯхт?!

Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз асрори илоҳӣ кас намедонад, хамӯш!
Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рӯзгоронро чӣ шуд?
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гиряи шому саҳар, шукр, ки зоеъ нагашт,
Қатраи борони мо гавҳари якдона шуд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

На васл бимонаду на восил,
Он ҷо, ки хаёли ҳайрат омад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай арӯс, ҳунар, аз бахт шикоят манамой,
Ҳаҷлаи ҳусн биёрой, ки домод омад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зери боранд дарахтон, ки тааллуқ доранд,
Ай хуш он савр, ки аз бори ғам озод омад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чи ҷои суҳбати номаҳрам аст маҷлиси унс?!
Сари ниёла бипӯшон, ки хирқапӯш омад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хоҳӣ, ки барнахезадат аз дида рӯд-рӯд,
Дил дар вафои суҳбати рӯди касон мабанд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ар тира менамоиву гар таъна мезанӣ,
Мо нестем муътақиди марди худписанд

*Ҳофизи Шерозӣ*

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ ойина созад, сикандарӣ донад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

На ҳар ки тарфи кулаҳ каҷ ниҳоду тунд нишаст,
Кулоҳдорию ойини сарварӣ донад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ту бандагӣ чу гадоён ба шарти музд макун,
Ки дӯст худ равиши бандапарварӣ донад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Вафову аҳд, накӯ бошад, ар биёмӯзӣ,
Вагарна, ҳар кӣ ту бинӣ, ситамгарӣ донад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Бибохтам дили девонаву надонистам,
Ки одамибачае шеваи парӣ донад!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳазор нуктаи бориктар зи мӯй ин ҷост,
На ҳар кӣ сар битарошад, қаландарӣ донад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мадори нуқтаи биниш зи холи туст маро,
Ки қадри гавҳари якдона гавҳарӣ донад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба қадду чеҳра ҳар он кас, ки шоҳи хубон шуд,
Ҷаҳон бигирад, агар додгустарӣ донад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар ки шуд маҳрами дил, дар ҳарами ёр бимонд,
В-он ки ин кор надонист, дар инкор бимонд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз садои сухани ишқ надидам хуштар
Ёдгоре, ки дар ин гунбади даввор бимонд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Расид мужда, ки айёми ғам нахоҳад монд,
Чунон намонду чунин низ ҳам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу пардадор ба шамшер мезанад ҳамаро,
Касе муқими ҳарими ҳарам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чӣ ҷойи шукру шикоят зи нақши неку бад аст,
Чу бар саҳифаи ҳастӣ рақам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тавонгаро, дили дарвеши худ ба даст овар,
Ки махзани зару ганҷи дирам нахоҳад монд
*Ҳофизи Шерозӣ*

Саҳар карашмаи субҳам башорате хуш дод,
Ки кас ҳамеша гирифтори ғам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ғанимате шумар, ай шамъ, васли парвона,

Ки ин муомала то субҳдам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,
Ки ҷуз накӯии аҳли карам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи меҳрубонии ҷонон тамаъ мабар, Ҳофиз,
Ки нақши ҷавру нишони ситам нахоҳад монд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Оташ он нест, ки бар шуълаи ӯ хандад шамъ,
Оташ он аст, ки дар хирмани парвона заданд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Қуввати бозуи парҳез ба хубон мафурӯш,
Ки дар ин хайл ҳисоре ба саворе гиранд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар ранҷ пешат ояду гар роҳат, ай ҳаким,
Нисбат макун ба ғайр, ки инҳо худо кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар корхонае, ки раҳи ақлу фазл нест,
Ваҳми заиф ройи фузулӣ чаро кунад?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мутриб, бисоз парда, ки кас беаҷал намуд,
В-он, к-ӯ на ин тарона сарояд, хато кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ту бо Худои худ андоз кору дил хуш дор,
Ки раҳм агар накунад муддаӣ, Худо бикунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Камоли сидқи муҳаббат бибин, на нақси гуноҳ,
Ки ҳар ки беҳунар афтад, назар ба айб кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шубони водии Айман гаҳе расад ба мурод,
Ки чанд сол ба ҷон хидмати Шуъайб кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Давои дарди ошиқонро касе, к-ӯ саҳл пиндорад,
Зи фикр онон, ки дар тадбири дармонанд дармонанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бемаърифат мабош, ки дар манязиди ишқ
Аҳли назар муомала бо ошно кунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Пироҳане, ки ояд аз ӯ бӯи Юсуфам,
Тарсам, бародарони ғаюраш қабо кунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯ намояд офтоби давлатат,
Гар чу суҳбат ойина рахшон кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хуш баро бо ғусса, ай дил, к-аҳли роз
Айши худ дар бӯтаи ҳиҷрон кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Воизон, к-ин ҷилва дар меробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мушкиле дорам, зи донишманди маҷлис бозпурс:
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гӯиё бовар намедоранд  рӯзи доварӣ,
К-ин ҳама қалбу дағал дар кори довар мекунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ё раб, ин навдавлатонро бар хари худшон нишон.
К-ин ҳама ноз аз ғуломи турку астар мекунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гӯянд рамз ишқ, магӯеду машнавед.
Мушкил ҳикоятест, ки тақрир мекунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Филҷумла, эътимод макун бар саботи даҳр.
К-ин корхонаест, ки тағйир мекунанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мабин ҳақир гадоёни ишқро, к-ин қавм
Шаҳони бекамару хусравони бекулаҳанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Баҳуш  бош, ки ҳангоми боди истиғно
Ҳазор хирмани тоат ба ним ҷав наниҳанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷаноби ишқ баланд аст, ҳиммате, Ҳофиз,
Ки ошиқон раҳи беҳимматон ба худ надиҳанд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба боғ тоза кун ойини дини зардуштӣ,
Кунун, ки лола барафрӯхт оташи Намруд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ёр мафрӯш ба дунё, ки басе суд накард,
Он, ки Юсуф ба зари носара бифрӯхта буд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар к-ӯ накошт меҳру зи хубӣ гуле начид,
Дар раҳгузори бод нигаҳбони лола буд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар ганҷи саодат, ки Худо дод ба Ҳофиз,
Аз юмни дуои шабу вирди саҳарӣ буд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар азал ҳар к-ӯ ба файзи давлат арзонӣ бувад,
То адаб ҷоми муродаш ҳамдами ҷонӣ бувад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Некномӣ хоҳӣ, ай дил, бо бадон суҳбат мадор,
Худписандӣ, ҷони ман, бурҳони нодонӣ бувад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хира он дида, ки обаш набарад гиряи ишқ,

Тира он дил, ки дар ӯ шамъи муҳаббат набувад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чун таҳорат набувад, Каъбаву бутхона якест;

Набувад хайр дар он хона, ки исмат набувад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, илму адаб варз, ки дар маҷлис хос
Ҳар киро нест адаб, лойиқи суҳбат набувад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ояте буд азоб андуҳи Ҳофиз бе дӯст,
Ки бари ҳеч касаш ҳоҷати тафсир набуд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Сел аз оби дидаву бар ҳар ки бигзарад,
Гарчи дилаш зи санг бувад ҳам, зи ҷо равад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тариқи ишқ пурошӯбу офат аст, ай дил,
Бияфтад он, ки дар ин роҳ бошитоб равад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гадоии дари ҷонон ба салтанат мафурӯш,
Касе зи сояи ин дар ба офтоб равад?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, чу пир шудӣ, ҳусну нозукӣ мафурӯш,
Ки ин муомала дар олами шабоб равад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Саводи номаи мӯйи сиёҳ чун тай шуд,
Баёз кам нашавад, в-ар сад интихоб равад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Солик аз нури ҳидоят талабам роҳ ба дӯст,
Ки ба ҷое нарасад, гар ба залолат биравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гараве охири умр аз маю маъшуқ бигир,
Ҳайфи авқот, ки як сар батолат биравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, аз чашмаи ҳикмат ба каф овар обе,
Був, ки аз лавҳи дилат нақши ҷаҳолат биравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Таййи макон бибину замон дар сулуки шеър,

К-ин тифл якшаба раҳи яксола меравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз раҳ марав ба ишваи дунё, ки ин аҷуз
Маккора менишинаду мӯҳтола меравад!

Хушо диле, ки мудом аз пайи назар наравад,
Ба ҳар дараш, ки бихонанд, бехабар наравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, мабош чунин ҳарзагарду харҷойӣ,
Ки ҳеҷ кор зи пешат бад-ин ҳунар наравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба тоҷи ҳудҳудам аз раҳ мабар, ки бози сафед
Чу боша ар пайи ҳар сайди мухтасар наравад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Риндӣ омӯзу карам кун, ки на чандон ҳунарест
Ҳаявоне, ки нанӯшад маю инсон нашавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гавҳари пок бибояд, ки шавад қобили файз,
Варна ҳар сангу гиле луълуъу марҷон нашавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Исми аъзам бикунад кори худ, ай дил, хуш бош,
Ки ба талбису ҳиял дев Сулаймон нашавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зарраро то набувад ҳиммати олӣ, Ҳофиз,
Толиби чашмаи хуршеди дурахшон нашавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гӯянд: “Санг лаъл шавад дар мақоми сабр”,
Оре, шавад, валек ба хуни ҷигар шавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар тангнои ҳайратам аз нахвати рақиб,
Ё Раб, мабод он, ки гадо муътабар шавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯзе агар ғаме расад, тагдил мабош,
Рав, шукр кун, мабод, к-аз он батар шавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бас нукта ғайри ҳусн бибояд, ки то касе
Мақбули табъи мардуми соҳибназар шавад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Сарф шуд умри гаронмоя ба маъшуқаву май
То аз онам чӣ ба пеш ояд, аз инам чӣ шавад?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шаккар ба сабр даст диҳад оқибат, вале
Бадаҳдии замона замонам намедиҳад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аҷойиби раҳи ишқ, ай рафиқ, бисёр аст,
Зи пеши оҳуи ин дашт шери нар бидавид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба кӯи ишқ манеҳ бе далели роҳ қадам,
Ки гум шуд он, ки дар ин раҳ ба раҳбаре нарасад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Макун зи ғусса шикоят, ки дар тариқи талаб
Ба роҳате нарасид он, ки заҳмате накашид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шоҳидон дар ҷилваву ман шармсори кисаам,
Бори ишқу муфлисӣ саъб асту мебояд кашид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Қаҳти ҷуд аст, обрӯйи худ намебояд фурӯхт,
Бодаву гул дар баҳои хирқа мебояд харид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Домане гар чок шуд дар олами риндӣ, чӣ бок?!
Ҷомае дар некномӣ низ мебояд дарид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тамаъ зи файзи каромат мабур, ки хулқи карим
Гунаҳ бибахшаду бар ошиқон бибахшояд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Туро, ки ҳусни худодода ҳасту ҳиҷлаи бахт,
Чӣ ҳоҷат аст, ки машшотаат биёрояд?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷамилаест арӯси ҷаҳон, вале ҳуш дор,
Мухаддара дар ақди кас намеояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хилвати дил нест ҷойи суҳбати аздод,
Дев чу берун равад, фаришта дарояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Суҳбати ҳукком зулмати шаби ялдост,
Нур зи хуршед хоҳ, був, ки барояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Булбули ошиқ, ту умр хоҳ, ки охир
Боғ шавад сабзу шохи гул ба бар ояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи гирдхони нагуни фалак тамаъ натвон дошт,
Ки бе малолати сад ғусса як навола барояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гарат чу Нӯҳи набӣ сабр ҳаст дар ғами тӯфон,
Бало бигардаду коми ҳазорсола барояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба саъйи худ натавон бурд раҳ ба гавҳари мақсуд,
Хаёл бошад, к-ин кор бе ҳавола барояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чӣ ҷаврҳо, ки кашиданд булбулон аз гул,
Ба бӯйи он, ки дигар навбаҳор бозояд!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар нисори қадами ёри гиромӣ накунам,
Гавҳари ҷон ба чӣ кори дигарам бозояд?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Камина шарти вафо тарки сар бувад, Ҳофиз,
Бирав, агар зи ту кор ин қадар намеояд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Фидои дӯст накардем умру мол, дареғ,
Ки кори ишқ ба ман ин қадар намеояд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хабари булбули ин боғ бипурсед, ки ман
Нолае мешунавам, к-аз қафасе меояд!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Муоширон, зи ҳарифи шабона ёд оред,
Ҳуқуқи бандагии мухлисона ёд оред!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу дар миёни мурод оваред дасти умед,
Зи аҳли суҳбати мо дар миёна ёд оред!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Саманди давлат агарчанд саркаш аст, вале
Зи ҳамраҳони ба сар тозиёна ёд оред!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба ваҷҳи марҳамат, ай сокинони садри ҷалол,
Зи рӯйи Ҳофизу ин остона ёд оред!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай шоҳи ҳусн, чашм ба ҳоли гадо фикан,
К-ин гӯш бас ҳикояти шоҳу гадо шунид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Панди ҳаким айни савоб асту маҳзи хайр,
Фархундабахт он, ки ба самъи ризо шунид!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, вазифаи ту дуо гуфтан асту бас,
Дар банди он мабош, ки нашнид ё шунид
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рубобу чанг ба бонги баланд мегӯянд,

Ки гӯши ҳуш ба пайғоми аҳли роз кунед!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба ҷони дӯст, ки ғам парда бар шумо надарад,
Гар эътимод ба алтофи корсоз кунед!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Миёни ошиқу маъшуқ фарқ бисёр аст,
Чу ёр ноз намояд, шумо ниёз кунед!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Нахустмавъизаи пири суҳбат ин ҳарф аст,
Ки аз мусоҳиби ноҷинс эҳтироз кунед!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар он касе, ки дар ин ҳалқа нест зинда ба ишқ,
Бар ӯ, ба мурда, ба фатвои ман намоз кунед!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Сикандарро намебахшанд обе,
Ба зӯру зар муяссар нест ин кор!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Биёву ҳоли аҳли дард бишнав
Ба лафзи андаку маънии бисёр!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хирад ҳарчанд нақди койинот аст,
Чӣ санҷад пеши ишқи кимиёкор?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба мастурон магӯ асрори мастӣ,
Ҳадиси ҷон мапурс аз нақши девор?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷаҳону ҳар чи дар ӯ ҳаст, саҳлу мухтасар аст,
Зи аҳли маърифат ин мухтасар дареғ мадор!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу зикри хайр талаб иекунӣ, сухан ин аст,
Ки дар баҳои сухан симу зар дареғ мадор!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Соқиё, ишрати имрӯз ба фардо мафикан,
Ё зи девони қазо хатти амоне ба ман ор!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хомиву содадилӣ шеваи ҷонбозон нест,
Хабаре аз барои он дилбари айёр биёр!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Саъй нобурда дар ин роҳ ба ҷое нарасӣ,
Музд агар металабӣ, тоати устод бибар!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, дар ошиқӣ собитқадам бош,
Ки дар ин раҳ набошад кори беаҷр!
*Ҳофизи Шерозӣ*

То кай майи сабӯҳи шакархоби бомдод?!
Ҳушёр гард, ҳон, ки гузашт ихтиёри умр
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, сухан бигӯй, ки бар сафҳаи ҷаҳон
Ин нақш монад аз қаламат ёдгори умр!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай гул, ба шукри он, ки туӣ подшоҳи ҳусн,
Бо булбулони бедили шайдо макун ғурур!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, шикоят аз ғами ҳиҷрон чӣ мекунӣ?!
Дар ҳаҷр васл бошаду дар зулмат аст нур!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тақдир, ки тир дар камон кард,
Танҳо на маро бад-ӯ нишон кард.
*Шоҳин*

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, ғам махур,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, ғам махур!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ин дили ғамдида ҳолаш беҳ шавад, дил бад макун,
В-ин сари шӯрида боз ояд ба сомон, ғам махур!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Даври гардун гар ду рӯзе бар муроди мо нагашт,
Доиман яксон набошад кори даврон, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар баҳори умр бошад, боз бар тахти чаман
Чатри гул дар сар кашӣ, ай мурғи хушхон, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай дил, ар сели фано бунёди ҳастӣ барканад,
Чун туро Нӯҳ аст киштибон, зи тӯфон ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳон, машав намвед, чун воқиф наӣ аз сирри ғайб,
Бошад андар парда бозиҳои пинҳон, ғам махур

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар биёбон гар ба шавқи Каъба хоҳӣ зад қадам,
Сарзанишҳо гар кунад хори мағелон, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гарчи манзил бас хатарнок асту мақсад бас баъид,
Ҳеҷ роҳе нест, к-онро нест поён, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳоли мо дар фурқати ҷонону иброми рақиб
Ҷумла медонад Худои ҳолгардон, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофизо, дар кунҷи фақру хилвати шабҳои тор
То бувад вирдат дуову дарси Қуръон, ғам махур!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Насиҳате кунамат, бишнаву баҳона магир,
Ҳар он чи носеҳи мушфиқ бигӯядат, бипазир!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дӯст, гӯ, ёр шаву ҳар ду ҷаҳон душман бош,
Бахт, гӯ, пушт куну рӯи зимин лашкар гир!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Равандагони тариқат раҳи боло сипаранд,
Рафиқи ишқ чӣ ғам дорад аз нишебу фароз?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ғами ҳабиб ниҳон беҳ зи гуфтугӯи рақиб
Ки нест синаи арбоби кина маҳрами роз!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Таҳорат ар на ба хуни ҷигар кунад ошиқ,
Ба қавли муфтии ишқаш, дуруст нест намоз!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи мушкилоти тариқат инон матоб, ай дил,
Ки марди роҳ наяндешад аз нишебу фароз!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи ҷаври чарх чу, Ҳофиз, ба ҷон расид дилат,
Ба сӯйи деви миҳан новаки шиҳоб андоз!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст,
Ҳолиё ғулғула дар гунбади афлок андоз!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чашми олуданазар аз рухи ҷонон дур аст,
Бар рухи ӯ назар аз ойинаи пок андоз!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ғуломи он калимотам, ки оташ ангезад,
На оби сард занад дар сухан бар оташи тез!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Мабош ғарра ба бозии худ, ки дар хабар аст
Ҳазор таъбияи ҳукми подшоҳангез!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ишрати шабгир кун бетарс, к-андар шаҳри ишқ
Шабравонро ошноиҳост бо мири асас!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Тӯтиён дар шаккаристон комронӣ мекунанд
В-аз таҳассур даст бар сар мезанад мискин магас!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ману ҳамсӯҳбатии аҳли риё?! Дурам бод!

Аз гаронони ҷаҳон ратли гарон моро бас!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бинишин бар лаби ҷӯю гузари умр бибин,
К-ин ишорат зи ҷаҳони гузарон моро бас!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ёр бо мост, чӣ ҳоҷат, ки зиёдат талабем?!
Давлати сӯҳбати он мӯниси ҷон моро бас!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, аз машраби қисмат гила беинсофист,
Табъи чун обу ғазалҳои равон маро бас!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Фалак ба мардуми нодон диҳад зимоми мурод,
Ту аҳли донишу фазлӣ, ҳамин гуноҳат бас!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хоҳӣ, ки равшанат шавад асрори дарди ишқ,
Аз шамъ пурс қисса, зи боди ҳаво мапурс!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз далқпӯши савмаа нақди талаб маҷӯй,
Яъне, зи муфлисони сухан кимиё мапурс!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мо қиссаи Сикандару Доро нахондаем,
Аз мо ба ҷуз ҳикояти меҳру вафо мапурс!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Агар рафиқи шафиқӣ, дурустпаймон бош,
Ҳарифи ҳуҷраву гармобаву гулистон бош!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гарат ҳавост, ки бо Хизр ҳамнишин бошӣ,
Ниҳон зи чашми Сикандар чу оби ҳайвон бош!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Забури ишқнавозӣ на кори ҳар мурғест,
Биёву навгули булбули ғазалхон бош!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу ғунча гарчи фурўбастагист кори ҷаҳон,
Ту ҳамчу боди баҳорӣ гираҳкушо мебош!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Вафо маҷўй зи кас в-ар сухан намешунавӣ,
Ба ҳарза толиби симурғу кимиё мебош!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Боғбон, гар панҷрўзе суҳбати гул боядаш,
Бар ҷафои хори ҳиҷрон сабри булбул боядаш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Такя бар тақвову дониш дар тариқат кофарист,
Роҳрав, гар сад ҳунар дорад, таваккул боядаш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Фикри булбул ҳама он аст, ки гул шуд ёраш,
Гул дар андеша, ки чун ишва кунад дар кораш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дилрабоӣ ҳама он нест, ки ошиқ бикушанд,
Хоҷа он аст, ки бошад ғами хидматгораш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷои он аст, ки хун мавҷ занад дар дили лаъл
З-ин тағобун, ки хазаф мешиканад бозораш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Булбул аз файзи гул омўхт сухан, варна набуд
Ин ҳама қавлу ғазал таъбия дар минқораш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Суҳбати офиятат гарчи хуш афтод, ай дил,
Ҷониби ишқ азиз аст, фурў магзораш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Симоти даҳри дунпарвар надорад шаҳди осоиш,
Мазоқи ҳирсу оз, ай дил, бишўй аз талху аз шўраш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Каманди сайди баҳромӣ бияфкан, ҷоми Ҷам бардор,
Ки ман паймудам ин саҳро, на Баҳром асту на гўраш!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Назар кардан ба дарвешон мунофии бузургӣ нест,
Сулаймон бо чунон ҳашмат назарҳо буд бо мӯраш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дило, далолати хайрат кунам бо роҳи наҷот:
Макун аз фисқ мубоҳоту зуҳд ҳам мафурӯш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гӯш кун панд, ай писар в-аз баҳри дунё ғам махӯр,
Гуфтамат чун дур ҳадисе, гар тавонӣ дошт ҳӯш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар ҳарими ишқ натвон дам зад аз гуфтушунид,
З-он ки он ҷо ҷумла аъзо чашм бояд буду гӯш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бар бисоти нуктадонон худфурушӣ шарт нест,
Ё сухан дониста гӯй, ай марди оқил, ё хамӯш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар он касро, ки бар хотир зи ишқи дилбаре борест,
Сипанде, гӯ, бар оташ неҳ, ки дорад коруборе хуш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Шаби суҳбат ғанимат дону доди хушдилӣ бистон,
Ки маҳтобе дилафрӯз асту тарфи лолазоре хуш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

На умри Хизр бимонад, на мулки Искандар,
Низоъ бар сари дунёи дун макун, дарвеш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ту бандаӣ, гила аз дӯстон макун, Ҳофиз,
Ки шарти ишқ набошад шикоят аз каму беш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хоҳӣ, ки сахту сусти ҷаҳон бар ту бигзарад,
Бигзар зи аҳди сусту суханҳои сахти хеш!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Турраи шоҳиди дунё ҳама ванд асту фиреб,
Орифон бар сари ин ришта наҷуянд низоъ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷаҳону кори ҷаҳон ҷумла ҳеҷ дар ҳеҷ аст,
Ҳазор бор ман ин нукта кардаам таҳқиқ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дареғо дард, ки то ин замон надонистам,
Ки кимиёи саодат рафиқ буд, рафиқ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба маъмане раву фурсат шумар ғанимат вақт,
Ки дар камингаҳи умранд қотиъони тариқ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Бирав, ҳар он  чи ту дорӣ, бихур, дареғо махур,
Ки бедариғ занад рӯзгор теғи ҳалок!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,
Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Даври фалакӣ яксара бар манҳаҷи адл аст,
Хуш бош, ки золим набарад роҳ ба манзил!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Моҷарои ману маъшуқи маро поён нест,
Ҳар чи оғоз надорад, напазирад анҷом!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Агар зи мардуми ҳушёрӣ, ай насиҳатгӯй,
Сухан ба хок маяфкан, чароки ман мастам!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман аз бозуи худ дорам басе шукр,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар ошиқӣ гузир набошад зи созу сӯз,
Истодаам чу шамъ, матарсон зи оташам!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чаро на дар пайи азми диёри худ бошам,

Чаро на хоки сари кӯйи ёри худ бошам?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ғами ғарибию меҳнат чу барнаметобам,
Ба шаҳри худ раваму шаҳриёри худ бошам!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман агар риндаму гар шайх, чӣ корам ба кас?!
Ҳофизи рози худу орифи вақти хешам!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тарози пираҳани заркашам мабин чун шамъ,
Ки сӯзҳост ниҳонӣ даруни пираҳанам!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аҳду паймони фалакро нест чандон эътибор,
Аҳд бо паймона бандам, шарт бо соғар кунам!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ишқ дурдона-сту ман ғаввосу дарё майкада,
Сар фурӯ бурдам дар ин ҷо, то куҷо сар баркунам?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман, ки дорам дар гадоӣ ганҷи султонӣ ба даст,
Кай тамаъ дар гардиши гардуни дунпарвар кунам?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман, ки раҳ бурдам ба ганҷи ҳусни бепоёни дӯст,
Саг гадое ҳамчу худро баъд аз ин Қорун кунад!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ман тарки ишқу шоҳиду соғар намекунам,
Сад бор тавба кардаму дигар намекунам!

Агар бар ҷойи ман ғайре гузинад дӯст, ҳоким ӯст,
Ҳаромам бод, агар ман ба ҷойи дӯст бигзарам!
*Ҳофизи Шерозӣ*

На ҳар к-ӯ нақши назме зад, каломаш дилпазир афтад,
Тазарви турфа ман гирам, ки чолок аст шоҳинам!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Чун сар омад давлати шабҳои васл,
Бигзарад айёми ҳиҷрон низ ҳам!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чок хоҳам занад ин ин далқи риёӣ, чӣ кунам,
Рӯҳро суҳбати ноҷинс азобест алим!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Мо зи ёрон чашми ёрӣ доштем,
Худ ғалат буд, он чи мепиндоштем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

То дарахти дӯстӣ кай бар диҳад,
Ҳолиё рафтему тухме коштем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷое, ки тахту маснади Ҷам меравад, ба бод,
Гар ғам хӯрем, хуш набувад, беҳ, ки май хӯрем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Қадри вақт ар нашиносад дилу коре накунад,
Бас хиҷолат, ки аз ин ҳосили авқот барем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳе нав дарандозем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Агар ғам лашкар ангезад, ки хуни ошиқон резад,
Ману соқӣ баҳам созему бунёдаш барандозем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чу дар даст аст руде хуш, бизан, мутриб, суруде хуш,
Ки дастафшон ғазал хонему покӯбон сар андозем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Яке аз ақл мелофад, яке томот мебофад,
Биё к-ин довариҳоро ба пеши довар андозем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи хумат яксар ба ҳавзи Кавсар андозем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ком аз ҷаҳон бирон, ки бибахшад Худо гуноҳ,
Рӯзе, ки рахти ҷон ба ҷаҳоне дигар кашем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дӯстон, вақти гул он беҳ, ки ба ишрат кӯшем,
Сухани пири муғон аст, ба ҷон бинйушем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Сояи тойири камҳавсала коре накунад,
Талаб аз сояи маймуни ҳумое бикунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем,
Ҷомаи кас сияҳу далқи худ азрақ накунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Рақами мағлата бар дафтари дониш назанем,
Сирри Ҳақ бар вароқи шуъбада мулҳақ накунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Айби дарвешу тавонгар ба каму беш бад аст,
Кори бад, маслаҳат он аст, ки мутлақ накунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хуш биронем ҷаҳон дар назари роҳравон,
Фикри аспи сияҳу зини муғаррақ накунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Осмон киштии арбоби ҳунар мешиканад,
Такя, он беҳ, ки бар ин баҳри муаллақ накунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳаҷв агар гуфт ҳасудеву рафиқе ранҷид,
Гӯ: “Ту хуш бош, ки мо гӯш ба аҳмақ накунем!”

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, ар хасм хато гуфт, нагирем бар ӯ,
В-ар баҳақ гуфт, ҷадал бо сухани ҳақ накунем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Душманонро зи хун кафан созем,
Дӯстонро қабои фатҳ диҳем!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Мо дарди пинҳон бо ёр гуфтаем,
Натвон нуҳуфтан дард аз табибон!
*Ҳофизи Шерозӣ*

То кай аз симу зарат киса тиҳӣ хоҳад буд?!
Бандаи ман шаву бар хур зи ҳама симтанон!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Камтар аз зарра наӣ, паст машав, меҳр биварз,
То ба хилватгаҳи Хуршед расӣ чархзанон!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба қавли душманон баргаштӣ аз дӯст,
Нагардад ҳеҷ кас бо дӯст душман!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Мурғи камҳавсаларо гӯ: “Ғами худ хур”, ки бар ӯ
Раҳми он кас, ки ниҳад дом, чӣ хоҳад будан?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бода хӯр, ғам махӯру панди муқаллид манийӯш,
Эътибори сухани ом чӣ хоҳад будан?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дастранҷи ту, ҳамон беҳ, ки шавад сарф ба ком,
Донӣ, охир, ки ба ноком чӣ хоҳад будан?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Донӣ, ки чист давлат?! Дидори ёр дидан!
Дар кӯйи ӯ гадоӣ бар хусравӣ гузидан!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил тавон буридан!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бӯсидани лаби ёр аввал зи даст магзор,
К-охир малӯл гардӣ аз дасту лаб газидан!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Фурсат шумор суҳбат, ки аз ин дуроҳа манзил
Чун бигзарем, дигар натвон ба ҳам расидан!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Вафо кунему маломат кашему хуш бошем,
Ки дар шариати мо кофарист ранҷидан!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Айёми гул чу умр ба рафтан шитоб кард,
Соқӣ, ба даври бодаи гулгун шитоб кун!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Рўзе, ки чарх аз гили мо кўзаҳо кунад,
Зинҳор косаи сари мо пуршароб кун!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Пирон сухан зи таҷриба гўянду гуфтамат,
Ҳон, ай писар, ки пир шавӣ, панд гўш кун!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бо дўстон музояқа дар умру мол нест,
Сад ҷон фидои ёри насиҳатнийўш кун!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар чу Фарҳодам ба талхӣ ҷон барояд, бок нест,
Бас ҳикоятҳои Ширин бозмемонад зи ман!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Носеҳам гуфт, ки “Ҷуз ғам чӣ ҳунар дорад ишқ?!”,
Бирав, ай хоҷаи оқил, ҳунаре беҳтар аз ин?!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Тухми вафову меҳр дар ин кўҳна киштзор
Он гаҳ аён шавад, ки расад мавсими дарав!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ончунон рав шаби реҳлат чу Масеҳо ба фалак,
К-аз чароғи ту ба Хуршед расад сад партав!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Такя бар ахтари шабдузд макун, к-ин айёр
Тоҷи Ковус бибурду камари Кайхусрав!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба шамшерам заду бо кас нагуфтам,

Ки рози дӯст аз душман ниҳон беҳ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷавоно, сар матоб аз панди пирон,
Ки ройи пир аз бахти ҷавон беҳ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Шустушӯе бикун, он гаҳ ба харобот хиром,
То нагардад зи ту ин дайри хароболуда!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба таҳорат гузарон манзили пириву макун
Хилъати шайб чу ташрифи шабоб олуда!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Поку софӣ шаву аз чоҳи табиат бадард ой,
Ки сафое надиҳад оби туроболуда!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зинҳор, то тавонӣ, аҳли назар маёзор,
Дунё вафо надорад, ай нури ҳарду дида!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳушёр шав, ки мурғи чаман маст гашт, хон!
Бедор шав, ки хоби адам дар пай аст, ҳай!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар остони ҷонон аз осмон маяндеш,
К-аз авҷи сарбаландӣ афтӣ ба хоки пастӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дуои субҳу оҳи шаб калиди ганҷи мақсуд аст,
Бад-ин роҳу равиш мерав, ки бо дилдор пайвандӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Насиҳат гӯш кун, к-ин дур басе беҳ
Аз он гавҳар, ки дар ганҷина дорӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Навбаҳор аст, дар он кӯш, ки хушдил бошӣ,
Ки басе гул бидамад бозу ту дар гил бошӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Даме бо некхоҳон муттафиқ бош,
Ғанимат дон умури иттифоқӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, макун шикоят, гар васли дӯст хоҳӣ,
З-ин бештар бибояд бар ҳаҷрат эҳтимоле!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Бас гул шукуфта мешавад ин боғро, вале
Кас бе балои хор начидаст аз ӯ гуле!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гила аз зоҳиди бадхӯ накунам, расм ин аст,
Ки чу субҳе бидамад, дар пояш афтад шоме.

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чун пир шудӣ, Ҳофиз, аз майкада берун ой,
Риндию ҳаваснокӣ дар аҳди шабоб авло!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи раҳам маяфкан, ай шайх, ба донаҳои тасбеҳ,
Ки чу мурғ зирак афтад, нафитад ба ҳеҷ доме!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Аҳли кому нозро дар кӯйи риндӣ роҳ нест,
Раҳраве бояд ҷаҳонсӯзе, на хоме, беғаме!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,
Оламе дигар бибояд сохт в-аз нав одаме!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дил ба дунё мабанд, агар мардӣ,
З-он ки дунёст шайъаи лошай!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯзе бирасӣ ба васл, Ҳофиз,
Гар тоқати интизор дорӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Вақтро ғанимат дон, он қадар ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, ай ҷон, як дам аст, то донӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Комбахшии гардун умр дар иваз дорад,
Ҷаҳд кун, аз ин давлат доди айш бистонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Боғбон, чу ман з-ин ҷо бигзарам, ҳаромат бод,
Гар ба ҷои ман сарве ғайри дӯст биншонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Зоҳиди пушаймонро завқи бода хоҳад кушт,
Оқило, макун коре, к-оварад пушаймонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Пеши зоҳид аз риндӣ дам мазан, ки натвон гуфт
Бо табиби номаҳрам ҳоли дарди пинҳонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Маломатгӯ чӣ меёбад миёни ошиқу маъшуқ?!
Набинад чашми нобино хусус асрори пинҳонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дареғо айши шабгире, ки дар хоби саҳар бигзашт,
Надонӣ қадри вақт, ай дил, магар вақте ки дармонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Малӯл аз ҳамраҳон будан тариқи корвонӣ нест,
Бикаш душвории манзил ба ёди аҳди осонӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳар он ки кунҷи қаноат ба ганҷи дунё дод,
Фурӯхт Юсуфи мисрӣ ба камтарин самане!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Сангсон шав дар қадаме, не ҳамчу об
Ҷумла рангомезиву тардоманӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Такя бар ҷойи бузургон натавон зад ба газоф,
Магар асбоби бузургӣ ҳама омода кунӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Савобат бошад, ай дорои хирман,
Агар раҳме кунӣ бар хӯшачине!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар амонат ба саломат  бибарам, боке нест,
Бедилӣ саҳл бувад, гар набувад бединӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Хомро тоқати парвонаи парсӯхта нест,
Нозуконро набувад шеваи ҷонафшонӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷойи ҳузуру гулшани амн аст ин сарой,
З-ин дар ба шодмониву айшу тараб дарой!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Сифлатабъ аст ҷаҳон, бар карамаш такя макун,
Ай ҷаҳондида, саботи қадам аз сифла маҷӯй!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ду насиҳат кунамат, бишнаву сад ганҷ бибар:
Аз дари айш дарову ба раҳи айб мапӯй!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Шукри он рӯз, ки дигар бирасидӣ ба баҳор,
Бехи некӣ бинишону гули тавфиқ бибӯй!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Рӯи ҷонон талабӣ, оинаро қобил соз,
В-арна ҳаргиз гулу насрин надамад з-оҳану рӯй!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҷамшед ҷуз ҳикояти ҷом аз ҷаҳон набурд,
Зинҳор дил мабанд бар асбоби дунявӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-ай нури чашм ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ай бехабар, бикӯш, ки соҳибхабар шавӣ,
То роҳрав набошӣ кай роҳбар шавӣ?!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар мактаби ҳақойиқ пеши адиби ишқ,

Ҳон, ай писар, бикӯш, ки рӯзе падар шавӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Даст аз мисли вуҷуд чу мардони раҳ бишӯй,
То кимиёи ишқ биёбиву зар шавӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Хобу хӯрат зи мартабаи хеш дур кард,
Он гаҳ расӣ ба хеш, ки бехобу х (в) ар шавӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар нури ишқу Ҳақ ба дилу ҷонат уфтад,
Биллаҳ, к-аз офтоби фалак хубтар шавӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Бунёди ҳастии ту чу зеру забар шавад,
Дар дил мадор ҳеҷ, ки зеру забар шавӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Гар дар сарат ҳавои висол аст, Ҳофизо,
Бояд, ки хоки даргаҳи аҳли ҳунар шавӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Қатъи ин марҳала бе ҳамраҳии Хизр макун,
Зуламот аст, битарс аз хатари танҳоӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Дар ҳикмати Сулаймон ҳар кас, ки шак намояд,
Бар ақлу дониши ӯ ханданд мурғу моҳӣ.
*Ҳофизи Шерозӣ*

Боз арчи гоҳ-гоҳе бар сар ниҳад кулоҳе,
Мурғони Қоф донанд ойинаи подшоҳӣ!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Теғе, ки осмонаш аз файзи худ диҳад об,
Танҳо ҷаҳон бигирад, бе минати сипоҳе!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Фироқу васл чӣ бошад?! Ризои дӯст талаб,
Ки ҳайф бошад аз ӯ ғайри ӯ таманное!
*Ҳофизи Шерозӣ*

Ба даври гул, Худоро, тавба бишкан,
Ки аҳди гул надорад устуворӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Зи кӯи мурғон рух магардон, ки он ҷо
Фурӯшанд мифтоҳи мушкилкушоӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Арӯси ҷаҳон гарчи дар ҳадди ҳусн аст,
Зи ҳад мебарад шеваи бевафоӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Биёмӯзамат кимиёи саодат:
Зи ҳамсуҳбати бад ҷудоӣ, ҷудоӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Доим гули ин бӯстон шодоб намемонад,
Дарёб заифонро дар вақти тавоноӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳуш дор, ки гар васвасаи ақл кунӣ гӯш,
Одамсифат аз равзаи ризвон бадар оӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Шояд, ки ба обе фалакат даст нагирад,
Гар ташналаб аз Чашмаи Ҳайвон бадар оӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Ҳофиз, макун андеша, ки он Юсуфи маҳрӯ
Боз ояду аз кулбаи эҳзон бадар оӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Имрӯз, ки бозорат пурҷӯши харидор аст,
Дарёбу бинеҳ ганҷе аз мояи некӯӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

Чун шамъи накӯрӯӣ дар раҳгузари бод аст,
Тарфи ҳунаре барбанд аз шамъи накӯрӯӣ!

*Ҳофизи Шерозӣ*

# Сад сухани ҳикматангези Муҳаммади Ҳиҷозӣ

1
Ба ақл зиндагӣ кунему бо дил хуш бошем.

2
Барои фикр кардан бояд аввал дилро аз кинаю бадӣ пок кард.

3
Бинои зиндагӣ бар тақлид аст, аммо ҳунарманд бояд аз тақлид бипарҳезад.

4
Танҳо зане, ки озор намерасонад, модар аст.

5
Ақли ноқис аст, ки миёнаи дилҳоро ба ҳам мезанад.

6
Агар ақл комил шуд, дил бад-ӯ таслим мешавад.

7
Ҳар кас метавонад ҳар рӯз худро беҳтар аз дирӯз бисозад.

8
Писарон ишқро ба бозӣ мегиранд, духтарон бо ишқ зиндагонӣ мекунанд.

9
Агар бояд рашк бурд, ба касе рашк бибарем, ки хушбахт аст.

10
Ҳар ҷо ду нафар бошанд, яке ҳоким аст, дигаре маҳкум.

11
Ишқ оташ аст, агар набошад, хона сарду торик аст, аммо агар беҷо афтод, хонаву хонумонро месӯзад.

12
Он ки некбахтии худро ба дасти дигаре медонад, басе нокомӣ хоҳад кашид.

13
Зан аз дӯстӣ ба ишқ мерасад, мард аз ишқ ба дӯстӣ.

14
Гоҳ аз як табассум ҳамчу як лабханди офтоб дунёе равшан мешавад.

15
Ақл ба ду гуна аст: яке душмани ишқ аст, дигаре хидматгузори ишқ. Он аввалӣ ҳоло комил нест.

16
Некиву меҳрубониву кушодарӯӣ ҳар зиштеро зебо мекунад.

17
Кӯдакро аз модар наметавон ҷудо кард, ҷавон ба лаззат аз хонавода ҷудо мешавад, пир аз ҷудоӣ безор аст.

18
Хонаи ороста касеро хушбахт намекунад, рӯҳи оростааст, ки хонаро ҷои хушбахтӣ месозад.

19
Аз хонае, ки садои ханда биёяд, даре ба биҳишт боз аст.

20
Зиндагӣ бозист, аммо қоидаҳои бозиро бояд риоят кард.

21
Донишандӯзон аз ҳазор бало дар амонанд.

22
Муфидтарин ихтироъи башар китоб аст.

23
Агар ба амал машғулед, мумкин аст, ки ба мақсуд бирасед, вагарна хеле ба умеди бахт набошед.

24
Ҳунарманде, ки ошиқ набошад, чароғе ҳаст, ки беравған месӯзад.

25
Танҳо камоли нафс аст, ки моро аз ҳар неъмати дигаре бениёз мекунад.

26
Дар сурату сират ва зиндагонии ҳар кас  андешаи ӯ намоён аст.

27
Беҳтариш пешаи инсонӣ кишоварзист.

28
Он неъмат  насиби мо аст, ки қадри онро медонем, вагарна аз сурати зебо барои кӯр чӣ ҳосил.

29
Дил барои орзуст, ҳар таманноеро, ки аз он берун кунӣ, хоҳиши дигаре ба ҷои он менишинад.

30
Маънии ҳақиқии ҳарфро бояд дар чашму садо ва аҳволи гӯянда ҷустуҷӯ кард.

31
Ҷавонон ишқи зиндаро мекушанд, пирон ишқи мурдаро дар хаёл зинда мекунанд.

32
Ноне, ки фақир мебахшад, ҳазор нон арзиш дорад, ноне, ки доранда медиҳад, беш аз як нон намеарзад.

33
Суханрон агар матлабе дошта бошад, суханронӣ кӯтоҳу равшан ва бемалол хоҳад буд.

34
Сарвати ҳақиқӣ онест, ки натвон аз касе гирифт.

35
Барои хушбахт будан на сарват лозим аст, на
илм, на мақом, на қудрат ва на ваҷоҳат, хулқу қаноат кофӣ аст.

36
Шухӣ ба шарте писандида аст, ки дигаронро бихандонаду касеро наранҷонад.

37
Ҳар қадар аз хостаҳо бикоҳем, зудтар ба орзу мерасем.

38
Сукет обе аст, ки бар оташи хашм рехта мешавад.

39
Амали хешро ситоиш кардан, онро кӯчаку ночиз сохтан аст.

40
Мизони хубӣ ва бадӣ манфиату ҳаваси мо аст.

41
Ҷоҳил неъматро ба ҷони худ бало месозад ва оқил балоро неъмат.

42
Қарзи падару модар ба фарзандон илму сарват нест, тарбият асту ахлоқ.

43
Вақте, ки дӯстон аз даст рафтанд, мефаҳмем, ки чӣ қадар дӯсташон медоштем.

44
Беҳтарин зинати зан хулқи хуш асту тандурустӣ.

45
Баъзе шод ба дунё меоянд, баъзе фарсуда.

46
Ғаме, ки барои дигаре бошад, лаззат дорад.

47
Саодати хонавода баста ба роҳбарии оқилонаи падар ва итоати зану фарзандон аст.

48
Агар дар вуҷуди худ ҷустуҷӯ кунем, мебинем, ки ҳазор қудрат дар ихтиёр доштему намедонистем.

49
Дар ниҳоди ҳар оқиле девонае пинҳон аст.

50
Бузургтарин китоби маърифат дар осмони шаб кушуда аст.

51

Тавоно касе аст, ки аз тавоноии худ хабар дорад ва онро ба кор мебарад.

52

Доно касе аст, ки ба ҳавасҳою бачагиҳои худу дигарон механдад.

53

Зан саодати худро ба зебоӣ мефурӯшад, мард ба қудрат.

54

Одами пухта ба ҳарфи мувофиқу мухолиф яксон гӯш мекунад.

55

Ҳар хоҳише, ки аз замири башар бигзарад, шуданӣ аст.

56

Номи некеро, ки аз падар расида, бояд ҳамчу ҷоми булӯрин бо эҳтиёти фаровон нигаҳ дошт.

57

Мусиқии ҳар миллате забоне аст, ки бояд омӯхт.

58

Барои оқил шудан як шеър кофист, барои олим шудан як китобхона кифоят намекунад.

59

Мусиқӣ баёни орзуҳову хоҳишҳо ва дардҳои ногуфтанӣ аст.

60

Субҳи равшан он аст, ки бо дилу поку меҳрубон аз хоб бархезем.

61

Ҳар рӯз субҳ аз осмон нидо мерасад, ки торикиҳоро аз худ фурӯ бирез ва зиндагиро аз сар бигир.

62

Фикре, ки аз танбалӣ ё исроф бошад, гуноҳ аст.

63

Агар мехоҳед бидонед, чӣ андоза ҳушу ақл ва таҷриба доред, бубинед чӣ андоза аз зиндагӣ бархурдоред.

65

Танҳо ба дунё меоем ва танҳо аз дунё меравем, вой агар танҳодил зиндагӣ карда бошем.

66,
Ҳар фарде мазҳаби хосе дорад.

67
Дилбарӣ осон аст, аммо дилдорӣ кори ҳар касе нест.

68
Бузургтарин  ва душвортарин вазифаи мо хуш зистан аст.

69
Дили ошиқ ба як ҳарфи хуши маъшуқ як умр меҳнатро фаромӯш мекунад.

70
Сармояи илму ҳунар ҳамеша суд медиҳад..

71
Лутфу меҳри баддилон неше аст, ки дар гуле пинҳон бошад.

72
Ду қоидаи аслии сӯҳбат: яке ин аст, ки аз хубии худ чизе нагӯем, дигар он ки аз бадии дигарон дам назанем.

73
Тараққиёти моддӣ далел ба саодати мардум нест.

74
Кишваре дар роҳи саодат аст, ки мардум бо зимомдорони худ якдилу якҷиҳат бошанд.

75
Илми ахлоқ аз ҳама илме воҷибтар аст.

76
Он ки аз ақлу виҷдони худ итоат мекунад, камтар ба итоати дигарон маҷбур хоҳад шуд.

77
Ростӣ ва дурустӣ ба худ аз ҳосили матлуби зиндагӣ аст.

78
Вақте сухан маънӣ медиҳад, ки бо ҳолу эҳтиёҷоти рӯҳии мо ҷуфт бошад.

79
Ранҷ кашидан ва дам назадан рӯҳро бузургӣ ва фикрро нерӯ месозад.

80
Азамат ва маҳбубияти худро офтоб дар ин мебинад, ки бисӯзаду нур бибахшад.

81
Сӯҳбати дилнишин он аст, ки гӯянда худро фаромӯш кунад ва аз шунаванда бигӯяд.

82
Омӯзгори ҳушманд бояд беш аз он чӣ ба дигарон меомӯзад, ҳар рӯз ба дониши худ бияфзояд.

83
Гиряи зан риққат меоварад, аммо гиряи мард ваҳшатнок аст.

84
Ҳар нуқсе қобили ҷуброн аст, магар беақлӣ.

85
Одами бади ботарбият аз одами хуби бетарбиат барои ҳамнишинӣ беҳтар аст.

86
То фардое ҳаст, бояд умедвор буд.

87
Тарки ватан кардан шикастани аҳдест, ки бо падару хешон ва дӯстону ҳамватанон бастаем.

88
Он чӣ ба мақсуд мерасонад, азм асту ирода ва таманною орзу.

89
Ҷаҳони ҳар кас ба андозаи вусъати фикри ӯст.

90
Биҳишти ин дунё ишқ асту вафодорӣ.

91
Аввалин хатои  гунаҳкор он аст, ки бад ва хубро аз назари худ ташхис медиҳад, на аз назари ҷомеъа.

92
Муҳити зиндагонии ҳар кас он аст, ки бо дилу ақл ва забони худ месозад.

93
Моле, ки ба даст овардаем, аз ин ҷиҳат азиз аст, ки фарзанди фикру амали мост.

94
Вой ба холи касе, ки ҳамчу мурғи қафас нонею обе ва осоише дорад, аммо кӯшиш ва умеде надорад.

95
Гуноҳро ба гардани дунё ва дигарон нагузорем, кӯтоҳӣ аз ҳиммату кӯшиши мост.

96
То метавон хидмати худро анҷом дод, меҳнати хидматгор мебояд кашид.

97
Хуш ҳоли он касе, ки эҳтиёҷи худро дар ҳар чиз бидонад.

98
Сукут тирест, ки ҳамеша дар тиркаш дорем.

99
Зан дар шавҳар падарӣ меҷӯяд ва мард дар зан - модарӣ.

100
Ҳеҷ кас нест, ки ҳамеша мутобиқи майли шумо рафтор кунад, аввал худи шумо.

# Зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ

## Зарбулмасалҳо

Зарбулмасал як навъи эҷодиёти даҳонакии халқ буда, дар зинаи баланди тафаккури инсонӣ меистад. Дар зарбулмасалҳо ҳаёти маънавии мардум мавқеи муҳим дорад. Дар зарбулмасалҳо фикрҳои бикр, ғояҳои олӣ, ҷозибаю салосати сухан, маъниҳои амиқи ҳаётӣ, андешаҳои чуқур, суханҳои ҳикматнок баён ёфтаанд.

Мардуми тоҷикзабон барои ифодаи зарбулмасал мафҳумҳои «масал», «матал», «андарз», «афсона», «зарбулмасал», «мақол», «қавли машоих», «суханҳои бобоён», «қавли бузургон», «гуфти ҳакимон» ва ғайраро истифода намудаанд.

Дар зарбулмасалу мақолҳо хулоса ва ҷамъбасти таҷрибаҳои бисёрасраи одамон акс ёфтааст.

Дар онҳо маъниҳои ахлоқию тарбиявӣ, маишӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ акс ёфтааст.

Аслан зарбулмасалҳо як навъи ҳикматанд.

## Мақолҳо

Мақолҳо-гуфтаҳо, як навъи адабиёти даҳонакии халқ аст. Ибораҳои рехта, ё барҷастае, ки бо ягон воситаи бадеӣ воқеъа, ё ҳодисаеро аз ҳаёти ҳаррӯза ифода  мекунад мақол меноманд. Мақолҳо монанди пандҳо, ҳикматҳо, зарбулмасалҳо мазмуни насиҳатомез надошта бошанд ҳам, аммо бо кинояву истиора воқеъаҳои зиндагиро барҷаставу равшан ба тарзи умумӣ ифода мекунанд.

мисолҳо:

Абр агар аз қибла хезад, сахт борон мешавад

Аввал баҳор, баъд хазон.

Фарқи мақолҳо аз зарбулмасалҳо ин аст, ки дар мақолҳо муҳокимаю хулосаҳои пандомӯзона дида намешавад. Мақолҳо танҳо аз тасвирҳои образноки ягон ҳодиса ва воқеъаҳои ҳаёт иборат аст. Масалан:
«Агарчӣ сухан зар аст, сукут гавҳар аст». Дар ин мақол фақат сурати воқеъа зикр шудааст, аммо хулосае бароварда нашудааст.

Абр омаду сел омад.

Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ.

Аввал зан, охир зан, баъд зану шӯ.

Аввал кор баъд гуфтор.

Аввал салом, баъд таъом.

Аввал таъом, баъд калом.

Агар бахт ҷӯӣ, марди майдон бош.

Агар тарсӣ забонатро нигаҳ дор.

Агар шохат бошад, замина кан.

Адаба аз беадаб омӯз.

Адаб беҳтарин ганҷ аст.

Аёс, ҳадди худро шинос.

Аз бад -  касофат, аз нек - шарофат.

Аз бало ҳазар.

Аз асп фурояд ҳам, аз узангу намефурояд.

Аз барф гурехта ба борон дучор шудан.

Аз бекорӣ—кадукорӣ.

Аз бекорӣ сар мехорӣ.

Аз бекор ҳама безор.

Аз боғ лола рӯяд, аз шӯразор хас.

Бе гап гап намешавад.

Аз гӯсфанди сафед барраи сиёҳ.
Аз гӯсфанди сиёҳ барраи сафед.

Аз даҳонаш бӯи шир меояд.

Аз девори кач̧ ҳазар.
Аз девона мепурсӣ, кӣ моҳ чанд аст.

Аз дур дидӣ асп, даррав раву часп.

Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

Аз замин ёфтӣ, шумурда гир.

Аз карнайчӣ як пуф.

Аз касофати як шум, сӯзад шаҳри Рум.

Аз кулӯх ҳам алов парид.

Аз мард монад симу зар,
Аз номардон дарди сар.

Аз модарозор ҳама безор.

Аз худ гиллае дараму аз ёр не.

Аз чашм дуру ба дил наздик.

Аз шудааш пушаймон.

Аз ҳар калла як садо.

Аз ҳар суфра як хамиртуруш.

Аз ҳар қисса як ҳисса.

Айб дар дег аст, ё кафлес.

Айб накун ба хешат, давида меояд ба пешат.

Асои пир ба ҷойи пир.

Айнакам дар хона мондааст.

Алиф, бе, те — маориф пула те.

Алишер — Шералӣ.

Ангура хӯру боғаша мапурс.

Арғамчинро дароз партофта мондан.

Аҳмақ лаззати ҳикматро намедонад.

Ба асп як қамчин, ба хар сад хипчин.

Ба гуфтан кор осон аст.

Ба девори хушк лой намечаспад.

Бадкарда — бадгумон.

Ба доно ишорат, ба нодон калтак.

Ба кордон кор осон.

Бало ба одам аз забон аст.

Ба оши тайёр баковул.

Бардорад зам кун, набардорад кам кун.

Бародарӣ — баробарӣ.

Ба сари кас чормағз мешиканад.

Ба баданаш об давид.

Ба хок чӣ корӣ, ҷуз он надаравӣ.

Бахт дар меҳнат аст.

Бача азиз, одобаш аз вай азиз.

Бача ҳам гулу ҳам булбули хона.

Ба шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав.

Баъд аз ош якдам мабош.

Ба як ҷавон сад ҳунар кам.

Бачаи эрка — балои ҷон.

Бача лой — оча кулол.
Ба роҳи рост рав, агарчи дур аст.

Баҳор раву тирамоҳ биё.

Бе мактаб хондан нест.

Бепул суханат асар надорад.

Беруни бало дошт, дарун надаро.

Беҳ ҷӯӣ — бад ёбӣ.

Биёмӯз илм, ки азиз гардӣ.

Бисёр дону кам гӯй.

Бо бадон муросо.

Бо дег шинӣ сиёҳ шавӣ — бо моҳ шинӣ моҳ шавӣ.

Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.

Болои сӯхта намакоб.

Бо одами тарсончак ба шикор марав.

Бо чормағзи пуч бағалро пур кардан.

Бо як гул баҳор намешавад.

Буз ба гӯсфанд хандидааст.

Булбул дар хонаи акка.

Вафо бояд аз саг омӯхт.

Ваъда додӣ, вафо кун, қавл додӣ, иҷро кун.

Вақти гули хор — хо кору хоҳ макор.

Вақти кор — кор.

Вақти мева гӯши деҳқон кар мешавад.

Вақт ғанимат аст.

Гадо аз гадо металабад.

Гадо бошад ҳам дадо бошад.

Гадоро саг мешиносад.

Гандум аз гандум бирӯяд — ҷав зи ҷав.

Гандум ҳама ҷо — пазанда ҷо-ҷо.

Ганҷи беранҷ надидааст касе,
Гули бехор начидааст касе.

Ганҷ магир — китоб гир.

Гапат калон дилат – вайрон.

Гапба полвон — корба ҳайрон.

Гапгӯ ганда не — гапхабаргӯ ганда.

Гап дар салла не, дар кала.

Гап дар сурат не, дар сират.

Гап зану муомила шунав.

Гапи бисёр — хара бор.

Гап қати шикам сер намешавад.

Гарму сарду рӯзгор надида.

Гар сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад.

Гар фил бошӣ, гурбаро азият надеҳ.

Гарчӣ дур аст, вале рост аст.

Гови бешохбанд.

Гови бешира овозаш баланд.

Гову гӯсфанд бо хӯрдан фарбеҳ мешаванд.

Гул ба дасти хор.

Гул накарда — ғӯра кардааст.

Гул кардаасту бӯ накардааст.

Гул хор дорад — асал орӯ.

Гумон аз имон ҷудо мекунад.

Гуноҳи бача ба оча.

Гурги борондида.

Гурги гурусна оғил мекобад.

Гург ошноӣ надорад.

Гуруснагии шабро болишт мебардорад.

Гӯри одами бахил танг аст.

Гӯлӣ бадтар аз duzдист.

Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад.

Гӯсолаи шуданӣ аз пояш маълум.

Гӯсфанди нар барои корд.

Гӯш бошад, гӯшвор бисёр.

Гӯши каҷба сухани рост намефорад.

Гӯши хар ҳам меҷунбад.

Гӯшти уштур хӯрдааст.

Ғайбати кас то натвонӣ нагӯй,
З-он ки зи ғайбат биравад обрӯй.

Давидани гурба то остона.

Давидани гӯсола то каҳдон.

Давлат дорӣ—салват дорӣ.

Давои қурут оби ҷӯш.

Далер дар ҳама ҷо ғолиб.

Дам ғанимат, одам ғанимат.

Дарахт дар як ҷо месабзад.

Дарахти зулм бақо надорад.

Дарахти нағз зиннати боғ.

Дар бист — мард гирист, дар сӣ — мард расид, дар чил — мард пур, дар панҷоҳ — мард баҷо, дар шаст — мард шикаст, дар ҳафтод — мард афтод.

Дар вақти пахтачинӣ, танбал шуд дарди бинӣ.

Дар гирди осиё гаштӣ, гардолуд мешавӣ.

Дард дигар, аҷал дигар.

Дарди бадро давои бад.

Дарро задам, девор кафид.

Дар каҷу девор каҷ, ҳам васаю болор каҷ.

Дар кори шитоб, пушаймонӣ бисёр.

Дар миёни обу оташ.

Дар навмедӣ басе умед аст.

Дароза мону кӯтоҳа бӯр.

Дар хонаат меҳмон бошад, гурбаатро «пишт» нагӯ.

Дар худат нест, дар олам нест.

Дар хона ҳафт бону—хокаш то зону.

Дар хӯрдан чун наҳанг, дар кор чу хари ланг.

Дар ғарбел об намеистад.

Дар ҳар ош қатиқ.

Дастархони Алибою обрӯи Валибой.

Дар қасри падар намону дар кулбаи модар мон.

Даст дастро мешӯяд, об хунро.

Дасти диҳанда боло.

Дасти худро кор фармову миннати дигарон накаш.

Даҳани хӯрда шарманда.

Даҳон гуфт: «Омад», шикам гуфт: «Қиёмат».

Деволи намкаш — ҳамаро дам каш.

Дер ояду шер ояд.

Дидори дӯст ширин аст.

Дидӣ нашуд, мон ки равад.

Дилама бар, пулама хӯр.

Дил ба ёру даст ба кор.

Дил — дили Зайнаб

Дили оча ба бача — дили бача ба кӯча.

Диле, ки ишқ надорад, шикофи девор аст.

Дили раҳмгин — ҳамеша ғамгин.

Дили беишқ — шикофи девор.

Дил кушода бошад, дар кушода.

Додот кони макон—очат кайки калон.

Дониш аз хониш.

Дониш хоҳӣ пурсон бош.

Доно ба имор ати сухан машғул аст, нодон ба иморати бадан.

Доно аспашро таъриф мекунад, нодон худашро.

Дузд бошӣ ҳам боинсоф бош.

Дузд аз сояи худ  ҳам метарсад.

Дунёро бо чашми дил бояд дид.

Дур бирав, амон бирав.

Дурр шиканаду сухан нашиканад.

Дурӯғ бефурӯғ аст.

Дусад дӯст каму як душман зиёд.

Духтар меваи ҷавпазак.

Душманро бо шакар куштаанд.

Душмани товус пари ӯ.

Душман гап наёбад,  «думи сагат каҷ» мегӯяд.

Духтари бабахт — боғи оча, духтари бебахт — доғи оча.

Дӯстба зору душманба хор.

Дӯст бошу кӯр набош.

Дӯстон оинаи якдигаранд.

Дӯст яку душман ҳазор.

Ё ба гапи калон даро, ё ба гапи хурд.

Ё ба зорӣ, ё ба зӯрӣ, ё ба зар.

Ё ба ташна марас, ё ба гурусна.

Ё бора пеши хар бар, ё хара пеши бор.

Ё буд шавад, ё нобуд.

Ё гули саҳро бошӣ, ё санги дарё.

Ё номи нек, ё номи бад.

Ёри бад бадтар бувад, аз мори бад.

Ё ҳусни расо, ё мӯи дароз.

Ё шаҳри азим, ё кӯҳи баланд.

Забон дар ҷои худ монад забон аст,
В-агар як нуқта афзояд зиён аст.

Забони дароз балои ҷон аст.

Забони зоғро зоғ медонад.

Забони ростгӯйро шамшер намебурад.

Забони хуш посбони сар.

Забон тарҷумаи дил аст.

Забон лаҳми гӯшт аст.

Завқи гул чидан дорӣ, сӯи гулзор рав.

Заминатро худат кору миннати дигаронро набардор.

Замин кафиду одам баромад.

Зан гирӣ — дида гир, дег гирӣ — зада гир.

Зангӣ бо шустан сафед намегардад.

Зани бебача — дарахти бемева.

Зани беноз — оши бепиёз.

Зиннати инсон илму ирфон аст.
Зинати инсон зану дандон бувад.

Илму ҳунар — ҳусни дигар аст.

Замин накафид, ки вай дарояд.

Заминро об вайрон мекунад, одамро — одам.

Замин сахт — осмон баланд.

Замин сер — одам сер.

Замин хароб — одам хароб.

Зоғи бедоғе нест.

Зӯри беҳуда миён мешиканад.

Иззататро аз даст надеҳ.

Иззатро харида намегиранд.

Изои одамон ҳаром.

Изои мӯъмин ҳаром.

Иллат раваду одат не.

Илм бе баҳс, мол бе тиҷорат, мулк бе сиёсат намешавад.

Илм дар хӯрдӣ нақш дар санг.

Илм равшанӣ аст, нодонӣ торикӣ.

Илм соҳибилмро аз офат нигоҳ медорад.

Илм хоҳӣ — такрор кун, ҳосил хоҳӣ — шудгор кун.

Илоҷи воқеъа пеш аз вуқӯъ бояд кард.

Иморат — ғорат.

Ин аз фарбеҳгӣ меболад, ин аз лоғарӣ менолад.

Ин гул аз боғи дигар, ё боғбонаш бахайр.
Имруз ёфтӣ, ғами фардо махӯр.

Инсоф сари барака.

Интизорӣ бадтар аз марг аст.

Исо ҳам ба роҳи худ, Мӯсо ҳам.

Исроф — ҳаром.

Иштиҳо зери дандон аст.

Ишқ дарди бедавост.

Кабк аз овози худаш ба бало гирифтор мегардад.

Кабутарҳо гурезед, калхотон омаданд.

Каждум азбаски бадгуҳар аст, монданаш айбу куштанаш ҳунар аст.

Кайвонӣ ду шуд, ош шӯр шуд.

Кайк ҳам нагазид.

Кал додари кӯр.

Каллаи беақл — кадуи бемағз.

Каллаи каду ба пой оромӣ намедиҳад.

Калла бошад, тоқӣ ёфт мешавад.

Кал ҳам зад, кӯр ҳам зад, пасмонда кулӯх ҳам зад.

Камбағалро аз болои шутур ҳам саг мегазад.

Камбағал пул ёбад, дар сарфи ӯ метозад,
Бой пул ёбад дар сарфи пул менолад.

Кам бихӯру ғам махӯр.

Камдонӣ аз камхонӣ.

Кам - кам хӯр, ҳар рӯз хӯр.

Каму бараҷҷа.

Кам хӯдӣ, бурдӣ — пур хӯрдӣ, мурдӣ.

Касби падар кунӣ, барака ёбӣ.

Каси беҳунар дарахти бесамар.

Кина зангори сина.

Кина ба кайк карда кӯрпаро сӯзонидааст.

Китоб беҳ аз ганҷинаи пурбор аст.

Кишт, ки кардӣ, оқибат медаравӣ.

Кордаш болои равған аст.

Корди кунд дастро мебурад.

Коре шаваду дилмондагӣ нашавад.

Кори имрӯзаро ба фардо нагузор.

Кори судхӯр барака надорад.

Кори шаб — хандаи рӯз.

Кори ҳақ ғалаба мекунад.

Корро корд мекунад, на ғилоф.

Кӯза ҳар рӯз намешиканад.

Кӯр асоша як бор гум мекунад.

Кӯр-кӯрро дар шаби торик мешиносад.

Кӯҳро занад, талқон мешавад.

Қайла аз маза гузашт.

Қадри тани сиҳатро бемор медонад.

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

Қатра-қатра кӯл шавад.

Қатра-қатра сел мешавад.

Қаҳр, ки омад, ақл меравад.

Қаҳри зан то хушк шудани дока.

Қаҳтии намак се рӯз.

Қиблаи зан — шавҳар.

Қурбоқаро зер, ки кардӣ, ваққос мекунад.

Қурбоқа бошад, ҳам шӯ бошад.

Қудодорӣ чил манн оҳан мехоҳад.

Лабатро накушодӣ, гапатро фаҳмидам.

Лағади хара хар мебардорад.

Лаззати умри одамӣ фарзанд аст.

Лайлиро бояд бо чашми Маҷнун дид.

Либос гуфтааст, ки «Ту маро таҳ дор, ман туро шаҳ дорам».

Лоиқ бо лоиқ, нахандад халоиқ.

Лола ба сари кал ҳам мезебад.

Лофчӣ — додари шайтон.

Лояш хом аст.

Лубиёву каду — лаънат ба ҳарду.

Мавизро аз тамиз бояд ҷудо кард.

Магас ба шира мешинад.

Магӯ мадҳи худу айби дигарон.

Маёзор мӯре, ки донакаш аст.

Маза аз қайла рафтагӣ.

Майли об ба нишеб аст.

Маккаро бо суроғ ёфтагӣ.

Макун ба хеш, мебинӣ дар пеш.

Макун дар хеш, ояд дар пеш.

Макун бо кӯдаку банда бозӣ.

Мана газад, туро чӣ ғам.

Ман дар гӯям, ту девор мегӯӣ.

Ман зиндаву дар боғи ман рӯбоҳ.

Ман кунам гадой, ту кунӣ сақой.

Ман - манӣ пешаи шайтон.

Ман овезон — ӯ гурезон.

Ман тут мегӯям — ту бед мегӯӣ.

Марги падару мерос.

Мард бошӣ — дар майдон бош.

Мард — зиннати хона.

Мард лоф мезанад — зан кор мекунад.

Мардро дар майдон бин,
Аспро дар ҷавлон.

Мастиву ростӣ.

Меваи пешпазак.

Меҳмон азиз аст, то се рӯз.

Меҳмон аз падарат бузург аст.

Меҳмон ба хонаи норӯфта меояд.

Меҳмон ба хона баракот меорад.

Меҳмон рисқашро мехӯрад.

Меҳнат куну роҳат бин.

Меҳнат шараф аст.

Моли дуздӣ барака надорад.

Моли мардум — мору каждум.

Моргазида аз ресмони ало метарсад.

Морро кӯбед мегазад.

Мулло, ки гадо шуд, бало шуд.

Мулло аз бисмиллоҳаш маълум.

Мурғи парида гашта намеояд.

Мурғи посухта.

Мурғ, ки фарбеҳ шуд, аз тухм мемонад.

Мушк он ки худ бибўяд,
На он ки аттор бигўяд.

Мушро ҷонканию гурбаро бозӣ.

Мушта ба торикӣ мезанад.

Мушт — мушт аввал.

Набинаму насўзам.

Навбат ба мо, ки расид, ҳокимба бало расид.

Наврўз — барфҳо занад ҳар рўз.

Наврўз хоҳ шаб гардӣ — хоҳ рўз.

Намур, намур бузакам, ки баҳор меояд.

Нафси бад балои ҷон.

Нахўти пеши қошуқ.

Нек бишуд ҳавои бад, нек нашуд одами бад.

Некию бадӣ ҳеҷ зи хотир наравад.

Некӣ кун, то номат дар ҷаҳон монад.

Нияти нек ними давлат.

Ният холис - мурод ҳосил.

Нодида чиро дида?

Нодонӣ саргардонӣ.

Ноз ба падару модар кунӣ меарзад.

Нози зан — дарди сар.

Ноз кун ба нозбардорат.

Нолаи булбулро зоғ кай донад.

Ном дораду нишон надорад.

Номи баланд, беҳ аз боми баланд.

Нона аслаш фатир аст — макри зан хамир аст.

Нонаш дар равған.

Нонаш нимта шуд.

Нон ба ҳама те, нони кас нахӯр.

Нон бошад, нонхӯр бисёр.

Нон дорӣ, ном дорӣ.

Нони бахила хӯрданашба дандони оҳанин даркор.

Нон дар нондон калидаш дар осмон.

Нон ҳам нон, нонреза ҳам нон.

Нур болои нур.

Нури ақл дониш аст.

Об агар садпора гардад, боз бо ҳам ошност.

Об аз сараш лой.

Об дар кӯзаву мо гирди ҷаҳон мегардем.

Об асту ободонӣ, хок асту зиндагонӣ.

Об бошад, одам ҳам мерӯяд.

Об дар хушкӣ намеистад.

Оби ганда, ба хандақ.

Оби рафта боз ба ҷўй намеояд.

Об набошад, алаф намешавад.

Об рафта-рафта ҷойи худаша меёбад.

Обро лой куну моҳиашро гир.

Обро майл ҷониби пастист.

Об — рўшноист.

Обу равған бо ҳам наёмезанд.

Об, ки хўрдӣ, ҷўйборро тоза кун.

Овозаи гул дароз, умраш кўтоҳ.

Овозаи Рустам (Ҳотам) беҳ аз Рустам.

Одама гандаш, янтоқа бандаш.

Одам агар хоҳад кўҳро зада талқон мекунад.

Одам аз хўрдан сер нею гург аз куштан.

Одам гавҳари ноёб аст.

Одами бекор — дарахти бебор.

Одами бесавод мисли кўр аст.

Одами бехона дар ҳама ҷо бехона.

Одами ганда аз рангаш маълум.

Одами гарму сард дида.

Одамизод тар, дуд мекунаду намесўзад.

Одами каҷро гўр ҳам рост намекунад.

Одами пир офтоби сари кўҳ.

Одамиро ақл мебояд на зўр.

Одами саросемашуда пешпо мехўрад.

Одами зебо ҳамазеб аст.

Одамро меҳнат машҳур мекунад.

Одамсурату гургсират.

Одаму либос — хонаву палос.

Одати  бад — балои ҷон.

Он чи зебост — бебаҳост.

Орзу кардан айб нест.

Осиё бе муш намешавад.

Офтоб ба ҳама як хел метобад.

Охири тамаъ хорист.

Ошиқ ошиқро аз чашмаш мешиносад.

Ошро намак—одамро сухан.

Оқил нашавад ғофил.

Оҳиста рав, ҳамеша рав.

Оҳиста равӣ, дур меравӣ.

Падар бисту писар саду бист сола.

Падар розӣ, ҳама розӣ.

Панд ба ҷои қанд.

Панҷ ангушт баробар нест.

Панҷ вақт намоз тарк не, ҳарому ҳалол фарқ не.

Панди падару модар ба фарзанд кимиё.

Панҷ ангушташро баробар ба даҳон меандозад.

Парво накун ва бепарво ҳам мабош.

Пас аз марг дору надорад суд.

Пеш аз пода чанг.

Пеш аз тӯй нағора.

Пеши пой назан, пешпо мехӯрӣ.

Пеши мард раву ба номард мӯҳтоҷ нашав.

Пеш ояд, хуш ояд.

Пирӣ ҳазор офат — ҷавонӣ ҳазор роҳат.

Пирию  хартозӣ.

Писар донак, набера мағзи ӯ.

Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.

Пои дурӯғ калта.

Пулдор хӯрад кабоб — бепул дуди кабоб.

Пул шуд, гум шуд.

Пур дону кам гӯй.

Пурсидан айб нест.

Пӯстинашро чаппа пӯшидааст.

Раво мадор, ки мӯре зи худ наёзорӣ.

Ранг бину ҳол пурс.

Ранҷ бе миннат нест.

Ранҷ бурдӣ - ганҷ бурдӣ.

Ранҷи мо — ганҷи мо.

Ранҷу маранҷон.

Рафтаро боз наметавон овард.

Решаи зулм ковок аст.

Ризқ дар пой аст.

Риояи намак чил сол.

Розата ба одамаш гӯй.

Ростиро завол нест.

Ростӣ — растӣ.

Роҳат агар ҷӯй, аз ранҷ матарс.

Роҳи якрӯза равӣ, нони серӯза гир.

Рӯбоҳ бистсола, рӯбоҳбача чилсола.

Рӯзата фурӯшу рӯшноӣ хар.

Рӯзғор ғори бетаг.

Рӯзе ба кӯчаи мо ҳам ид мешавад.

Рӯзи умедворӣ дароз аст.

Рӯи камбағал хунук аст.

Рӯи бой гарм аст.

Рӯяш зард шудаст.

Рӯи хабаркаш сиёҳ.

Рӯҳи зинда, дар тани солим.

Сабрат ганҷат диҳад, бесабрӣ ранҷат диҳад.

Сабр талх асту ҳосилаш ширин.

Савдои хона ба бозор рост намеояд.

Савдо — савдои аввал.

Саг бошу муқими як дар бош.

Саг дар хонаи соҳибаш шер аст.

Саги тар — паси дар.

Сагро гурусна дор, то аз паси ту равад.

Сагро парвариш, ки кардӣ поятро мегазад.

Сад азоб аз дил мераваду гапи ганда не.

Садақа ради бало.

Сад бор шунаву як бор гӯй.

Сад гулахба алов мондагӣ.

Сад сол умр дорад каргас.

Сайди малах кори шоҳин аст.

Сайди рамида аз дом, кай равад аз паи дон?

Сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр.

Салими садкора, ҳама кораш нимкола.

Салом аз хурду калом аз калон.

Салом додан суннату ҷавобаш фарз.

Санги вазнинро об намебарад.

Сар аз гиребон берун кун.

Саре, ки ақл надорад, кадуи бекор аст.

Сари калу дили нозук.

Сари бечора хонаи хаёл.

Сари беғалба сар не.

Сари хамро теғ намебурад.

Сар деҳу сир мадеҳ.

Сар не, сомон не.

Сар хоҳӣ, сир нигаҳ дор.

Сафар кардан — ҷаҳон дидан.

Сафар устоди ҳар кас аст.

Тарфурӯшӣ — зарфурӯшӣ.

Талхии дудро мӯрӣ мебардорад.

То шаҳри касба шоҳ шудана, гадои шаҳри худ бош.

То беруни бало будана даруни бало бош.

То дам ҳаст, ғам аст.

То табар омадана кунда меосояд.

То тавонӣ, сирри худ ба ёри худ магӯ.

Тайёрии об дар хушкӣ сар мешавад.

Танаба занӣ, шох меҷунбад.

Тилло дар ҳама ҷо ҷилло медиҳад.

То бад нагӯӣ, нек пеш наояд.

То бад накунӣ, зи нек маяндеш.

Таваккал нар бувад, андеша мода.

То гӯсола гов шавад, дили соҳибаш об шавад.

То илм наомӯзӣ, некӣ натавон кард.

То ақлам расо шуд, умрам тамом шуд.

То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст.

То сулҳ тавон кард, дари ҷанг макӯб.

То ҷон наканӣ, ҷонона канӣ,
То кӯҳ наравӣ, дӯлона канӣ?

Тоқати меҳмон надошт,
Хона ба меҳмон гузошт.

То як тана рафтана, чанд шох меравад.

Турфа шогирде, ки дар ҳайрат гузорад устодро.

Узри бадтар аз гуноҳ.

Усул ба дасти андовачӣ.

Усул ба дасти нақорачӣ.

Устои кафшдӯза занаш пойлуч мегардад.

Ӯсма мераваду қош мемонад.

Фарзанди нохалаф—лелаки шашум, бурӣ дард мекунад, набурӣ халал мерасонад.

Фатир дорӣ, хотир дорӣ.

Феъли саг ба соҳибаш маълум.

Феъли бад — коҳиши ҷон.

Фикри нон кун, ки харбуза об аст.

Хабаркашӣ хабарбисёр — халтадӯзӣ харбабор.

Хаёли хом оқибат надорад.

Хайр ба хонаи соҳибаш меравад.

Халқ сер — ҳама сер.

Хандаи бемаврид, нишони аҳмақист.

Хандандаи бинанда.

Хаппаки аз таги по қаппак.

Хараш аз лой гузашт.

Харама ҷо, худама ҷо, хоҳ зо, хоҳ назо.

Хара шоҳ гӯянд ҳам—хар аст.

Хар дар тагашу хара мекобад.

Харидӣ бурдӣ—фурӯхтӣ сӯхтӣ.

Хари лӯлиро об деҳу пулаша гир.

Хари пир дар роҳ рост меравад.

Хар мемураду харбанд мемонад.

Хар—харро дӯст медорад.

Хас каму ҷаҳон пок.

Хеши зан , қайла бизан,
Хеши шӯ, дега бишӯ.

Хона бесардор—бозори бедаллол.

Хонаи бобача — беғайбат.

Хонаи бедар — сари кал.

Хонаи гург беустухон намешавад.

Хона тинҷ — соҳибаш тинҷ.

Хонахандону кӯчагирён.

Хонанишини майдонғариб.

Хонашери майдонғариб.

Хоҳӣ, ки душманат мағлуб шавад, дӯстонатро аз даст мадеҳ.

Хуб гӯӣ, мебурӣ.

Худам дар канора, гапам дар идора.

Худам нағз, олам нағз.

Худкардаро даво нест, вовайлои пинҳонӣ.

Худписанд, ки шуд, нописанд шуд.

Худписандро написанд.

Худатро мард донӣ, дигаронро шер.

Хулқи бадро баҳона бисёр.

Худ хӯраму ба кас надиҳам.

Хунро бо об мешӯянд, на бо хун.

Ҳавз, ки пур шуд лаб мезанад.

Ҳавлӣ нахар, ҳамсоя хар.

Ҳавои бад нек мешаваду одами бад не.

Ҳалво гуфтан катӣ даҳон ширин намешавад.

Ҳама одат мераваду одати бачагӣ не.

Ҳама чиз гум мешаваду ҳунар не.

Ҳама эшон шавад, деҳқониро кӣ мекунад.

Ҳама мулло шавад, подаро кӣ мепояд.

Ҳам аз қад мезанад, ҳам аз бар.

Ҳамқад ёфтаму ҳамдил наёфтам.

Ҳар киро чароғаш ба хонаи худаш месӯзад.

Ҳар кӣ бо бадон ҳамнишин шавад, некӯӣ набинад.

Ҳар ҷо, ки ош аст,
Кал фаррош аст.

Ҳар кас дар оина акси худро мебинад.

Ҳар кас кунад, бо худ кунад,
Бо дигарон чӣ сӯд кунад.

Ҳар гулеву як бӯе.

Ҳар рӯз ид нест, ки кулча хӯрӣ.

Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад.

Ҳар ҷоро макун орзу,
Як сангу як тарозу.

Ҳаққи ҳамсоя, ба ҳаққи Худо баробар.

Ҳамсояи нағзро банда шав,
Аз ҳамсояи ганда гурезанда шав.

Ҳар ҷо, ки санг аст, пеши бузи ланг аст.

Ҳисоб ҷав - ҷав, бахшиш лак-лак.

Ҳозирро ҳузур — ғоибро маъзур.

Ҳосил хоҳӣ шудгор кун.

Ҳофиз манаму бародарам мехонад.

Ҳузур-ҳузури бебезанӣ, фатир пазӣ танҳо занӣ.

Ҳукми бача аз ҳукми подшоҳ воҷиб.

Ҳунар аз мулку мероси падар беҳ.

Ҳунар дорӣ, хазинаи зар дорӣ.

Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампирро дар қуттӣ кунад.

Шайтон ноумед, банда боумед.

Шарми гадо то дари аввал.

Шавад обӣ, нашавад лалмӣ.

Шаҳри якчашма равӣ, якчашма шав.

Шикану мағзаша бин, савор шаву раҳаша бин.

Шикамсер чӣ парвои шикамгурусна дорад.

Шинохти хар — шӯраи тар.

Шиштан бӯрё — гаштан дарё.

Шиштагӣ бурёю, гаштагӣ дарё.

Шири сафедро сиёҳ мегӯяд.

Шири говро намехӯра, ки ҳақи гӯсола аст.

Шогирди устокушак.

Шогирд аз усто як ҷав зиёд.

Шохе, ки боло рафт, табар бояд хӯрд.

Шохи биҳии бебор, беҳтар аз сафедор.э

Шудагӣ боз шавам мегӯяд.

Шунидан кай бувад монанди дидан?

Шутурро алаф бояд, гарданашро дароз мекунад.

Шутурро дидӣ?—не!

Шутурро бо кафлес об намедиҳанд.

Шутур дура дидаасту наздика не.

Шутура савор шаву дура андеша кун.

Шутур ҳама борро бардоштаасту элак мондагинда лангидааст.

Шутура гуфтам, ки ғамза кун, полеза вайрон карду рафт.

Шӯрбо рӯй дорад, ош таг.

Чакида-чакида кӯл мешавад, гар начакад, чӯл мешавад.

Чандон махусп, ки мурдаат нашуморанд.

Чандон ширин машав, ки фурӯ баранд.

Чароғ пеши офтоб бурдан.

Чашма бе гиёҳ нест, чашм бе гуноҳ.

Чашма пеши дарё бурдан.

Чашмата кӯр кун, гӯшата кар кун.

Чашмашро шира гирифтааст.

Чашм бинад, дил мекашад.

Чашми бад сангро мекафонад.

Чашми давлат кӯр аст.

Чашми кӯрба ӯсма мону сари калба лола.

Чашми танги молдорро хоки гӯр пур мекунад.

Чашм сер намешавад.

Чизатона хор кунед, азиз мешавед.

Чизи бисёр, дарди сар.

Чизи ҳаром ҳеҷ вақт ба кас насиб намекунад.

Чил камоли ҷавонист—шаст камоли мардӣ.

Чилаашба чароғ надидааст.

Чой—кафшери гап аст.

Чоҳкан зери чоҳ.

Ҷавоби аҳмақ — сукут.

Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.

Ҷон дар тани марди беадаб ларзон аст.

Ҷони нодон дар азоб.

Ҷонам аз тан баромад, хешам аз даромад.

Ҷӯволи холӣ рост намеистад.

Ҷорӯби нав тоза мерӯбад.

Ҷӯянда — ёбанда.

Ҷӯя канӣ, об мехӯрӣ.

Ҷӯя киҳо меканад, оба киҳо мехӯрад.

Як биханду ду биханд, эй холаи беҳудаханд.

Як бор ҷастӣ, малахак,
Ду бор ҷастӣ, малахак,
Охир ба дастӣ, малахак.

Як гулу сад харидор.

Як гап сесаду шасту шаш паҳлӯ дорад.

Як гап чанд думча дорад.

Як дари баста, сад дари кушода.
Яке зор, дигаре безор.

Як каллаву сад хаёл.

Як пул дар киса неву такаб

Як сарро чӣ бӯстону чӣ гӯристон.

Як тиру ду нишон.

Як умр кардам сӯзанфурӯшӣ, зиёд нашуд ризқу рӯзӣ.

Ятим нони худаша мехӯраду миннати каса мекашад.

Як ҷо дору, як ҷо пору.

# Чистонҳо

Чистон як навъи паҳншудаи эҷодиёти даҳонакии халқ аст.Чистонҳо хусусияти хоси ягон ашё ва ё ҳодисаеро тасвир мекунад, вале ин тасвирҳо маънҳои ниҳонӣ доранд. Аз давраҳои қадим одамон бисёр чизҳоро дар муҳити худ ва табиат медиданд, ба хислати он монанд карда, чистоне эҷод мекарданд.

## Сифатҳои ҷирмҳои осмонӣ

1
Аз дур дидам, ба нур дидам,
Як гунбази пурнур дидам.

2
Он чист дар шаби тор,
Бар чашми мо намояд?
Аз фазои беғубор,
Ба олам нур физояд.

3
Гилеми калони ранга,

Дарунаш пури танга.

4
Сари кӯҳу миёни осмон,
Об мепошад як паҳлавон.

5
Чор чиллик,
Чорман чиллик.
Замин ғуррид,
Осмон дарид.

6,
Аз дур бинам ҳаст,
Пешаш равам, нест.

7
Худ дар осмон, по дар замин.

8
Мепараду параш нест,
Мешинаду изаш нест,
Сарпахмоқу ҷонаш нест.

9
Сандуқчаи зарбандӣ,
Худкушоюю худбандӣ.

10
Болои бом,
Шӯълапазон.

11
Аз ин дара овоз омад,
Аз он дара овоз омад,
Рӯбоҳи думдароз омад,
Бо сад фиғон дар тоз омад.

12
Шир-шири шар,
Дандони тар.

13
Ҳасан имрӯз сафар кард,

Сад қишлоқа хабар кард.

14

Як пираки паст,
 Камалӣ мебаст.
Бӯқагови маст,
Камалӣ шикаст.

15

Бе дасту бе по,
Бе чашми бино.
Бе вою бе дод,
Дарро мекушод.

16

Худаш қувват надорад,
Одама меларзонад.

17

Зар гилем, заргар гилем,
Аз ҳар чӣ вазнинтар гилем.

18

Сару даҳон надорад,
Обу алаф мехӯрад.

19

Меравад, меравад, роҳи худашро гум намекунад.

20

Очаякаш каҷмакаҷу
Бачаякаш юрғабика.

21

Худаш асту сояаш нест.

22

Арғамчини дароз, на мебурию на тӯб мекунӣ.

23

На дар замин, на дар осмон,
Болош гардӣ, гаҳвораҷунбон.

24

Гардам, мегардад,
Истам, меисиад.

25
Сабадча пури анҷир,
Ҳадат бошад, якто гир.

26
Очааш як газ,
Бачааш сад газ.

27
Уштури гардандароз,
Меравад дурру дароз.

# Сифатҳои ҳайвонот

28
Дуто дорад осмонкӯб,
Якто дорад заминрӯб.
Чорто дорад рӯғанӣ,
Чорто дорад заминкӯб.

29
Таги пулак,
Чорто лилак.

30
Риш дораду мард не,
Шох дораду гов не.

31
Як лӯндасанги қаҳрабо,
На дар замин, на дар ҳаво.

32
Аз дур дидам, як бутта,
Пешаш рафтам, сад бутта.

33
Ҳавзи қулум-қулум,

Почадарози калтадум.

34
Меравад, меравад, ғалбер барин ҷойро гирифта хоб меравад.

35
Аҷоиб ҷонваре дидам, дар ин дашт,
Ҳазорон тир хӯрда, зинда мегашт.

36
Аҷаб чобукпаре ҳаст дар биёбон,
Сари гул мехӯраду оби борон.

37
Аз хар баланд, хар не,
Аз асп паст, асп не.

38
Ҷомаякаш пури хор,
Худакаш маргаки мор.

39
Аз кӯҳ фуромад, пашминапӯшу баҳайбат.

# Сифоти паррандаҳо

40
Бе ҳамшираю доя,
Рӯзе як бор мезоя.

41
Худаш дар кӯҳ,
Овозаш дар деҳ.

42
Модар бизояд духтаре,
Не по дорад не саре.
Духтар бизояд модаре,
Ҳам по дорад, ҳам саре.

43
Чист он, чист он?
Он мурғи Шаҳристон,

Пар кушояд,
Боғу бӯстон.

44

Тагаш карбоз,
Рӯяш алқос.
Думаш қайчӣ,
Забон туркӣ.

45

Дарахтбаро, одам не,
Мевадузд, акка не.

46

Меравад тир барин,
Мешинад мир барин.
Сафедиш шир бирин,
Сиёҳиш қир барин.

47

Як ҷонваре бидидам,
Аҷаб хуш месарояд.
Сари ғунча нишаста,
Шабро саҳар менамояд.

48

Қад-қади камар,
Боғҷомаало меравад.

49

То ду кал сарзеру поболо нашуд,
Номи он мурғи калон пайдо нашуд.

50

Аз дурр намояд аранг-аранг,
Ҷомааш аст хокистарранг.

# Сифоти ҳашарот ва хазандаҳо

51

Он чист, барги сабз хӯрад,
Аз баҳри худаш ҷувол дӯзад.
Устои тананда гашта якчанд,
Монад даруни ҷуволи худ банд.

52

Як хонаи танида,
Ӯро ҳама харида.

53

Рӯз кӯр, шаб бино.

54

Аспе дидам дар гала,
Ёлу думаш мундала.
Даст ба ёлаш мебарам,
Сӯи осмон мепара.

55

По надорад, роҳ меравад,
Чашм надорад, мебинад.

56

Чил хонаву чил тоқча,
Чил ҳуҷраву равоқча.

57

Як нафар оча,
Бешумор бача.

58

Сар лунда, миён хуппӣ,
Дар сар саллаи кашмирӣ.

59

Аз кӯҳ ояд, хушт-ҳушт,
Кокулҳояш пешу пушт.

60

Шабу рӯз хоб надорад,
Беист рафтуо дорад.

61

Шаб бедорам кард,
Рӯз безорам кард.

62
Биёд лик-лик, равад лик-лик,
Тамошо лик-лик, ҳамеша лик-лик.

63
Таг-таги долон меравад,
Рӯдакашолон меравад.

64
Як чиз дидам дар ҷаҳон,
Ду гӯш дорад, беустухон.

65
Бобом боло меравад,
Аз даҳонаш шӯрбо меравад.

66
Фуромаданаш тир барин,
Баромаданаш мир барин.

67
Талап-талапи по шуд,
Падарлаънат куҷо шуд?

68
Тагаш санг, санг нест,
Болош санг, санг нест.
Чор по дорад гов нест,
Морсар асту мор нест.

69
Он чист, раванда по надорад,
Даҳан дораду забон надорад.

70
Бол дораду намекунад парвоз,
По надорад, ҳамеша дар тоз.

## Сифоти рустаниҳо

71
Дудаш аз таг,
Оташаш аз боло.

72
Зард аст на зардолу,
Сурх аст, на шафтолу.
Чорбоғи ҳалимон аст,
Хӯроки ҳакимон аст.

73
Ҳар саҳар зебо даҳонаш во кунад,
Андар атроф бӯи хуш пайдо кунад.

74
Қадаш ба алиф монад, баргаш ба санавбар,
Шаш нони тунук дораду як косаи зар.

75
Рафтам ба роҳ, ёфтам гиёҳ,
Мағзаш сафед, пӯсташ сиёҳ.

76
Як сутуну се долон.

77
Духтарчаҳои дӯстрӯй,
Мешинанд дар лаби ҷӯй.

78
Таҳ сабатак, рӯ сабатак,
Ақиқу марҷон сабатак.

79
Бобом дар ҷар,
Афзолаш дар бар.

80
Аз кӯҳ омад чу масте,
Шохчаи гул ба дасте,
Мегиряду менолад:
Вой кифтакам шикасте!

81

Як чиз дидам дар саҳро,
Сар дар замин, дум боло.

82
Мурғи сафед,
Гирд-гирди бед.

83
Посбони рӯи девор,
Аз ӯ ҳама кас безор.

84
Халтачаи кабутак,
Дарун пури нахӯдак.

85
Тобистон ҷамъ меоранд,
Зимистон ғам надоранд.

86
Дарунаш сафедак, берунаш сурхак.

87
Пити питала,чити читала,
Дар об меғалта, бинӣ каҷала.

88
Он чист, ки ӯ ба гурда монанд,
Пӯшида кафан, ба мурда монанд?

89
Амакам дар дарун,
Ришашон дар берун.

90
Як гулу ҳазор дона.

## Сифоти меваву зироатҳо

91
Гирд аст гунбазе,

Гирду ба гирд аст гунбазе.
Дона ҳазор аст гунбазе,
Даҳон надорад гунбазе.

92
Аз тепа камарбандӣ.
Дарунаш шакарбандӣ,
Мирзои самарқандӣ.

93
Саночаки сурхак,
Дарунаш пур аз нахӯди сафедак.

94
Алови сурх дар таги замин.

95
Аз дурр дидам аранг-вранг,
Ҷомакабуди сабзранг.

96
Таги  замин салласафед.

97
Мехи зарин, таги замин.

98
Тагаш суфача, болош садача.

99
Халтачаи сурхак, дарунаш пури кулчаи сафедак.

100
Он чист, ки панҷ хона дорад,
Дар нармии худ нишона дорад?
Ҳар хонаи ӯ пур аст аз барф,
Ин турфа, ки барф дона дорад.

101
Сандуқча пури мехча,
На дар дорад, на дарича.

102
Атар-атар чӣ бошад?

Батар-батар чӣ бошад?
Думчашакар чӣ бошад?
Қанду асал чӣ бошад?

103
Миёни «а» ва «р» се ҳарфи дигар
Бимонӣ, мехӯрӣ се меваи тар.

104
Дарахти шаҳнигор,
Даст бару хун биёр.

105
Рангаш ба ранги ошиқон,
Бӯяш ба бӯи гулрухон.
Рӯ аз намад карда аён,
Гӯё, ки бемор омада.

106
Чӯбак ба думаш,
Лӯндаи овезон.

107
Гӯшташ ҳалол,
Мағзаш ҳалол,
Устухонаш ҳаром.

108
Зар малах, зарпо малах,
Аз кӯҳ парид, кунду карахт.

109
Ҷомаи сурхи сӯзаннарасида,
Халтаи орди осиёнадида,
Чӯбаки устонатарошида.

110
Баҳору зимистон дар як либос.

111

Чор чизест дар вуҷуди модараш,
Тобасанги зар дар тори сараш.

112

Баҳору зимистон дар як либос.

113

Аспа бастам дар мазор,
Ёлу думаш сад ҳазор.

114

Худаш тут, баргаш тут,
Косалеси чашмкабут.

## Сифоти инсон ва узвҳои бадан

115

Дар серӣ шалпар,
Дар гушнагӣ бадқаҳр.

116

Аввал чорпо,
Сонӣ дупо,
Баъд сепо.

117

Нӯҳ моҳ дар зиндон,
Ду сол дар банд.

118

Лӯъбати писандида,
Ба ҳама чиз часпида.

119

Даруни косаи чинӣ,
Дарёи Аму бинӣ.

120

Тофтем, тофтем,
Пушти кӯҳ партофтем.

121

Дар лаби ҷар,

Ду банд пахол.

122
Ба як лаҳза замину осмонро тай мекунад.

123
Ин тараф тангкӯча,
Он тараф тангкӯча,
Миёнаш гурбача.

124
Таг арра боло арра,
Миёна гӯшти бара.

125
Ин тараф девор,
Он тараф девор,
Миёнаш пахтазор.

126
Чист он ки бо даст мебинӣ, ҳаст,
Бо чашм мебинӣ, нест.

127
Як суфача,
Панҷ бибича.

128
Дар рӯз-- бандӣ,
Дар шаб-- озод.

129
Даҳ додаракон
Ба ҳар кор меҳрубон.

130
Ду бародар доимо,
Меравем дар ҳар куҷо.
Як каме пеш ё қафо,
Ҳамроҳ мегардем мо.

## Сифоти таом ва хӯрокворӣ

131
Ин рӯ девор, он рӯ девор,
Миёна кампири беҳол.

132
Аз кӯҳ баромад ғалча,
Як ғалбача чил чумча.
Чил чумчаба чил нахӯд,
Чил нахӯда чил кас хӯрд.

133
Чил сихи оҳанин,
Миёнаш равғанин.

134
Гӯшакашро тоб деҳ,
Ба даруни об неҳ.

135
Духтари кокулдароз,
Меравад дуру дароз.

136
Зар варақ, заррин варақ,
Рӯ-рӯи об варақ-варақ.

137
Зардаш—зардолу,
Сафедаш—шафтолу.
Валлоҳ, ки на зардолу,
Биллоҳ, ки на шафтолу.

138
Токчаи рӯфта,
Моҳи хобрафта.

139
Мӯмиёи зарди ман,
Доруи сардарди ман.

140
Сандуқчаи зарбаста,
Дарунаш шакар баста.

## Сифоти либос ва пойафзол

141
Аз одам баланад,
Аз мурғ паст.

142
Даҳонаш якто,
Гўшаш дуто.

143
Чист он ки як даҳан дорад,
Он даҳон гирди миён дорад.

144
Чист он море, ду сар дорад,
Аз ду сўрох сар бадар дорад.

145
Рўз мегардад, мегардад,
Шаб даҳонвоз хоб меравад.

146
Дарун--сурх,
Берун--сиёҳ,
Роҳати по.

147
То зону ду чоҳ,
Мегарданд ҳамроҳ.

## Сифоти анҷоми хона

148
Халтачаи сарбаста,
Дарунаш пури пахта.

149
Дар рўз иззат,

Дар шаб хизмат.

## Сифоти анҷоми рӯзгор

150
Дар як хонача,
Садто ходача.

151
Як чиз дорам чоргӯша,
Бақар буқур меҷӯшад.

152
Дарун аҷаб қиёмат,
Берун сиҳат-саломат.
Тар занему хушк гирем,
Аз он кунем мо роҳат.

153
Поён мебиёяд, кор дорад,
Боло меравад, бор дорад.

154
Худаш гушнаю одамонро сер мекунад.

155
Рӯз мурда,
Шаб зинда.

156
Шаб мегардад, милмилак,
Рӯз мегардад милмилак,
Ором надорад милмилак.

157
Он лавҳаи сода чист, ки хушманзар омада,
Аз соддагӣ ба сурати ҳар касс даромада?

158
Тақир-тақир роҳравон,
Дарунаш як меҳрубон.

159

Қоматаш дар ростӣ мисли сарв,
Нақши пои вай зиёд аз танга нест.

160

Мераваад сӯи ҳавою мехӯрад боди сабо,
Риштаи тобаш ба дасти ошиқони бенаво.

## Сифоти бино ва қисматҳои он

161
Таг нам, боло нам,
Миёна хубони олам.

162
Аз боло ҷӯйбор омад,
Се хари бабор омад.

163
Хонаи торик,
Ҷавони борик.

164
Амакам дар даруни хона,
Сарашон беруни хона.

165
Рӯз шап-шап,
Шаб як шап.

166
Болои бом,
Домуллоимом.

167
Шаб хезону рӯз овезон.

168
Намеҷақад, намегазад, ба хона намемонад.

169
Марди бад менамояд,

Тануманд менамояд,
Бе ман чӣ тавр мекушояд?

## Сифоти асбобу олоти меҳнат

170
Чун осиё гардиданаш,
Чун аждаҳо ғурриданаш.
Оҳанхӯру оташфишон,
Мори сиёҳ дар гарданаш.

171
Мегардад гирд-гирди бед,
Мекунад тухми сафед.

172
Чил тору чил матор,
Чил ҳуҷра чил нигор.

173
Рафтаму аз дурр дидам,
Гунбази пурнур дидам.
Сесаду шаст хол дидам,
Дар дасти ҳар ёр дидам.

174
Як ноз мекунад қумрӣ,
Ду ноз мекунад қумрӣ,
Ангушт ба думаш монӣ,
Лаб воз мекунад қумрӣ.

175
Оғили тангу торик,
Ҷавони баланду борик.

176
Намехӯраду дандон дорад,
Дил надораду армон дорад.

177
Худаш якта қабурғааш садта.

178

Ирӯ равам мезанӣ,
Ӯрӯ равам мезанӣ,
Гуноҳи ман чист, ки
Шатта-шатта мезанӣ.

179
Худаш якта, чашмаш садта.

180
Шаш по дораду ду сумм,
Дар болои сараш дум.

181
Оҳангарак, сӯзангарак,
Дар рӯи об бозингарак.

182
Ду очаю чил бача,
Аз боло то поча.

183
Рӯ-рӯи ҳавлӣ ҷаста,
Ғуломи миёнбаста.

184
Осмон барояд, ялаққӣ,
Замин фуроояд тараққӣ.

185
Сар дораду ду гӯш надорад,
Боке зи тару хушк надорад.

186
Аз саг паст,
Аз асп баланд.

187
Каҷ шавад, рост шавад,
Сулфа кунад, халос шавад.

188
Зани қозӣ ба қозӣ мекунад арз:
Ки чандто буданаш суннату яке фарз.

189
Пуштаки дар, химчеки зар.

## Сифоти илму маориф

190
Як парча замин доштем,
Тухми сиёҳ коштем.
Ба чашми худ бидидем,
Ба ақли худ шинохтем.

191
Субҳ дамид, боғ сермева шуд.

192
Кӯҳ дораду сангаш нест,
Хок дораду чангаш нест.
Ҷангал дораду дарахт надорад,
Баҳр дораду обаш нест.

193
Чӣ чиз аст он мурғи беболу пар,
На зоида модар, на дида падар.
Сараш то набурӣ, нагӯяд сухан,
Танашро надарӣ нарезад гуҳар.

194
Дуққат шуда мисли дос,
Гап мепурсаду халос.

## Сифоти асбобҳои мусиқӣ

195
Эй сандуқчаи розӣ,
Биё, ҳардумон бозӣ.
Ман дастамро ҷунбонам,
Ту ғавғо меандозӣ.

196
Бузи зарди бозингар,
На дил дорад, на ҷигар.

197

Чил тори дароз дорад,
Ҳар тор ба худ ноз дорад.

198
Он чист, ки хам гашта қадаш ҳамчу камон,
Гиранд ба завқ маҳвашон ба дандон?
Гар даст бар ӯ ниҳанд ғояти шавқ,
Аз касрати дарди хеш ояд ба фиғон.

199
Аз кӯҳи Қоф, бааси гов.

200
Шикамкалони гирда,
Дарёи рӯпушида,
Ар шикамаш ҳеҷ чиз нест,
Овозаш осмонанда.

# Гулчини рубоиву дубайтӣ, қитъаву порча ва ғазалҳои машҳур

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.
*Рӯдакӣ*

Кунад бо ҷинси худ ҳар ҷинс парвоз,
Кабӯтар бо кабӯтар, боз бо боз.
Нашояд бодро дар хок бастан,
На бо ҳам обу оташро нишастан.
*Низомӣ*

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ,
Киштие соз, то бад он гузарӣ.
*Рӯдакӣ*

Чу пурсанд пурсандагон аз ҳунар,
Ношояд, ки посух диҳӣ аз гуҳар.
Гуҳар беҳунар announces нописанд асту хор,
Бар ин достон зад яке шаҳриёр.

*Фирдавсӣ*

Ҳунар беҳтар аз гавҳари номдор,
Ҳунармандро гавҳар ояд ба кор.
Туро бо ҳунар гавҳар асту хирад,
Равонат ҳаме аз ту ромиш барад.

*Фирдавсӣ*

Умр ба хушнудии дилҳо гузор,
То зи ту хушнуд бувад кирдугор.
Сояи хуршедсаворон талаб,
Ранҷи худу роҳати ёрон талаб!

*Низомӣ*

Чунон гӯ рози худ бо беҳтарин дӯст,
Ки пиндорӣ, ки душмантар касе ӯст.
Магӯ ногуфтанӣ дар пеши ағёр,
На бо ағёр, бо маҳрамтарин ёр.

*Низомӣ*

Дилеро, ки бар дӯстӣ раҳбар аст,
Бурун аз забон ҳуҷҷате дигар аст.
Даруне, ки меҳр ошкоро кунад,
Мадоро фузун аз мадоро кунад.

*Низомӣ*

Ба он марав, ки норафта бошад касе,
Марав гарчи ҳамроҳ дорӣ басе,
Раҳе, к-ӯ бувад дур аз андеша пок,
Беҳ аз роҳи наздики андешанок.

*Низомӣ*

Дардситони куну дармондеҳӣ,
То-т расонад ба фармондеҳӣ.
Гарм шав аз меҳру зи кин сард бош,
Чун маҳу хуршед ҷавонмард бош.

*Низомӣ*

Пок аз адам омадему нопок шудем,

Шодон ба дар омадему ғамнок шудем.
Будем зи оби дида дар оташи дил,
Додем ба бод умру дар хок шудем.

*Хайём*

То тавонӣ бандаи шаҳват машав,
Дар паи шаҳват макун ҷонро гарав.
В-арна шавҳат хонумонат бар канад,
Зиндаат дар гӯри торик афканад.

*Румӣ*

Худо он миллатеро сарварӣ дод,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

*Иқбол*

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

*Рӯдакӣ*

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он ки Эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Созад, ки шод зияд ҷовидону ғам нах (в)арад.

*Рӯдакӣ*

## Абӯ Алӣ ибни Сино

(980-Бухоро-1037-Ҳамадон)

Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд,
Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

Куфри чу мане газофу осон набувад,
Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир?
Пас, дар ҳама даҳр як мусулмон набувад!

Май - душмани масту дӯст бо ҳушёр аст,
Андак - тарёку беш заҳри мор аст.

Дар бисёраш мазаррати андак нест,
Дар андаки ӯ манфиати бисёр аст.

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигарбор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.

Чун пир шудӣ, кори ҷавон натвон кард,
Пирит ба кофирӣ ниҳон натвон кард.
Дар зулмати шаб ҳар он чӣ кардӣ, кардӣ,
Дар равшании рӯз ҳамон натвон кард.

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон-ҷумла бадан,
Аҷноси малоика ҳавоси ин тан.
Аҷрому аносиру мавολид - аъзо,
Тавҳид ҳамин асту дигарҳо ҳама фан.

Рухсори туро лолаву гул бор кӣ дод?
В-он сунбули навраста ба гулнор кӣ дод?
В-он рӯз ба дасти шаби тор кӣ дод?
В-он ёри сазоро ба сазовор кӣ дод?

Се чиз бибурд аз се чизи ту мисол,
Аз рух гулу аз лаб мулу аз рӯй ҷамол,
Се чиз бибурд аз ҳама чизам ҳама сол,
Аз дил ғаму аз рух наму аз дил хаёл.

Эй шаб, накунӣ ин ҳама пархош, ки дӯш,
Рози дили ман макун чунон фош, ки дӯш.
Дидӣ, чӣ дароз буд дӯшина шабам?
Ҳон , эй шаби васл, он чунон бош, ки дӯш.

Гар зулфи ту солу моҳ ларзон будӣ,
Анбар ба баҳо ҳамеша арзон будӣ.
В-арна рухи ту ба зулф пинҳон будӣ,
Рӯзу шаб аз ӯ ба нур яксон будӣ.

### ***Бобо Тоҳири Урён***

(980-Ҳамадон-1055)

Ҳар он кас ошиқ аст, аз ҷон натарсад,

Зи банду кундаву зиндон натарсад.
Дили ошиқ бувад, гурги гурусна,
Ки гург аз ҳай-ҳаи чӯпон натарсад.

Ду зулфонат бувад тори рубобам,
Чӣ мехоҳӣ аз ин ҳоли харобам?
Ту ки бо мо сари ёрӣ надорӣ,
Чаро ҳар ними шаб ой ба хобам.

Диле дорам чу мурғи пошикаста,
Чу киштӣ бар лаби дарё нишаста,
Ҳама гӯянд, ки Тоҳир тор бинвоз,
Садо чун медиҳад тори гусаста?

Ғаму дарди ман аз аттор мепурс,
Дарозии шаб аз бемор мепурс.
Халоиқ ҷумлагӣ аҳвол пурсанд,
Ту, ки ҷону дилӣ, якбор мепурс.

Агар дастам расад бар чархи гардун,
Аз ӯ пурсам, ки ин чун асту он чун?
Якеро додаӣ сад гуна неъмат,
Якеро қурси ҷав олуда дар хун.

## Умари Хайём

(1040-Нишопур-1123)

Онон, ки кӯҳан буванду онон, ки наванд,
Ҳар як паи якдигар якояк бишаванд.
В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,
Рафтанду равему боз оянду раванд.

Гар даст ба лавҳаи қазо доштаме,
Бар майлу муроди хеш бингоштаме.
Ғамро зи ҷаҳон яксара бардоштаме,
В-аз шодӣ сар ба чарх афроштаме.

Асрори азалро на ту дониву на ман,
В-ин ҳарфи муаммо на ту хониву на ман.
Ҳаст аз паси парда гуфтугӯи ману ту,
Чун парда барафтад, на ту мониву на ман.

Мақсуд зи ҷумла офариниш моем,
Дар чашми хирад ҷавҳари биниш моем.
Ин доираи ҷаҳон чу ангуштарӣ аст,
Бе ҳеҷ шаке, нақши нигинаш моем.

Ин қофилаи умр аҷаб мегузарад,
Дарёб, даме ки бо тараб мегузарад.
Соқӣ, ғами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ,
Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад.

Онҳо, ки ба ҳикмат дури маънӣ суфтанд,
Дар зоти Худованд суханҳо гуфтанд.
Сарриштаи асрор надонист касе,
Аввал занахе заданду охир хуфтанд.

Гар гул набувад насиби мо, хор бас аст,
В-ар нур ба мо намерасад, нор бас аст.
Гар хирқаву хонақоҳу шайхе набувад,
Ноқусу калисову зуннор бас аст.

Ё раб, ту гилам сириштаӣ ман чӣ кунам?
Пашму қасабам ту риштаӣ ман чӣ кунам?
Ҳар неку баде,ки  ояд аз ман ба  вуҷуд,
Ту бар сари ман набиштаӣ, ман чӣ кунам?

Бар кӯзагаре парер кардам гузаре,
Аз хок ҳаменамуд ҳар дам ҳунаре.
Ман дидам, агар надид ҳар бебасаре,
Хоки падарон дар кафи ҳар бебасаре.

Соқӣ, гулу сабза бас тарабнок шудаст,
Дарёб, ки ҳафтаи дигар хок шудаст.
Май нӯшу гуле бичин, ки то дарнигарӣ,
Гул хок шудасту сабза ҳам пок шудаст.

## Низомии Ганҷавӣ

(1141-Ганҷа-1203)

Ки, Шоҳо, ба дониш дил обод дор,
Зи бедонишон дур шав, ёд дор.
Дареро, ки бандаш бувад нопадид,

Зи доно тавон боз ҷустан калид.

На ҳар к-ӯ зан бувад. номард бошад,
Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.
Басо раъно зано, к-ӯ шермард аст,
Басо дебо. ки шераш дарнавард аст.

Ҳар он, к-ӯ кишт тухме, кишта бар дод,
На ман гуфтам, ки доно з-ӯ хабар дод;
На ҳар тухме дарахти рост рӯяд,
На ҳар рӯде суруди рост гӯяд.

Ростӣ овар, ки шавӣ растагор,
Ростӣ аз ту, зафар аз кирдигор.
Гар сухани рост бувад ҷумла дур,
Талх бувад, талх, ки алҳаққу мӯр.

Дар хӯша магар саркашие медиданд,
З-он рӯй ба оқибат сараш бибриданд.
Ҳам пӯст аз ӯ ба чӯб берун карданд.
Ҳам бар сараш осиё бигардониданд.

Адл, аст, ки бунёди зафарҳо бошад,
Зулм аст, ки мӯҷиби зарарҳо бошад.
Ҷуд аст, ки пардадори ҳар айб бувад.
Бухл аст, ки сарпӯши ҳунарҳо бошад.

Чун нест умеду умр аз шом ба чошт,
Боре ҳама тухми некӯӣ бояд кошт.
Чун одамро ба кас нахоҳанд гузошт,
Боре дили дӯстон бояд нигаҳ дошт.

Бе ёр будан азим мушкил коре,
Бечора касе, ки надорад ёре.
Ин ду-се дамро, ки ба ҷон натвон ёфт,
Гар дил дорӣ, мадор бе дилдоре.

## Камоли Хуҷандӣ

(1318-Хуҷанд-1401-Табрез)

Гуфтам: мастӣ, гуфт, ки оре, ба Худо,
Гуфтам: магузор, гуфт, ки бигзор маро.

Гуфтам: боз о, гуфт, ки аз ман боз о,
Гуфтам: рафтам, гуфт: дигар боз маё!

Гуфтам, ки ба рўят чӣ кунам? Гуфт: Назар,
Гуфтам, ки ба кўят чӣ кунам? Гуфт: Гузар.
Гуфтам, ки ғамат чанд хўрам? Гуфт: Мах(в)ар,
Гуфтам: чӣ буввад, чораи ман? Гуфт: Сафар.

Эй ёри латифи дилситони нозук,
Қаймоқу асал биёру нони нозук.
Қаймоқ зи лутфи орази ҳамчун шир,
Нону асал аз лабу даҳони нозук.

То фикрати ман ниҳод бунёди сухан,
Обод шуд аз ман тарабободи сухан.
Мехост сухан зи дасти бетабъон дод,
Додам ба ишорати хирад доди сухан.

Бо пистаи ширини ту шакар ҳеҷ аст,
Бо сунбули мушкини ту анбар ҳеҷ аст.
Гўянд, ки ҳеҷ аст зи тангӣ даҳанат,
Ман ҳеҷ надидаам, сухан дар ҳеҷ аст.

## Меҳрии Ҳиротӣ

(шоираи асри 15)

Аз дубайтиҳои шоира

Маро бо ту сари ёрӣ намондаст,
Дили меҳру вафодорӣ намондаст.
Туро аз зафъи пирӣ қуввату зўр,
Чунон ки пойбардорӣ, намондаст.

Дар хонаи ту он чӣ маро шояд, нест,
Банде зи дили рамида бикшояд, нест.
Гўӣ ҳама чиз дорам аз молу манол,
Оре, ҳама ҳаст, он чӣ мебояд, нест.

Шўи зани навҷавон агар шер бувад,
Чун пир бувад, ҳамеша дилгир бувад.
Оре, масал аст, он ки гўянд занон,
Дар паҳлўи зан тир беҳ аз пир бувад.

## Абдураҳмони Ҷомӣ

(1414-Ҷом - 1492-Ҳирот)

Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин,
Тир агар рост равад, бар ҳадаф аст,
В-ар равад каҷ, зи ҳадаф бар тараф аст.

Гар бӯи ту аз боди саҳар ёфтаме,
Аз давлати ҷовидон хабар ёфтаме.
В-ар бар дарат имкони гузар ёфтаме,
Асбоби саодат ҳама дарёфтаме.

То бар сари худ пот набинам, наравам,
То бар дари худ ҷот набинам, наравам,
Баҳри ту зи дида манзаре сохтаам,
Дар манзари худ тот набинам, наравам,

Дар роҳи талаб толибу матлуб намонд,
Дар базми тараб роғибу марғуб намонд.
Нили фалак аз мавҷи қазо туғён кард,
Дар Мисри бақо Юсуфу Яқуб намонд.

Ҳоҷа, ки надида чашми кас хонашро,
Нашкаста ба дандони тамаъ нонашро.
Дарюзагаре хост зи вай муште орд,
Кард орд ба захми мушт дандонашро.

## Алишери Навоӣ (Фонӣ)

(1441-Ҳирот-1501)

Ҷонам ба ду лаъли ҷонфазои ту фидо,
Рӯҳам ба насими атрсои ту фидо.
Ошуфта дилам ба ишваҳои ту фидо,
Фарсуда танам ба хоки пои ту фидо.

Рафтиву ба чашмам аз ту тоб аст ҳанӯз,
Чашмам зи хаёли ту пуроб аст ҳанӯз.
Тан з-оташи ишқи ту кабоб аст ҳанӯз,
Боз о, ки дил аз ғамат хароб аст ҳанӯз.

Огоҳ нагаштам, ки дар ин дайр киям,

Ё худ чияму в-аз чияму баҳри чиям?
Маълумам не, ки одамӣ ё замиям,
Ё хоки замин зи ман, чӣ сон одамиям?

## Суҳайлӣ

(1444 - Ҳирот - 1502)

Эй бод, ки азми кӯи ҷонон дорӣ,
В-андешаи он зулфи парешон дорӣ.
Биштоб, ки ҷон ҳамебарӣ баҳри нисор,
Бар хеш яке биҷунб, агар он дорӣ.

Ошуфтаи зулфи шабмисоли ту шавам,
Девонаи анбарин ҳилоли ту шавам.
Савдозадаи ҳиндуи холи ту шавам,
Қурбони ҷамоли бокамоли ту шавам.

Ойини вафо бирафт бар бод, эй дил,
В-аз меҳри касе намекунад ёд, эй дил.
З-ин воқеа кас намонд обод, эй дил,
Бихрӯш, ки ҳаст ҷои фарёд, эй дил.

## Абдураҳмон Мушфиқӣ

(1538-Бухоро-1588)

Ҳар гаҳ чамани кӯи туро ёд кунам,
Сад оҳу фиғон дар дили ношод кунам.
Дур аз гули рӯи ту чунонам, ки дигар,
Булбул шаваму ҳазор фарёд кунам.

Ғам пеши рухи ёр намебояд гуфт,
Андӯҳи дили зор намебояд гуфт.
Гуфтам зи ғамат гиряи ман бисёр аст,
Зад ханда, ки бисёр намебояд гуфт.

Бо каму беши мурод мебояд сохт,
В-аз ҳарчӣ замона дод, мебояд сохт.
Аз даври фалак манзалате мехоҳӣ,
Чун маҳ ба каму зиёд мебояд сохт.

## Абдулқодири Бедил

(1644-Деҳлӣ-1721)

Золим пӯшад либоси хунбофтаро,
То зер кунад хасми забунёфтаро.
Бо сангдилони шӯълахӯ сахтӣ кун,
Бардор бо оҳан, оҳани тофтаро.

Бедил, зи мардум чӣ шунидӣ, худро,
К-аз мо ба гумон дур кашидӣ худро?
Дар ту як тори мӯ зи мо нест тиҳӣ,
Эй бехабар, аз мо ту чӣ дидӣ худро?

Бедордило, зи табъи нософ баро,
Аз нақшу нигори пардаи лоф баро.
Гар хобат нест, махмалу дебо чист?
З-ин коргаҳи қумоши шаббоф баро.

Гар марди раҳӣ, зи табъи худком баро!
Аз печу хати васвасаи хом баро!
Эй мункири кайфияти парвози магас,
Бе зина ту низ то сари бом баро!

Бедил ҳарчанд баргузидам худро,
Афсуни камоле надамидам худро.
Сад шукр, зи иқболи адабпарвози аҷз,
Мумтоз зи ҳеҷ кас надидам худро.

## Шамсиддин Шоҳин

(1865-Бухоро - 1896-Қаршӣ)

Шодам, ки маро замона ёвар гардид,
Иқбол мутеу бахт чокар гардид.
Васли ту зи чарх солҳо меҷустам,
Сад шукр, ки имшабам муяссар гардид.

Васли ту ба ҳеҷ кас муяссар нашавад,
В-ин бода ба коми ҳеҷ соғар нашавад.
Навмед чунонам, зи ту, гар биншинӣ,
Дар дидаи ман ҳануз бовар нашавад.

Ту ҳаргиз расидӣ ба фарёди кас,
Кӣ мехоҳӣ имрӯз фарёдрас?
Ҳама тухми номардумӣ коштӣ,
Бубин лоҷарам то чӣ бардоштӣ.

*Саъдӣ*

Ҳамеша машварат бо дӯстон кун,
Сирри худро ниҳон аз душманон кун.
Назар кун дар ин мӯи борики сар,
Ки борикбинанд аҳли назар.

*Саъдӣ*

Чу хоҳӣ, ки номат бимонад ба ҷой,
Писарро хирадмандӣ омӯзу рой,
Чу фарҳангу рояш набошад басе,
Бимириву аз ту намонад касе.

*Саъдӣ*

Будӣ дунёи ману рафтӣ зи дунё модарам,
Ман бурун аз хоку ту дар хок танҳо модарам.
Бурдӣ аз лаб хандаам, эй шӯълаи ояндаам,
Водареғо модарам, сад водареғо модарам!

*Лоиқ*

Эй хушо марде, ки монад номи некаш дар ҷаҳон,
То қиёмат қисса бар номаш бихонад қиссахон.
Аз ду кас асрори некӣ монд дар олам нишон,
Ҳиммат аз Ҳотаму зуҳду адл аз Нӯширавон.

*Маъдан*

## Рӯдакӣ

858-Панҷакент-941

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд:
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ!

## Абӯмансур Аҳмадии Дақиқӣ

(Дар асри зиндагонӣ кардааст.)

Кошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,
То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ .
Захми ақраб нестӣ бар ҷони ман,
Гар варо зулфи муақраб нестӣ.
В-ар набудӣ кавкабаш дар зери лаб,
Мӯнис ар то рӯз кавкаб нестӣ.
В-ар муraққаб нестӣ аз некӯй,
Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ.
В-ар маро бе ёр бояд зистан,
Зиндагонӣ кош, ё Раб, нестӣ !

## Робеаи Балхӣ

(Дар асри Х зиндагонӣ кардааст.)

Нигоро, бе ту чашмам чашмасор аст,
Ҳама рӯям зи хуни дил нигор аст.
Зи мижгонам ба селобам супурдӣ,
Ғалат кардам, ҳама обам бибурдӣ.
Чу аз ду чашми ман ду ҷӯй додӣ,
Ба гармоба маро саршӯй додӣ...
Кунун дар оташу дар ашку дар хун,
Бирафтам з-ин ҷаҳон пурдард берун.
Маро бе ту сар омад зиндагонӣ,
Манат рафтам, ту ҷовидон бимонӣ!

## Ҳаким Саноӣ

( асри 12)

Ғарибу ошиқам бар ман назар кун,
Ба назди ошиқон як шаб гузар кун.
Бубин он рӯи зарду чашми гирён,
Зи бадаҳдӣ дили худро хабар кун.
Туро рухсат кӣ дод, эй меҳрпарвар.
Кӣ ҷони ошиқон зеру забар кун.
На бас корест куштан ошиқонро,
Бирав фармон ба ӯ кори дигар кун.
Саноӣ рафту бо худ бурд ҳиҷрон,
Ту номаш ошиқи хастаҷигар кун.

## Адиб Собири Тирмизӣ

(1078-Тирмиз - 1147 –Хоразм)

Дилам бе рӯи ту хуррам набошад,
Чу дилбар нест, дил беғам набошад.
Асирам ишқро, ғамгин аз онам.
Асири ишқро ғам кам набошад.
Ба бўсе марҳаме неҳ бар дили ман.
Шифои хаста ҷуз марҳам набошад.
Маро гӯӣ, ки «дил дар ишқ хуш дор»,
Хушиву ошиқӣ бо ҳам хуш набошад.
Гаҳ аз ту шод бошам, гоҳ ғамгин,
Ҷаҳон бе суру бемотам набошад.

## Хусрави Деҳлавӣ

Эй, чеҳраи зебои ту рашки бутони озарӣ,
Ҳарчанд васфат мекунам, лекин аз он болотарӣ.
Ҳаргиз наёяд дар назар нақше зи рӯят хубтар,
Шамсӣ, надонам, ё қамар, ҳурӣ надонам, ё парӣ.
Офоқро гардидаам, меҳри бутон варзидаам.
Бисёр хубон дидаам, аммо ту чизи дигарӣ.
Эй роҳату ороми ҷон, бо қадди чун сарви равон,
З-ин сон марав доманкашон, к-ороми ҷонам мебарӣ.

## Аҳмади Ҷомӣ

Эй лабат пурхандаву чашми сиёҳат масти хоб,
Икки зулфинг орасида ой юзунгдур офтоб.
Мастии май мекунад, рӯи туро ғарқи арақ,
Бода ичсанг, тўкулур икки қизил юздин гулоб.
Булҳавас дар базми васлат маҳраму ман ноумед.
Толиим шулдур менинг, бахтим забун, ҳолим хароб...
Банда шуд Ҷомӣ ғуломат, гарчи Афлотун бувад,
Асрагил ё соқлагил, ё сот, ё бергил жавоб.

## Анварӣ

Ёр бо ман чун сари ёрӣ надошт,
Заррае дар дил вафодорӣ надошт.
Ошиқон бисёр дидам дар чаман,
Ҳар кас касро бад-ин хорӣ надошт.
Ҷон ба тарки дил бигуфт аз бими ҳаҷр,
Тоқати чандин ҷигархорӣ надошт.
То падид омад шароби ишқи ту,
Ҳеҷ ошиқ барги ҳушёрӣ надошт.

## Ҷалолиддини Румӣ

Дил дар ин дунё мабанд, дунёи фонӣ бигзарад,
Навбати пирӣ дарояд, навҷавонӣ бигзарад.
Эй ки дорӣ боғу бӯстон, молу мулки мамлакат,
Боғи ту вайрона гардад, боғбонӣ бигзарад.
Эй ки дорӣ зӯри бозу, дар ҷаҳони номдор,
Даври ту ҳам бар сар ояд, паҳлавонӣ бигзарад.
Ин аҷал ҳамчун пул асту ҷонҳо чун корвон,
Ногаҳон бинӣ, к-азон пул корвоне бигзарад.
Шамси Табрезӣ ту донӣ ҳолати мастони хеш,
Корҳо ҳам бар сар ояд, кордонӣ бигзарад.

## Фирдавсӣ

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,
Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем.
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем

## Низомӣ

Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.

В-акнун, ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв бар авҷ сар кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист!
Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз...
Чун шер ба худ сипаншикан бош,
Фарзанди хисоли хештан бош!
Давлат талабӣ, сабаб нигаҳ дор,
Бо халқи худо адаб нигаҳ дор!
Он ҷо, ки фасонае сиголӣ,
Аз тарси Худо мабош холӣ.
В-он шуғл талаб зи рӯйи ҳолат,
К-он карда набошадат хиҷолат.
Гар дил ниҳӣ, эй писар, бад- ин панд,
Аз панди падар шавӣ берӯманд.

Назм арчи ба мартабат баланд аст,
Он илм талаб, ки судманд аст.
Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ,
Мекӯш ба хештаншиносӣ.
Ташреҳи ниҳоди худ даромӯз,
К-ин маърифатест хотирафрӯз.

Ҳадиси кӯдакиву худпарастӣ,
Раҳо кун, к-он хаёли буду мастӣ.
Чу умр аз сӣ гузаштат ё худ аз бист,
Намешояд дигар чун ғофилон зист.
Нишоти умр бошад то чиҳил сол,
Чиҳилсола фурӯ резад пару бол.
Пас аз панҷоҳ набошад тандурустӣ,
Басар кундӣ пазирад, пой сустӣ.
Чу шаст омад, нишаст омад падидор,
Чу ҳафтод омад, олат афтад аз кор.
Ба ҳаштоду навад чун даррасидӣ,
Басо сахтӣ, ки аз гетӣ кашидӣ...
Агар сад сол монӣ в-ар яке рӯз,
Бибояд рафт аз ин кохи дилафрӯз.
Пас он беҳтар, ки худро шод дорӣ,
Дар он шодӣ Худоро ёд дорӣ.

## Саъдӣ

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

## Ҳофизи Шерозӣ

(1325-Шероз-1388)

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро.
Бидеҳ соқӣ, маи боқӣ, ки дар ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро.
Фиғон, к-ин лӯлиёни шӯхи ширинкори шаҳрошӯб,
Чунон бурданд сабр аз дил, ки туркон хони яғморо.
Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯи зеборо.
Ман аз он ҳусни рӯафзун, ки Юсуф дошт, донистам,
Ки ишқ аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.
Агар дашном фармоӣ в-гар нафрин, дуо гӯям,
Ҷавоби талх мезебад лаби лаъли шакархоро.
Насиҳат гӯш кун, ҷоно, ки аз ҷон дӯсттар доранд,
Ҷавонони саодатманд панди пири доноро.
Ҳадис аз мутрибу май гӯву рози даҳр камтар ҷӯ,
Ки кас накшуду накшояд ба ҳикмат ин муамморо.
Ғазал гуфтиву дур сӯфтӣ, биёву хуш бихон, Ҳофиз,
Ки ба назми ту афшонад фалак иқди Сурайёро.

Дил меравад зи дастам, соҳибдилон, Худоро
Дардо, ки рози пинҳон хоҳад шуд ошкоро.
Киштинишастагонем, эй боди шурта, бархез,
Бошад, ки боз бинем дидори ошноро.
Даҳрӯза меҳри гардун, афсонаест афсун,
Некӣ ба ҷои ёрон фурсат шумор, ёро.
Дар ҳалқаи гулу мул, хуш хонд дӯш булбул,
Ҳотис-сабуҳу ҳуббу ё айюҳас-сикоро!
Эй соҳиби каромат, шукронаи саломат,
Рӯзе таваққуде кун, дарвеши бенаворо.
Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.
Дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд,

Гар ту намеписандӣ тағйир кун қазоро....
Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ,
К-ин кимёи ҳастӣ Қорун кунад гадоро.
Саркаш машав, ки чун шамъ, аз ғайратат бисӯзад
Дилбар, ки дар кафи ӯ мум аст санги хоро.
Оинаи Сикандар ҷоми Ҷам аст, бингар,
То бо ӯ арза дорад аҳволи мулки Доро.
Хубони порсигӯ бахшандагони умранд,
Соқӣ, бидеҳ башорат риндони порсоро.
Ҳофиз ба худ напӯшид ин хирқаи майолуд,
Эй шайхи покдоман маъзур дор моро.

Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигарон ба ту нахоҳанд навишт.
Ман агар некам, агар бад, ту бирав, худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.
Ҳама кас толиби ёранд, чӣ ҳушёру чӣ маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст: чи масҷид, чи куништ.
Сари таслими ману хишти дари майкадаҳо,
Муддаӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: сари хишт.
Ноумедам макун аз собиқаи лутфи азал,
Ту паси парда чӣ донӣ, ки кӣ хуб асту кӣ зишт?
На ман аз пардаи тақво бадар афтодаму бас,
Падарам низ биҳишти абад аз даст биҳишт.
Боғи Фирдавс латиф аст, валекин зинҳор
Ту ғанимат шумур ин сояи беду лаби кишт.
Ҳофизо, рӯзи аҷал гар ба каф орӣ ҷоме,
Яксар аз кӯи хароботт барандат ба биҳишт.

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.
Чу меҳмони хароботӣ, ба иззат бош бо риндон,
Ки дарди сар кашӣ, ҷоно, гарат мастӣ хумор орад.
Шаби сӯҳбат ғанимат дон, ки баъд аз рӯзгори мо,
Басе гардиш кунад гардун, басе лайлу наҳор орад.
Иморидори Лайлиро, ки маҳди моҳ дар ҳукм аст,
Худоро, дар дил андозаш, ки бар Маҷнун гузор орад.
Баҳори умр хоҳ эй, дил, вагарна ин чаман ҳар сол
Чу насрин сад гул орад бору чун булбул ҳазор орад.
Худоро, чун дили решам қароре баст бо зулфат,
Бифармо лаъли нӯшинро, ки зудаш бо қарор орад.
Дар ин боғ аз Худо хоҳад дар ин пиронасар, Ҳофиз,
Нишинад бар лаби ҷӯеву сарве дар канор орад.

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода баҳор хуш набошад.
Тарфи чаману тавофи бўстон,
Бе лолаузор хуш набошад.
Рақсидани сарву ҳолати гул
Бе савти ҳазор хуш набошад.
Ҳар нақш, ки дасти ақл бандад,
Ҷуз нақшу нигор хуш набошад.
Ҷон нақди муҳаққар аст, Ҳофиз,
Аз баҳри нисор хуш набошад.

Ёрӣ андар кас намебинам, ёронро чӣ шуд?
Дўстӣ кай охир омад, дўстдоронро чӣ шуд?
Оби ҳайвон тирагун шуд, Хизри фаррухпай куҷост?
Хун чакад аз шохи гул, абри баҳоронро чӣ шуд?
Кас намегўяд, ки ёре дошт ҳаққи дўстӣ,
Ҳақшиносонро чӣ ҳол афтод, ёронро чӣ шуд?
Лаъле аз кони мурувват барнаёмад, солҳост,
Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд?
Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,
Меҳрубонӣ кай сар омад, шаҳриёронро чӣ шуд?
Гўи тавфиқу каромат дар миён афгандаанд,
Кас ба майдон дарнамеояд, саворонро чӣ шуд?
Сад ҳазорон гул шукуфту бонги мурғе барнахост,
Андалебонро чӣ пеш омад, ҳазоронро чӣ шуд?
Зўҳра созе хуш намесозад, магар удаш бисўхт,
Кас надорад завқи мастӣ, майгусоронро чӣ шуд?
Ҳофиз асрори илоҳӣ кас намедонад, хамўш!
Аз кӣ мепурсӣ, ки даври рўзгоронро чӣ шуд?

Воизон к-ин ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд,
Чун ба хилват мераванд, он кори дигар мекунанд.
Мушкиле дорам зи донишманди маҷлис бозпурс:
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд?
Гўиё бовар намедоранд рўзи доварӣ,
К-ин ҳама қалбу дағал дар кори довар мекунанд.
Ё раб, ин навдавлатонро бар хари худшон нишон,
К-ин ҳама ноз аз ғуломи турку астар мекунанд.
Эй гадои хонақаҳ, барҷаҳ, ки дар дайри муғон,
Медиҳанд обеву дилҳоро тавонгар мекунанд.
Ҳусни бепоёни ў чандон, ки ошиқ мекушад,

Зумраи дигар ба ишқ аз ғайб сар бар мекунанд.
Бар дари майхонаи ишқ, эй малак тасбеҳ гӯй,
К-андар он ҷо тинати одам мухаммар мекунанд.
Субҳидам аз Арш меомад хурӯше, ақл гуфт:
«Қудсиён гӯӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд».

Даст аз талаб надорам, то коми ман бароядд,
Ё тан расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.
Бикшой турбатамро баъд аз вафоту бингар,
К-аз оташи дарунам дуд аз кафан барояд.
Бинмой рӯй, ки халқе вола шаванду ҳайрон,
Бикшой лаб, ки фарёд аз марду зан барояд.
Ҷон бар лаб асту ҳасрат дар дил, ки аз лабонаш
Нагрифта ҳеҷ коме ҷон аз бадан барояд.
Аз ҳасрати даҳонаш омад ба танг ҷонам,
Худ коми тангдастон, кай з-он даҳан барояд?
Гӯянд зикри хайраш дар хайли ишқбозон,
Ҳар ҷо, ки номи Ҳофиз дар анҷуман барояд.

## Камоли Хуҷандӣ

(1318-Хуҷанд-1401-Табрез)

Аз ту як соат ҷудоӣ хуш намеояд маро,
Бо дигар кас ошноӣ хуш намеояд маро.
Гӯиям рав з-ин дару султони вақти хеш бош,
Баъди султонӣ гадоӣ хуш намеояд маро.
Чокаронатро намегӯям, ки хоки он дарам,
Бо бузургон худситоӣ хуш намеояд маро.
Гуфтамаш: дар оби ораз акси ҷони мо намо!
Гуфт: ҳар дар худнамоӣ хуш намеояд маро.
Аз лаби лаълат напарҳезам ба даври он чашм,
Пеши мастон порсоӣ хуш намеояд маро.
Мункири зӯҳдам ба рӯят то назарбоз омадам,
Покбозам ман, дағоӣ хуш намеояд маро.
Сӯфиён гӯянд чун мо хезу дар рақс о, Камол,
Ҳолати ваҷду риёӣ хуш намеояд маро.

Дил муқими кӯи ҷонон асту ман инҷо ғариб,
Чун кунад бечораи мискинтани танҳо ғариб?
Орзуманди диёри хешаму ёрони хеш,
Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?
Чун ту дар ғурбат наёфтодӣ, чӣ дони ҳоли мо,
Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас,  илло ғариб.

Ҳаргиз роҳи карам рӯзе напурсидӣ, ки чист
Ҳоли зори мустаманди монда дур аз мо ғариб.
Чун дар ин даврон намеафтад касе бар ҳоли мо,
Дар чунин шаҳре, ки мебинӣ кӣ афтад бо ғариб?
Дар ғарибӣ ҷон ба сахтӣ медиҳад мискин Камол,
Во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғарибӣ, во ғариб.

## Шоҳии Сабзаворӣ

(1385-Сабзавор-1453-Астаробод)

Боғро боз магар муждаи гулрез омад,
Ки насими саҳар аз тарфи чаман тез омад.
Гӯи ранги ғуборе зи раҳаш пайдо шуд,
Ки сабо мушкфишон ғолияомез омад.
Ту нав асбоби тараб сохта кун, к-андар боғ
Гули навхоставу сунбули зархез омад.
Боз ишқи туам аз сабр ҷудоӣ фармуд,
Боз бемори маро нисбати парҳез омад.
Ҷоми Шоҳӣ, ки зи хуни ҷигараш пур карданд,
Хор мангар, ки зулоле тарабангез омад.

## Абдураҳмони Ҷомӣ

(1414-Ҷом - 1492-Ҳирот)хоб,

Лабат дилдузду ман аз вай шакардузд,
Кам афтодаст ин сон дузд бар дузд.
Зи чашмам шуст чашмат сурмаи
Ба айёрӣ барад кӯҳл аз басар дузд.
Танатро бингарам duздида з-он сон,
Ки бар сими касон дӯзад назар дузд.
Агар дуздиданат бинам, макун айб,
Ки дуздиро надонад ҷуз ҳунар дузд.
Ғамат бар дил зи ҳар сӯ ғорат орад,
Даромад хонаро аз бому дар дузд.
Ҳаросам шаб ба кӯят аз рақибон,
Ба шабҳо аз сагон орад, хатар дузд.
Сари дурҷи сухан макшой, Ҷомӣ.

Ҳама як сӯ бувад, нодидани он гулбадан як сӯ,
Фироқи бекасӣ як сӯ бувад, доғи ватан як сӯ.

Саҳар бар ҷониби гулзор рафтам баҳри гул чидан,
Фиғони булбулон як сӯ бувад, сайри чаман як сӯ.
Ки ҳайфи одамизод аст, дар ин умри ду-се рӯза
Ба зери хок меафтад кафан як сӯву тан як сӯ.
Ки кӯҳи Бесутун ногаҳ садо омад ба гӯши ман,
Зи зарби теша як сӯ, зарби дасти Кӯҳкан як сӯ.
Тамоми шоиронро ҷамъ агар созанд дар Маҳшар,
Ҳама як сӯ бувад, ин Ҷомии ширинсухан як сӯ.

## Алишери Навоӣ(Фонӣ)

(1441-Ҳирот-1501)

Ту хубу хулқи ту хубу такаллумат ҳам хуб,
Набуда чун ту ба хубӣ касе ба олам хуб.
Ба ҳусн беҳ зи парӣ, одамигарӣ бартар,
Нагашта мисли ту пайдо зи насли одам хуб.
Кушӣ ба хубиву ҷонбахшӣ аз сухан, ки чу ту
Набуда, Аллаҳ-Аллаҳ, Масеҳи Марям хуб.
Ба дил муҳҳабати ту бештар шавад ҳар дам,
Ки бештар бинамоӣ ба чашм ҳар дам хуб.
Анису ҳамдам агар ҳаст хуб, хубтар аст,
Ки дар ҷаҳон ба кас афтад анису ҳамдам хуб.
Ба олам омада хубон басеву лек чу ту,
Набуда бар ҳама хубон касе мусаллам хуб.
Зи хайли маҷмаъи хубон ба Фонии бедил
Вафову меҳр бувад хубу зулму кин ҳам хуб.

Омад баҳори дилкашу гулҳои тар шукуфт,
Дилҳо аз он нишот зи гул бештар шукуфт.
Дил аз сабоҳати рухи хубат кушода шуд,
Монанди ғунчае, ки ба вақти саҳар шукуфт.
Меояд аз гули чамани ишқ бӯи хун,
Гӯё ғунчаҳош зи хуни ҷигар шукуфт.
Гар ханда зад зи гиряи чашмам, аҷаб мадор,
Чун абр ашк рехт, гули тоза баршукуфт.
Соқӣ, баҳор шуд, қадаҳам рез лаб ба лаб,
Хоса, ки шукуфа аз чаман сар ба сар шукуфт.
З-он нахли ноз ханда ба ушшоқу васл не
Ҳамчун гуле, ки аз шаҷари бесамар шукуфт.
Фонӣ, аҷаб мадон, агар он гул шукуфтааст,
Аз ашки абрсони ту бишкуфт, агар шукуфт.

## Сайфии Бухорӣ
(шоири асри 15)

### Ғазали оҳангар

Бути оҳангарии ман гарчӣ дилаш сангин аст,
Дили ӯ сӯзад аз оҳи ман, агар оҳ ин аст.
Он к-аз ӯ оҳану пӯлод гудозад ба даме,
Оташи оҳи мани сӯхтаи мискин аст.
Бар сару рӯи ман аз путк занад чун оташ,
Пеши ӯ рӯи дигар доштанам оин аст.
Сайфии сӯхта дар васли бути оҳангар
Ғазале гуфт чу пӯлод, ки сад таҳсин аст.

## Камолиддин Биноӣ
(1453-Ҳирот - 1512-Қаршӣ)

Рафтиву рафт зи дил сабру қарорам бе ту,
Зуд боз о, ки дигар сабр надорам бе ту.
Дар фироқи ту дилам раҳгузари тири балост,
Чӣ балоҳост дар ин роҳ гузарам бе ту.
Фалаки дард ниҳад пунбаи кавкаб дар гӯш,
Бар фалак баски равад нолаи зорам бе ту.
Мардум аз хоб дароянд, ки ояд дами субҳ,
Дар дили шаб чу дами сард барорам бе ту.
Гузарад рӯзи Биноӣ ҳамагӣ дар ғами он,
Ки чӣ сон бигзарад охир шаби торам бе ту

## Бадриддин Ҳилолӣ
(1470-Астарobод -1529-Ҳирот)

Ҷон хуш аст, аммо намехоҳам, ки ҷон гӯям туро,
Хоҳам аз ҷон хуштаре бошад, ки он гӯям туро.
Ман чӣ гӯям, к-ончунон бошад, ки ҳадди ҳусни туст,
Ҳам ту худ фармо, ки чунӣ, то чунон гӯям туро

Ҷони ман, бо он ки хос аз баҳри рафтан омадӣ,
Соате биншин, ки умри ҷовидон гӯям туро.
То рақибонро набинам хушдил аз ғамҳои хеш,
Аз ту бинам ҷавру бо худ меҳрубон гӯям туро.
Баски мехоҳам, ки бошам  бо ту дар гуфтушунид,
Як сухан гар бишнавам, сад достон гӯям туро.
Қиссаи душвори худ пеши ту гуфтан мушкил аст,
Мушкиле дорам, намедонам, чӣ сон гӯям туро?
Хуштар аз меҳр аст ҳар ҷавре, ки бо ман мекунӣ,
Моҳи ман хуш нест, гар номеҳрубон гӯям туро.
Ҳар куҷо як шаб зи сӯзи хеш гуфтам шаммае,
Ҷои он дорад, ки расвои ҷаҳон гӯям туро.

Тарки ёрӣ кардию ман ҳамчунон ёрам туро,
Душмани ҷонию аз ҷон дӯсттар дорам туро.
Гар ба сад хори ҷафо озурда созӣ хотирам,
Хотири нозук ба барги гул наёзорам туро.
Қасди ҷон кардӣ, ки яъне даст кӯтаҳ кун зи ман,
Ҷон зи каф бигзораму аз даст нагзорам туро.
Гар бурун оранд ҷонамро зи хилватгоҳи дил,
Нест мумкин, ҷони ман, к-аз даст бигзорам туро.
Як-ду рӯзе сабр кун, эй ҷони бар лаб омада,
З-он ки хоҳам дар ҳузури дӯст биспорам туро.
Инчунин, к-аз савти мутриб базми айшат бар садост,
Мушкил огоҳӣ шавад, аз нолаи зорам туро.
Гуфтаӣ: «Хоҳам Ҳилолиро ба коми душманон»,
Ин сазои ман, ки бо худ дӯст медорам туро.

## Абдураҳмон Мушфиқӣ

(1538-Бухоро-1588)

Ҳамшира, харҷи мотами бобо аз они ту,
Сабр аз ману тараддуду ғавғо аз они ту,
Анбори пур зи ғаллаи бобо аз они ман,
Он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту,
Танбӯри пур зи хотами бобо аз они ман,
В-он нағмаҳои тарнатаранно аз они ту,
В-он ҷои хоби мондаи бобо аз они ман,
Тасбеҳи пора-пораи бобо аз они ту,
Дастор, ҷома, фӯтаи бобо аз они ман,
Бетоқатию нолаи шабҳо аз они ту.
Кафгиру дегу дегчаи бобо аз они ман,
Дастгиру дегхонаи бобо аз они ту,

Ҳамёни пур зи тангаи бобо аз они ман,
Занги фулуси мондаи бобо аз они ту,
Ҷумла гилему қолини бобо аз они ман,
В-он нақшҳои мондаи бурё аз они ту,
Аз рӯи ҳавлӣ то ба лаби бом аз они ман,
Аз пушти бом то ба сурайё аз они ту.

## Сайидои Насафӣ

(асри 18-Қаршӣ)

Ба сӯи кулбаам, эй нозанин, дӯш омадӣ, рафтӣ,
Зи аҳволам напурсидию хомӯш омадӣ, рафтӣ.
Сухан ногуфта биншастӣ харобат ман, кабобат ман,
Зи ҷоми ҳусн май нӯшида беҳӯш омадӣ, рафтӣ.
Чу булбул нолаи зори ман, эй бераҳм, нашнидӣ,
Ба ранги ғунчаи гул пунба дар гӯш омадӣ, рафтӣ.
Сарат гардам, куҷо омӯхтӣ, ин дардмандиро,
Гиребончоку бепарво, кӯлаҳпӯш омадӣ, рафтӣ.
Масал шуд сарв ҳамчун Сайидо, бар бесару пой,
Ба сайри бӯстон то ҷомабардӯш омадӣ, рафтӣ.

## Зебуннисо

(1639-Деҳлӣ-1702)

Гарчи ман Лайлиасоасм, дил чу Маҷнун дар ҳавост,
Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.
Булбул аз шогирдиам шуд ҳамнишини гул ба боғ,
Дар муҳаббат комилам, парвона ҳам шогирди мост.
Дар ниҳон хунем, зоҳир гарчи ранги нозанин,
Ранги ман дар ман ниҳон чун ранги сурх андар ҳиност.
Баски бори ғам бурун андохтам бар рӯзгор,
Ҷома нилӣ кард, инак бин, ки пушти мо дутост.
Духтари шоҳам, валекин рӯ ба фақр овардаам,
Зебу зинат бас ҳаминам, номи ман, Зебуннисост.

Биё, ки зулфи каҷу чашми сурмасо инҷост,
Нигоҳи гарму адоҳои дилрабо инҷост.
Карашма теғу мижа - ханҷару нигаҳ - алмос,

Шаҳодат ар талабӣ, дашти Карбало инҷост.
Агар биҳишт диҳандат, фиреби кас нахӯрӣ,
Қадам зи майкада берун манеҳ, ки ҷо инҷост,
Зи пой то сараш ҳар куҷо, ки менигарам,
Карашма домани дил мекашад, ки ҷо инҷост.
Китобхонаи олам варақ-варақ ҷӯстам,
Хати ту дидаму гуфтам, ки муддао инҷост.
Закоти ҳусн агар медиҳӣ барои ризо,
Биё, ки Зебуннисо ҳамчу ман гадо инҷост.

## Қонеъ

(асри VIII-Насаф)

Ҳар к-аз паи нигоҳи дили бенаво нарафт,
Бо ҳарфи ошно зи худ ин ошно нарафт.
Бартар зи Арш пояи фақрам бувад, валек
Меъроҷи иззатам қадари як гадо нарафт.
Додем бас ба меҳнати айём иттиҳод,
Хори ҷафо чу соя зи поям ҷудо нарафт.
Ҳар дил, ки ҳақпазир нашуд, коми аждаҳост,
Заҳр аст ашки чашм, ки худ бериё нарафт.
Қонеъ, зи чарх равнақи меҳру вафо маҷӯй,
Ранге наёфтӣ, ки чу ранги ҳино нарафт.

## Мирзо Содиқи Муншӣ

(1758-Бухоро - 1819-Қаршӣ)

Ба ман он шӯх дар банди ҷафо будаст, донистам,
Ҷафо чун шеваи он бевафо будаст, донистам.
Ба уммеди вафо аз хубрӯён сад ҷафо дидам,
Вафо ҷӯстам аз ин мардум, хато будаст, донистам.
Зи бераҳмӣ намедорад раво ғайри ситам бар ман,
Ситам бар мазҳаби хубон раво будаст, донистам.
Ман аз худ меравам ҳар ҷо, ки он парирӯро,
Маро он бехудиҳо аз куҷо будаст, донистам.
Чу бинам сӯи ӯ, рӯ сӯи ғайр, аз ман бигардонад,
Ба ман бегона бо ғайб ошно будаст, донистам.
Аз ин тарзи ғазал бисёр бӯи дард меояд,
Ба дарди ишқ Содиқ, мубтало будаст, донистам.

## Шӯхии Хуҷандӣ

(асри XVIII Хуҷанд)

Шаби ид аст, тараб бе ту ҳаром аст ин ҷо,
Гардиши чашми асас гардиши ҷом аст ин ҷо.
Чун ба хотир гузарад сайри гулистон, ки маро,
Хона аз рӯи ту фирдавснизом аст ин ҷо.
Дар биёбони ҷунун расми расидан набувад,
Шерро оҳуи ваҳшатзада ром аст ин ҷо.
Сайри ин даҳри кӯҳан карда зи маҳ то моҳӣ,
Карда, фарёд, ки бе доғ кадом аст ин ҷо.
Карда Тӯрон ба сухан ноз ба Эрон, ки кунун,
Шӯхии шоири барҷастакалом аст ин ҷо.

## Ҷунайдулло Ҳозиқ

(асри VIII Ҳирот - Шаҳрисабз)

То чанд кунам зи халқ пинҳон,
Ашку рухи зарду оҳи сӯзон.
Ҳушу хирадам ба ишва бурданд,
Фарёд зи дасти хубрӯён.
Ҷоно, чӣ шавад зи чашми бемор?
Ёбад дили дардманд дармон.
Бе лаъли ту ҷони нотавонам,
Афтода чу қолабест бе ҷон.
Гул хам шуду сарв рост бархост,
То тарфи чаман шудӣ хиромон.
Бе қадду рухат чӣ кор ояд,
Сайри гулу сарви бӯстон?
Ҳозиқ, ту мабанд, дил ба зулфаш,
Сад бор шикаста аст паймон.

## Гулханӣ

(асри VIII Қӯқанд)

Эй бути ширинлабу симинтану рангинқабо,
Пой то сар ҷилваи макру фану нозукадо.
Мазҳари ҷавру ҷафову зулм, ҳам бедоду кин,
Дар сипеҳри дилрабоӣ моҳи бемеҳру вафо.
Мубталои холу зулфу орази чашми ту буд,
Ҳиндиву кашмирию румию туркони хито.
З-оташи шамъи рухат парвона бе сабру шикеб,
Ҳусн-саркаш, ишқ-ғолиб, ман-забун, дил-бенаво.
Бар тамошоят, нигоҳи нотавонам кай расад,
Гар набошад ёди мижгонат ба дасти ӯ асо?

Менадонам бисмили нози кадомин бевафост,
Аз тапиданҳои дил дар гӯш меояд садо.
Зиндагиҳо дар рағми даҳр то кай, Гулханӣ?
Чанд гӯӣ ёр бераҳму фалак ноошност.

## Сӯфӣ

(асри XIX Бухоро - Самарқанд)

Эй барқи хушхиром ҷафо кардаӣ маро,
Кулфатгудози ранги ҳино кардаӣ маро.
Сар то қадам тағофулӣ чун барқи даргузар,
Дар базмгоҳи ишқ адо кардаӣ маро.
Олам хароб кардаӣ аз зулфи печ-печ,
Эй каҷкулаҳ ба ғамза чиҳо кардаӣ маро.
Бишкастааст боли ман аз вусъати фироқ,
Дар орзуи боди сабо кардаӣ маро.
Сӯфӣ ба нола васл талаб мекунад туро,
Эй барқи хушхиром, ҷафо, кардаӣ маро,

## Маъдан

(1762-Понғоз (Ашт)-1846)

Дӯш аз боғи висолаш ранги гул чидам ба хоб,
Офтобе дар урӯҷи арши дил дидам ба хоб.
Ҷоми истиғно шикастам, табли густохӣ задам,
Аз ҳаё ворастаму чун ғунча хандидам ба хоб.
Бар танӯри дил ниҳодам мӯҳри оташпорае,
Об гаштам чун арақ, бар хок ғатидам ба хоб.
То парирухсорае дар қайди тасхир оварам,
Ҳамчу тӯмори ҷунун бар хеш печидам ба хоб.
То насими накҳати пайғоми ирсолаш вазид,
З-изтироби шавқ ҳамчун шӯъла болидам ба хоб.
Ҷодаам борику шаб торику шамъам безиё,
Бе асокаш, бе асо аз пой лағҷидам ба хоб.
Файзи осор аст, Маъдан, гулшани поси сухан,
Аз хамӯшӣ рамзи ин ҳангома фаҳмидам ба хоб.

Омад шабе бар кулбаам, гуфтам ҳазорон марҳабо,
Чидам ғубори мақдамаш, бар дида кардам тутиё.
Шамъе зи оҳ афрӯхтам, парвонаосо сӯхтам,
Бар анҷуман омӯхтам таъдили аркони вафо.
Бунёди ҳастӣ то адам, кардам нисори ҳар қадам,
Ин ҳар ду гетиро ба ҳам судам ба сони осиё.

Ҳар ҷо нишинам сӯхтам, бо дарду ғам пардохтам,
Худро магар нашнохтам аз шеваи нашъунамо.
Маҳфил фароз аз ҳайратам, восӯхт доғи кулфатам,
Базми чароғи зулматам, чун субҳи козиб безиё.
Ҳусне, ки дар Мисри тараб овоза дорад бар лақаб,
Омад ба бозори талаб нақди ду олам дар баҳо.
Маъдан, арӯси табъи ман, дорад паси оина тан,
Вақти тақозои сухан рӯ баркушояд аз қафо.

## Исо Махдуми Бухорӣ

(1827-Бухоро-1888)

То гул аз гулбун гирифтам, навбаҳор аз даст рафт,
То ба соғар даст бурдам, ихтиёр аз даст рафт.
З-интизори бода хуни ҳасратам аз чашм рехт,
Аз сабӯ дасте ба соғар бар, ки кор аз даст рафт.
Маҳшари савдоям аз ҷӯши баҳорон гарм буд,
Доштам дар дил қароре, беқарор аз даст рафт.
Дом афгандам, ки ояд сайди матлубам ба каф,
Дона сарфи имтиҳон гашту шикор аз даст рафт.
Бодаи гулгун, ки Шавкат дошт, Исо, аз нишот
Чеҳра рангинтоз мекардам, баҳор аз даст рафт.

## Абдулқодирхоҷаи Савдо

(1824-Бухоро - 1873-Балҷувон)

Коми дил месӯзад аз тундӣ, чу филфил хӯи ту,
Мекунад хушбӯ машоми ҷон,чу сунбул мӯи ту.
Чун зи акси оразат маҳ дар фалак шарманда шуд,
Нисбате набвад, ки гӯям ҳаст, чу гул рӯи ту.
Дар паи озори ман қалби муаллим шуд рақиб,
Метавонам рафт акнун бетаваккул кӯи ту.
Ғайрро бо зар чу коми дил бувад ҳосил зи ту,
Нест ҳосил коми дил, оям чу бепул сӯи ту.
Сӯхт мағзи ҷони Савдои шамимӣ дам ба дам,
Чун кунам, тун даст, ҷоно, чун қаланфул хӯи ту.

## Шамсиддин Шоҳин

(1865-Бухоро - 1896-Қаршӣ)

Мо аз ту ба ҷуз ҷафо надидем,

Кардем вафо, вафо надидем.
Аз чашми ту, к-он балои ҷон аст,
Ғайр аз нигоҳи ало надидем.
Эй мардуми дида чанд гӯӣ,
Мо мардумии шумо надидем.
Хубон ҳама душмананд, ҳаргиз
З-ин тоифа ошно надидем.
Сад бор агар туро бубинанд,
Гӯянд, ки мо туро надидем.
З-ин мардуми нохудо мурувват,
Шоҳин, ба ҳақи Худо надидем.

## Мирзо Олимҷони Ҳасрат

(асри XVIII-Ҳисор)

Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,
Сари селоб бар санг омад аз беҷо давиданҳо.
Ман аз беқадрии хори сари девор донистам,
Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо.
Матои ҳусни ӯро бар сари бозори Миср оранд,
Зулайхо мешавад шарманда аз Юсуф хариданҳо,
Ману маъшуқ агар хоҳӣ, ба як маҷлис тамошо кун,
Аз ӯ гул-гул шукуфтанҳову ранг аз ман париданҳо.
Маро охир ба хоки тира яксон кард ин Ҳасрат,
Зи дунболаш давиданҳо, ба гардаш норасиданҳо.

## Муҳаммадсиддиқ Ҳайрат

(1876-Бухоро-1902)

Эй мӯниси дил дӯш ту меҳмони кӣ будӣ?
Дил бе ту ба ҷон омаду ҷонони кӣ будӣ?
Маст аз маи ишқат ману бо ғайр задӣ ҷом,
Ранҷури ту ман будаму дармони кӣ будӣ?
Ҳамсӯҳбати ағёриву як бор нагуфтӣ,
Бо худ, ки қарини дили бирёни кӣ будӣ?
Бурдӣ ту қарор аз ману ороми кӣ гаштӣ?
Мурдам зи фироқи ту, бигӯ, ҷони кӣ будӣ?
Аз гиряи ман киштии афлок равон гашт,
Эй рӯҳи равон, лӯбати хандони кӣ будӣ?
Боре накашидӣ зи дилам хори ҷафоро,
Бо орази гул сарви гулистони кӣ будӣ?
Ханҷар ба кафу маст паи қатли ту омад,
Ҳайрат, бинигар захмаи пайкони кӣ будӣ?

## Муҳаммадаминхоҷа Кошиф

(1825-Хуҷанд-1888)

Кошкӣ бе ту маро сабру қароре бошад,
Ё туро сӯи мани зор гузоре бошад?!
Умрҳо шуд ба рухи зард ба хуноби ҷигар,
Кори ман дар қадамаш нолаву зорӣ бошад.
Хоксорони ҷаҳонро ба ҳақорат манигар,
То чӣ донӣ, ки дар ин гард саворе бошад.
Шунав аз ман сухан, аз мардуми худбин гурез.
Шахси бемаънии ӯ сурати море бошад.
Кишти ушшоқ кунад хурраму сарсабз мудом,
Чашми гиряндаи ман абри баҳоре бошад.
Омад он шӯхи ҷафопеша ба сад ишваву ноз,
Кош бар ман зи рухаш бӯсу каноре бошад.
Кошиф, аз теғи ҷафо кард туро ёр шаҳид,
Аҳли дилро сари хоки ту мазоре бошад,

## Ҳоҷии Хатлонӣ

(1880-Кангурт-1913)

Ҳар даме он нигор механдад,
Гӯӣ гул дар баҳор механдад.
То занад бӯса бар дами теғаш,
Набзи ман хунфишор механдад.
Он ба хушк ар бипурсидам аҳвол,
Мурдаам зиндавор механдад.
Ҳар куҷо нақш з-он кафи пояст,
Булбули интизор механдад.
Кабк, донӣ ба эътибори ҷаҳон,
Бар сари кӯҳсор механдад.
Ҳоҷӣ, бар хокам он нигор омад,
Сангу чӯби мазор механдад.

## Нақибхон Туғрал

(1864-Фалғар-1919)

Эй баҳори ноз, баҳри зиннати гулҳо биё!
Сайри дарё орзу дорӣ, ба чашми мо биё!
Кардаам дур аз рухат тамҳиди сомони ҷунун,
Эй сувайдои диламро дораи савдо, биё!
Аз вафо дорем ҳар дам орзуи мақдамат,
Ҳар буни мӯ чашми умед аст, сӯи мо биё!
Кай бувад биме ба мо з-ин сустмағзони дағал,
Гар биёӣ ҷониби мо, сахт бепарво биё!
Дил зи ҳиҷрони ту ошуфтаст чун авроқи гул,
Марҳабо, эй ғунчаи ҷамъияти дилҳо, биё!
Нест қонуни муҳаббат сози найранги дӯӣ,
Эй тани ман хоки поят, омадӣ, танҳо биё!
Эй хуш он мисраъ, ки Туғрал месарояд Бедиле:
«Ё маро аз худ бубар он ҷо, ки ҳастӣ, ё биё!».

## Садриддин Айнӣ

(1878-Бухоро - 1954-Душанбе)

Рози дил мегуфтам, ар як марҳаме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.
Дар шаби ҳиҷрон намешуд захми дил реши равон,
Гар зи васли як париру марҳаме медоштам.
Меҳнати гетӣ ба талхӣ кай рабудӣ ҷони ман,
Бӯсае гар аз лаби исодаме медоштам.
Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф чун аҳли олам, дирҳаме медоштам.
Ин қадар дар изтироб афтодаам аз фикри худ,
Мешуд оромам, агар аз худ раме медоштам.
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб?
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам.

# Ҷавоби чистонҳо

1. Офтоб.
2. Моҳтоб.
3. Осмону ситораҳо.
4. Об.
5. Раъду барқ.
6. Туман.
7. Тирукамон.
8. Барф.
9. Ях.
10. Борон.
11. Сел.
12. Жола.
13. Заминҷунбӣ.
14. Тарма.
15. Шамол.
16. Хунук.
17. Замин.
18. Хок.
19. Об.
20. Оби ҷӯй.
21. Чоҳ.
22. Роҳ.
23. Кӯпруки ларзон.
24. Соя.
25. Лахча.
26. Оташу дуд.

27. Дуд.
28. Шох, дум, пистон ва пои гов.
29. Пистони гов.
30. Буз.
31. Думбаи гӯсфанд.
32. Думи асп.
33. Шутур.
34. Саг,
35. Хорпушт.
36. Оҳу.
37. Хачир.
38. Ҷайра.
39. Хирс.
40. Мурғ.
41. Хурӯс.
42. Тухм, чӯҷа.
43. Товус.
44. Фароштурук.
45. Майна.
46. Акка.
47. Булбул.
48. Кабк.
49. Лаклак.
50. Калоғ.
51. Кирмак.
52. Пилла.
53. Кӯршабпарак.
54. Кайк.
55. Кирми лойхӯрак.
56. Хонаи занбӯр.
57. Занбӯри асал.
58. Орӯ.
59. Малах.
60. Мӯрча.
61. Пашша.
62. Сӯзанак.
63. Тортанак.
64. Ҳавоборонак.
65. Шулук.
66. Мор.
67. Муш.
68. Сангпушт.
69. Моҳӣ.
70. Моҳӣ.
71. Лола.
72. Заъфарон.
73. Садбарг.
74. Гули савсан.
75. Гули сияҳгӯш.
76. Себарга.
77. Пӯдина.
78. Райҳон.
79. Кавар.
80. Ревоҷ.
81. Пиёзи анзур.
82. Замбурӯғ.
83. Хори болои девор.
84. Кӯкнор.
85. Ғалла.
86. Гандум.
87. Нахӯд.
88. Лубиё.
89. Ҷуворимакка.
90. Офтобпараст.
91. Тарбуз.
92. Харбуза.
93. Каду.
94. Лаблабу.
95. Бодиринг.
96. Пиёз.
97. Сабзӣ.
98. Шалғам.
99. Қаламфур.
100. Пахта.
101. Анор.
102. Анҷир.
103. Анору анҷир ва ангур.
104. Шаҳтут.
105. Биҳӣ.
106. Гелос.
107. Зардолу, пӯчоқи донак.
108. Дӯлона.
109. Санҷид.
110. Писта.
111. Чормағз.
112. Арча.
113. Маҷнунбед.

114. Марминҷон.
115. Одам.
116. Кӯдакӣ, миёнсолӣ, пирӣ.
117. Кӯдак.
118. Ном.
119. Майнаи сар.
120. Кокул.
121. Қош(абрӯ).
122. Чашм.
123. Бинӣ.
124. Дандону забон.
125. Лабу дандон.
126. Гӯш.
127. Кафу панҷа.
128. Пойҳо.
129. Ангӯштҳо.
130. Пойҳо.
131. Тағора ва хамир.
132. Палав.
133. Кабоб(шашлик).
134. Тушбера.
135. Угро.
136. Қатлама.
137. Тухм.
138. Асал.
139. Тоқӣ.
140. Ҷурғот.
141. Тоқӣ.
142. Телпак.
143. Шим.
144. Камарбанд.
145. Пойафзол.
146. Калӯш.
147. Мӯза.
148. Болишт.
149. Кӯрпа.
150. Гӯгирд.
151. Дег.
152. Танӯр.
153. Пиёла.
154. Қошуқ.
155. Чароғ.
156. Соат.
157. Оина.
158. Гаҳвора.
159. Асо.
160. Бодбарак.
161. Ҳаммом.
162. Осиёб.
163. Сутун.
164. Болор.
165. Дар.
166. Мӯрӣ.
167. Занҷири дар.
168. Қулф.
169. Қулфу калид.
170. Чарх.
171. Чарха.
172. Дӯкони бофандагӣ.
173. Сӯзан.
174. Ангӯштпона.
175. Корду ғилоф.
176. Арра.
177. Сабад.
178. Элак.
179. Ғалбер.
180. Тарозу.
181. Мех.
182. Нардбон.
183. Ҷорӯб.
184. Каланд.
185. Табар.
186. Зин.
187. Тиру камон.
188. Ангӯштарин.
189. Ҳалқа.
190. Китоб.
191. Мактаб.
192. Харита.
193. Қалам.
194. Аломати савол.
195. Доира.
196. Дутор.
197. Чанг.
198. Лабчанг.
199. Карнай.
200. Нақора.

# Охирсухан

Мурратибони китоб ба хешовандони мар{ум Эргашбой Исфандиёров ва Анвархон Исфандиёров барои чоп кардани китоб кемаки моддb расониданашон из{ори миннатдорb баён менамоянд.

# Мундариҷа


Пешгуфтор
Баҳри беканори панду ҳикматҳо.
Дар васфи ҳаёт, зиндагӣ, халқ.
Дар васфи илму дониш ва танқиди бедонишиву нодонӣ.

Дар васфи ақлу хирад, ақл, ҳуш, зеҳн.
Дар васфи ҳунару ҳунармандӣ.
Дар васфи некиву накӯкорӣ.
Дар васфи дӯстиву рафоқат.
Дар васфи ростиву растагорӣ.
Дар васфи кӯшишу ғайрат, зиракӣ ва ҳушёрӣ.
Васфи зан дар шеърият.
Дар васфи падару модар ва фарзанд.
Дар васфи забон, сухану сухандонӣ.
Дар васфи мардӣ ва мардонагӣ, одаму одамгарӣ.
Дар бораи устод ва одоби шогирдӣ.
Дар васфи парҳез ва парҳезкорӣ.
Дар васфи сабру тоқат ва умедворӣ.
Дар васфи кӯшиш ва азму ҳиммат.
Дар васфи хоксорӣ ва зебу зиннат.
Дар васфи деҳқонӣ.
Дар васфи адлу инсоф ва давлату давлатдорӣ.
Дар васфи ишқу ошиқӣ.
Дар сифоти дарвешон.
Дар васфи ватану ватандӯстӣ.
Мазаммати бадиву бадкорӣ.
Пандҳо дар ҳар хусус.
Зарбулмасалу мақолҳо.
Чистонҳо.
Гулчини рубоиву дубайтӣ, қитъаву порча ва ғазалҳои машҳур.
Ҷавоби чистонҳо.
Охирсухан.
Мундариҷа.